ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМӢ–ТАДҚИҚОТИИ ФАРҲАНГ ВА ИТТИЛООТ

МИНИСТЕРСТВО КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
НАУЧНО – ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЙ ИНСТИТУТ
КУЛЬТУРЫ И ИНФОРМАЦИИ

MINISTRY OF CULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
RESEARCH INSTITUTE OF CULTURE AND INFORMATION

# ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ

***Нашрияи илмию таҳлилӣ***
**2019, № 1 (45)**

# ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ

***Научно–аналитическое издание***
**2019, № 4 (45)**

# HERALD OF CULTURE

***Scientific and analytical edition***
**2019, № 1 (45)**

Душанбе – 2019

ТДУ 37 тоҷик+008+025+9 тоҷик+792 тоҷик
ТКБ – 71.0+71.4 (2 тоҷик)+63.3 (2 тоҷик)+85.313 (2 тоҷик)+78.34 (2 тоҷик)
П–14

**Паёмномаи фарҳанг:** нашрияи илмию таҳлилии Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот / Сармуҳаррир Ш. Комилзода; муҳаррири масъул М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2019. – № 1 (45). – 128 с.

**Муассиси маҷалла:**
Пажӯҳишгоҳи илмӣ–тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Комилзода Шариф** — **САРМУҲАРРИР:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ–тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Раҳимӣ Дилшод** — **ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР:**
номзади илмҳои филологӣ, муовини директори ПИТФИ оид ба корҳои методӣ

**Муродов Мурод Бердиевич** — **МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи ахбори омма ва табъу нашри ПИТФИ

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз** — доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АИ ҶТ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа

**Муллоаҳмадов Мирзо** — доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ

**Суфиев Шодимаҳмад** — доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии АИ ҶТ

**Камолов Ҳамзахон** — доктори илмҳои таърих, сарходими Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ

**Буризода Қурбоналӣ** — номзади илмҳои таърих, дотсент, директори Хонаи китоби Тоҷикистон

**Зубайдов Абӯбакр** — номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини директори ПИТФИ оид ба илм

**Саъдиев Шуҳрат** — номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари илмии ПИТФИ

Маҷалла соли 2000 таъсис ёфтааст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №101/МҶ-97 аз 11 марти соли 2019 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 17 (ошёнаи 2). Сомонаи пажӯҳишгоҳ: www.pitfi.tj; сомонаи маҷалла: www.farhangnoma.tj; e-mail: fpayom@gmail.com; Тел.: (+992 37) 233-58-84. Индекси обуна: 77728.

Маҷалла мувофиқи шартномаи литсензионии №532–09/2013 аз 12 сентябри соли 2013 дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва мунтазам дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Дараҷаи илмии мавод, саҳеҳии арқом, санаду иқтибосҳо ба дӯши муаллифон аст. Бознашри мавод танҳо бо ризоияти идораи нашрия ва иқтибос ба маҷалла сурат мегирад.

Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст.

ISSN 2306–6423 © ПИТФИ, 2019

УДК 37 тадж+008+025+9 тадж+792 тадж
ББК – 71.0+71.4 (2тадж)+63.3 (2тадж)+85.313 (2тадж)+78.34 (2тадж)
В–38

**Вестник культуры:** научно-аналитическое издание Научно-исследовательского института культуры и информации / Гл. редактор Ш. Комилзода; ответственный редактор М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2019. – № 1 (45). – 128 с.

**Учредитель журнала:**
Научно-исследовательский институт культуры и информации Республики Таджикистан

**Комилзода Шариф** — **ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:** кандидат педагогических наук, доцент, директор Научно-исследовательского института культуры и информации Республики Таджикистан

**Рахими Дилшод** — **ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:** кандидат филологических наук, заместитель директора НИИКИ по методической работе

**Муродов Мурод Бердиевич** — **ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР:** доктор филологических наук, профессор, зав. отделом СМИ и издательского дела НИИКИ.

**РЕДКОЛЛЕГИЯ:**

**Рахмонзода Абдуджаббор Азиз** — доктор филологических наук, профессор, академик АН РТ, помощник Президента Республики Таджикистан по вопросам социального развития и связям с общественностью

**Муллоахмадов Мирзо** — доктор филологических наук, профессор, член корреспондент АН РТ

**Суфиеи Шодимахмад** — доктор филологических наук, директор Центральной научной библиотеки имени Индира Ганди АН РТ

**Камолов Хамзахон** — доктор исторических наук, главный научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша АН РТ

**Буризода Курбонали** — кандидат исторических наук, директор Дома книги Таджикистана

**Зубайдов Абубакр** — кандидат исторических наук, доцент, заместитель директора НИИКИ по научной работе

**Саъдиев Шухрат** — кандидат исторических наук, доцент, ведущий научный сотрудник НИИКИ

Журнал основан в 2000 г.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №101/ж-97 от 11 марта 2019 г.

Адрес: 734018, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Н. Карабаева, 17 (2 этаж). Сайт института: www.pitfi.tj; Сайт журнала www.farhangnoma.tj; e-mail: fpayom@gmail.com; Тел.: (+992 37) 233-58-84; Почтовый индекс: 77728.

Журнал, на основе лицензионный договора №532-09/2013 от12 сентября 2013 года, включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ) и регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Авторы несут ответственность за научный уровень материалов, правильность фактов и цитат своих статей. Перепечатка возможна при условии согласования с редакцией и ссылки на журнал.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещаются в официальной сайте журнала.

ISSN 2306–6423 © НИИКИ, 2019

DC 37 Taj +008+025+9 Taj +792 Taj
ЗC – 71.0+71.4 (2Taj)+63.3 (2Taj)+85.313 (2 Taj)+78.34 (2Taj)
H–11
**Herald of Culture:** scientific and analytic edition of the Research Institute of Culture and Information / Editor in Chief Sh. Komilzoda; responsible editor M. Murodov. – Dushanbe: Arzhang, 2019. – № 1 (45). – 128 p.

**HERALD OF CULTURE**
**Founder of the journal**
Research Institute of Culture and Information (RICI)
of the Republic of Tajikistan

**Komilzoda Sharif** — **EDITOR IN CHIEF,** Candidate of pedagogical sciences, docent, Director of the Research Institute of Culture and Information of the Republic of Tajikistan

**Rahimi Dilshod** — **DEPUTY EDITOR** Candidate of philological sciences, Deputy Director of the RICI for methodical issues.

**Murodov Murod Berdievich** — **RESPONSIBLE EDITOR:** Doctor of philological sciences, Professor, Head of the Department of Mass Media and Publishing issues of the RICI.

**EDITORIAL BOARD:**

**Rahmonzoda Abdujabbor Aziz** — Doctor of philological sciences, Professor, Academician of the AS RT, Assistant of the President of the Republic of Tajikistan on Issues of Social Development and Public Relation.

**Mulloahmadov Mirzo** — Doctor of philological sciences, Professor, Corre - spondent member of the AS RT.

**Sufiev Shodimahmad** — Doctor of philological sciences, Director of the Central scientific library of the Academy of Sciences named after Indira Gandhi.

**Kamolov Hamzakhon** — Doctor of historical sciences, Main scientific fellow of the Ahmad Donish Institute of history, archeology and ethnography, AS RT.

**Burizoda Kurbonali** — Candidate of historical sciences, Director of the Book Chamber of Tajikistan.

**Zubaydov Abubakr** — Candidate of historical sciences, Deputy Director of the RICI for science.

**Sa'diev Shuhrat** — Candidate of historical sciences, Leading research fellow, docent.

**The journal established in 2000.**

The journal was registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan and obtained the Certificate №101/jr in march 11, 2019.

Address: 734018, Dushanbe, N. Karabaev avenue 17 (second floor). Tel.: (+992 37) 233-58-84; Website of organization: www.pitfi.tj; Website of journal: www.farhangnoma.tj; e-mail: fpayom@gmail.com. Indeks pochty: 77728.

The journal was included under License contract №532–09/2013 since September 12, 2013, to the Russian Science Citation Index (RSCI) and regularly submits its informational metadata.

Authors are responsible for scientific level of the materials, correctness of facts and quotations of their articles. Publishing materials will take place according to editorial conclusion.

The full text version of the published materials will be placed at its official website

ISSN 2306–6423

© RICI, 2019

ТДУ 37тоҷик+008+327тоҷик+8тоҷик+8узб+9тоҷик
**Набиев В.**

# ФАРҲАНГ ВА ТАҲКИМИ РИШТАҲОИ ДӮСТӢ

*Дар мақола робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар марҳалаи соҳибистиқлолӣ инъикос карда шудааст.*

*Дар он бо далелҳои асоснок шаклу усулҳои ҳамкории фарҳангии халқҳои тоҷику ӯзбек дар замони имрӯз мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Мавқеи намоёнро дар мақола саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ишғол менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *фарҳанг, ҳамкории дуҷониба, Рӯзҳои фарҳангӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Фонди байнидавлатии ҳамкории гуманитарӣ, фестивалҳо, консертҳои “Шоми дӯстӣ”, ҳавасмандгардонии ходимони санъат.*

Тоҷикистону Ӯзбекистонро таърихан муносибатҳои неку дӯстонаи чандинасра ба ҳам мепайванданд. “Мардумони моро, - таъкид менамояд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, - суннатҳои бисёрарсаи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва эҳтироми ҷонибайн муттаҳид месозанд”[12].

Дӯстии мардуми тоҷику ӯзбек таърихи тӯлонӣ дошта, дар давоми асрҳо аз санҷиши рӯзгорон гузаштааст. Шоирону нависандагон ин ду халқро бо ду мағзи як бодом, як себи дукафон, ду сатри як байт, ду саҳифаи як китоб, ду шохоби як дарё, ду чашми як одам, бародарони ҳамзод ва амсоли ин шабеҳ кардаанд, ки алҳақ росту дуруст аст ва гузашта аз ин халқҳои тоҷику ӯзбекро, ки дар таърих, маданият, сару либос, мусиқиву ракс, меъмориву табиат, хулқу атвор ва расму одат хеле қаробат доранд, метавон як халқи дузабона номид. Тоҷикон ва ӯзбекон кишвари дӯстӣ ва бародариро дар давоми садсолаҳо маъмур сохта, дар кӯраи муборизаҳо бар зидди аҷнабӣ ва золимони маҳал обутоб додаанд. Бинобар ин дар бисёр шаҳру деҳоти ин ду сарзамин ӯзбекон ва тоҷикон дар ҳамсоягиву ҳамдеворӣ зиндагӣ мекунанд, деҳаҳои тоҷикнишину ӯзбекнишин паси ҳам меоянд.

Таърих шоҳиди дӯстии бародарона ва ҳамкории Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, Мавлоно Муқимӣ ва Тошхӯҷа Асирӣ, Содирхон Ҳофизу Мулло Тӯйчӣ ва дигар намояндагони ин ду халқ аст.

Дар ин хусус Шоири халқии Ӯзбекистон Абдулло Орифов нигоштааст:

Дӯсту қардошдир азалдан,
ӯзбегим тожик билан,
Иккиси бир байт ғазалдан,
ӯзбегим тожик билан,

Кай йӯсун айлай қиёс, мен бул
ширин дӯстлик сӯзин,
Тотлидир болдан, асалдан,
ӯзбегим тожик билан,
Бахтга ёр Навоий
токи Жомий бор экан,
Биз улар қӯйган тамалдан
ӯзбегим тожик билан.

Дар ҳақиқат тоҷикон ва ӯзбекон чунон ба ҳам анису мӯнис гардидаанд, ки ҳатто қиёфаи зоҳирии онҳоро фарқ кардан душвор аст. Беҳуда шоири шаҳири тоҷик Боқӣ Раҳимзода нафармудааст:

Фарқи ҳама мардумони дигар осон,
Лекин шуда мо ба ҳам чунон ҳам наздик.
Бинанда чунин суол орад ба миён:
"Эй ҷӯра, бигӯ, ту ӯзбекӣ ё тоҷик?"

Дар ин радиф шоири маъруфи ӯзбек Ғафур Ғулом сурудааст:

Яқин-куда-кудағай-қадимдан буён,
Бирини ӯғли тожик, келини ӯзбек қизи.
Отаси фарғоналик, модараш аз Бадахшон,
Она тилиси тожик, аммо ӯзбекдир ӯзи.

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон ва ӯзбекҳо ҳамеша ба таҳкими риштаҳои дӯстию бародарӣ кӯшиш мекарданд ва садоқати худро ба ин арзишҳо собит намудаанд.

Ташкил ва баргузор намудани даҳа, ҳафта ва рӯзҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва манзури мардуми ин кишварҳо гардонидани фарҳангу ҳунари бойи халқи тоҷик яке аз рукнҳои асосии дӯстию бародарӣ буд.

Баргузории рӯзҳои фарҳангии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон (солҳои 1961, 1981) ва рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон (1961, 1981) барои таҳкими равобити мутақобилаи адабию фарҳангии Тоҷикистон бо Ӯзбекистон, эҷоду тарҷума ва нашри беҳтарин осори илмию адабӣ заминаи воқеӣ фароҳам овარданд.

Моҳи сентябри соли 1981 Рӯзҳои адабиёт ва санъати Ӯзбекистон дар Тоҷикистон бори дигар дар бораи дӯстию робитаҳои фарҳангии ду халқи ба ҳам бародар – тоҷику ӯзбек шаҳодат дод. Иштироки сарварони Тоҷикистону Ӯзбекистон Ҷаббор Расулов ва Шароф Рашидов дар расми ифтитоҳи ин чорабинии муҳими сиёсию фарҳангӣ ҳусни хосса дошт.

Ҷаббор Расулов дар бораи дӯстии халқҳо – дӯстии фарҳангҳо сухан ронда аз ҷумла гуфта буд: "Дар Тоҷикистони мо бисёр устодони сухани Ӯзбекистони бародарӣ мисли Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Ғафур Ғулом, Ойбек, Ҳамид Олимҷон, Шароф Рашидов, Комил Яшен, Уйғун,

Назир Сафаров, Зулфия, Эркин Воҳидов, Абдулло Орифов ва дигаронро дӯст медоранд, эҳтиром мекунанд.

Дар саҳнаҳои театрамон пийесаҳои аксарияти драматургони ӯзбек бомуваффақият намоиш дода мешаванд. Робитаҳои фарҳангии халқҳои мо дар ҷараёни ягонаи ҳаёти маънавии тамоми халқи шӯравӣ инкишоф меёбад” [6, с.9].

Котиби якуми КМ ҲК Ӯзбекистон Шароф Рашидов бошад чунин қайд намуд: “Ҳиссиёти оилаи ягона халқҳои бо фарҳангу анъанаҳо ва урфу одати наздик аст, муттаҳид менамояд. Онҳо асрҳои аср, озмоишҳои вазнинро паси сар намуда, эътимодро ба ояндаи дурахшон ҳидоят мекарданд. Ин эътимод дар асарҳои муттафакирон ва олимон, дар сатрҳои безаволи шеърҳои шоирон инъикос ёфтаанд.

Ин умеду орзуҳои одамони оддӣ асрҳои аср дар офаридаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ, Аҳмади Дониш ва Зокирҷон Фурқат, Муқимӣ ва Асирӣ, фолклори пурғановати тоҷику ӯзбек, эҷодиёти устодони каломи бадеӣ таҷассум ёфтаанд” [9, с.13-14].

Ҳамаи ин чорабиниҳо як мақсаду маром дошт. Пеш аз ҳама мустаҳкам кардани дӯстию бародарии байни халқҳо ва тантанаи пешравии адабиёту санъат буд.

Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ташкилёбии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тақозо менамояд, ки робитаҳои сиёсию фарҳангии мамлакатҳои аъзои ИДМ мустаҳкам карда шавад. Барои ҳамин ҳам робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ду самт – дар доираи робитаҳои фарҳангии кишварҳои ИДМ ва робитаҳои мустақили Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Соҳаи фарҳанг қисми таркибии ташаккули фазои умумии гуманитарӣ мебошад. Сарварони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Оинномаи ИДМ имзо гузошта, дарк менамуданд, ки барои комёб шудан ба мақсадҳои Иттиҳод муносибатро дар асоси эҳтироми арзишҳои маънавии ҳар як халқ бунёд кардан лозим аст, ки дар навбати худ ба дарк ва омезиши фарҳанги миллӣ мусоидат менамояд. Бо ин мақсад як қатор созишномаҳо қабул намуда, инчунин Шӯроҳо дар соҳаи фарҳанг ташкил карда шуданд.

26-уми майи соли 1995 Шӯро оид ба ҳамкории фарҳангии давлатҳои иштирокчии ИДМ ташкил шуд. Фаъолияти вай ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳои якҷоя бахри татбиқи робитаҳои фарҳангӣ дар чаҳорчӯбаи Иттиҳод, баргузории чорабиниҳои якҷоя, дастгирӣ ва тарғиб намудани мероси фарҳангии давлатҳои аъзои ИДМ мебошад [3, с.105].

Боиси зикр аст, ки 4-уми феврали соли 2003 мақоми намояндагӣ дар Шӯро то ба дараҷаи вазирони фарҳанги давлатҳои аъзои ИДМ баланд бардошта шуд.

Шӯро кӯшиши зиёдеро бахри барқароркунии робитаҳои пешина дар соҳаи фарҳанг ва санъат дар чаҳорчӯбаи ИДМ ба харҷ медиҳад. Як қатор чорабиниҳои гуманитарии ҳам сатҳи байнидавлатӣ ва ҳам миллӣ амалӣ мешавад. Аз ҷумла, Форуми умумиҷаҳонӣ оид ба

гуфтугӯи байнифарҳангӣ, Бозиҳои Делфии ҷавонони давлатҳои аъзои ИДМ, ҳунарнамоии оркестри симфонии ҷавонони ИДМ, Фестивали кушоди кинои мамлакатҳои ИДМ, фестивалҳои байналмилалии театрии "Панорма", "Белая Вежа", Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ "Наврӯз"-ро номбар кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирокчии фаъоли онҳо мебошанд.

Падидаи беназири ҳаёти фарҳангии давлатҳои аъзои ИДМ таъсисёбии Фонди байнидавлатии ҳамкории гуманитарии давлатҳои аъзои ИДМ (ФБҲГ) мебошад.

25-уми майи соли 2006 дар ҷаласаи Шӯрои сарварони ҳукуматҳои ИДМ дар ш.Душанбе Шартнома дар бораи ташкил намудани Фонди байнидавлатии ҳамкории гуманитарии давлатҳои аъзои ИДМ ба имзо расид.

Шартномаро дар бораи ташкил намудани фонд 9 мамлакат: Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон имзо карданд. Фаъолияти фонд ба дастгирии лоиҳаҳо дар соҳаи фарҳанг, маориф, илм, адабиёт, санъат, варзиш, ҳамкории ҷавонон равона карда шудааст.

Раиси Раёсати ФБҲГ Сафири фавқуллода ва ваколатдори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Федератсияи Россия Пулод Булбул-уғлӣ, ҳамраиси Раёсати ФБҲГ Михаил Швидкой – Намояндаи махсуси Президенти Федератсияи Россия оид ба ҳамкории байналмилалии фарҳангӣ, директори иҷроияи ФБҲГ Анатолий Иксанов интихоб гардиданд.

Дар солҳои мавҷудияташ ФБҲГ зиёда аз 500 лоиҳаи калони байналмилалиро доир ба соҳаҳои фарҳанг, маориф, варзиш, илм дастгирӣ намуд, ки дар онҳо зиёда аз 300 ҳазор нафар аз ҳама мамлакатҳои ИДМ, Грузия ва Балтика иштирок намуданд.

Дар доираи ФБҲГ ҳамасола баргузор намудани Форуми зиёиёни эҷодкор ва илмии мамлакатҳои ИДМ қарор қабул карда шуд. Масалан, 18-19-уми сентябри соли 2008 дар Душанбе Форуми III зиёиёни эҷодкор ва илмии давлатҳои аъзои ИДМ баргузор гардид. Дар чорабинии дурӯзае, ки таҳти шиори "Аз муколамаи фарҳангҳо ва таҳаммулпазирӣ – ба ҳамғанигардонии маънавӣ ва прогресси халқҳои Иттиҳод" гузашт, намояндагони соҳаҳои фарҳанг, илм ва маорифи давлатҳои аъзои ИДМ, инчунин намояндагони сохторҳои соҳавӣ аз Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Россия, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Украина ширкат варзиданд.

Дар ҷаласаи ифтитоҳӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуд: "Аҳамияти масъалаҳое, ки шумо муҳокима хоҳед кард, мусаллам аст. Ин на танҳо ҷамъомади серодами дорои хусусиятҳои гуманитарӣ, балки тадбири муҳимест, ки ба таъмини воқеии манфиатҳои ба ҳамдигар наздики мамлакатҳои ИДМ бо кӯмаки роҳу воситаҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва гуманитарӣ мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки маҳз илму маориф ва фарҳанг сифати зиндагии инсонро

муайян карда, ба манфиатҳои ҳар фард бевосита дахл мекунанд” [7, с.155].

Бояд тазаккур дод, ки ба чорабинии мазкур инчунин намояндагони доираҳои фарҳанг, илм ва маориф, ҷавонон, ВАО, идораҳо ва ташкилотҳои давлатҳои Иттиҳод – масъулони масъалаҳои ҳамкории гуманитарӣ, роҳбарони мақомотҳои иҷроияи ИДМ, Авруосиё ва СҲШ даъват шуда буданд.

17-18-уми сентябри соли 2010 дар ш.Душанбе бо дастгирии Фонди байналмилалии ҳамкории гуманитарӣ таҳти сарпарастии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиошунавоии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Фестивали байналхалқии мусиқӣ “Осмони Иттиҳод” (“Небо Содружества”) баргузор шуд. Вазифаи асосии Фестивал – мустаҳкам намудани дӯстии байни халқҳои мамлакатҳои Иттиҳод ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ буд. Марафони дурӯза таҳти шиори “Мо гуногунем, аммо ҳамаи мо – зер як осмонем ва ин моро муттаҳид менамояд” ҷавонони боистеъдоди иҷрокунандаи суруду мусиқии эстрадиро аз Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Россия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, инчунин Грузия гирд оварда буд [3, с.111].

Дар муносибати дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон самти мустақилонаи робитаи фарҳангии ду кишвар мақоми хосса дорад. 4-уми январи соли 1993 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Аҳдномаи дӯстӣ имзо шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатӣ бо мамлакати хориҷӣ баста буд.

Дар соли 1998 дар шаҳри Тошканд ба имзо расидани Созишнома “Дар бораи ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи фарҳанг” ба муносибати фарҳангии байни ҷумҳуриҳо такони нав дод, ки вай дар табодули сермаҳсули барномаҳои фарҳангӣ мушоҳида карда мешуд.

Моҳи июни соли 1998 дар шаҳри Тошканд Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон баргузор шуд, ки дар он зиёда аз 300 нафар ходимони фарҳанг ва адабиёт иштирок намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими тантанавии ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон чунин қайд намуд: “Писарону духтарони мамлакати мо ба анъанаҳои ниёгонашон содиқ буда, ҳамеша дӯш ба дӯши ҳамдигар барои пешрафти адабиёту фарҳангу маориф ва баланд бардоштани шаъну эътибори инсон ҷидду ҷаҳд менамоянд. Зиёиён ва олимони мо ҳамдигарро дар ҷараёни кори муштарак ҳам Тоҷикистон ва ҳам Ӯзбекистон хеле хуб мешиносанд...

Тоҷикон ва ӯзбекҳо бо забонҳои гуногун ҳарф зананд ҳам, муносибати онҳо намунаи бародарии самимона ва ҳақиқӣ мебошад”[8, с.401].

Каме дертар дар шаҳри Тошканд гастроли ансамбли машҳури фолклории “Ганҷина” баргузор гардид. Дар навбати худ ансамблҳои машҳури мусиқии “Ялла”, “Дадо”, “Ситора”, гурӯҳи Юлдуз Усмонова

ва дигарон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон баромад карда, санъати ӯзбекро пешкаши тамошобинон намуданд.

Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон (апрели соли 2000) ва сафари аввалини расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И. Каримов ба Тоҷикистон (июни соли 2000) нисбати инкишофи муносибатҳои дӯстона таъсири мусбат расониданд.

Дар ҷамъбасти сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И. Каримов 15-уми июни соли 2000-ум байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон Аҳднома "Дар бораи дӯстии абадӣ" ба имзо расид. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И. Каримов ҳангоми вохӯрӣ бо зиёиёни тоҷик барҳақ иброз кард, ки тоҷикону ӯзбекон як халқанду бо ду забон ҳарф мезананд.

Консерти муштараки устодони санъати Тоҷикистону Ӯзбекистон тараннумгари дӯстии ҷудонашавандаи халқҳои тоҷику ӯзбек буд. Бо ташаббус ва хирадмандии Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон ба санъаткорони номдори Ӯзбекистон Фаррух Зокиров ва Мардон Мавлонов унвони фахрии "Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон" дода шуд.

Робитаҳои фарҳангӣ шаклу усулҳои гуногунро фарогир буданд. Масалан, дар соли 2004 дар пойтахти Тоҷикистон гастроли ҳунарпешагони машҳури Ӯзбекистон Анвар Санаев, Фирӯза Ҷумъаниёзова, Равшан ва Фаррух Комиловҳо барпо гардид.

Дар соли 2006 бошад режиссёри номдори Ӯзбекистон О. Салимов пйесаи драматурги ӯзбек И. Содиқов "Панҷ зани Хоҷа Насриддин"-ро дар Театри давлатии драмавии русии Тоҷикистон ба номи В. Маяковский ба саҳна гузошт [3, с.114].

Саҳифаи нави пурғановат ва таърихиро дар таҳкими дӯстию бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон боз намуд.

7-уми марти соли 2018 ҳайати фарҳангӣ ва санъати Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои иштирок дар консерти тантанавии ходимони фарҳангу санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба ш.Душанбе омаданд. Ба ҳайати меҳмонон сарояндагон, навозандагон ва раққосони маъруфи Ӯзбекистон, аз ҷумла Ҳунарпешагони халқии Ӯзбекистон Шералӣ Ҷӯраев, Юлдуз Усмонова, Фаррух Зокиров, Озодбек Назарбеков, Бунёдбек Саидов ва дигарон шомил буданд. Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Фаррух Зокиров фараҳмандона чунин иброз намуд: "Хеле шод аз он ҳастам, ки муносибатҳо миёни кишварҳоямон наздиктар мешаванд ва табодул дар ҳамаи соҳаҳо меафзояд. Мо бесаброна ин рӯзро интизор будем. Шахсан ман Душанберо пазмон шудаам, зеро дер боз ин ҷо набудам. Шаҳри Душанбе тамоман ба таври шинохтанашаванда дигаргун шудааст"[13].

Рӯзи 9-уми марти соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар консерти тантанавии ходимони фарҳангу санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон

таҳти унвони “Шоми дӯстӣ”, ки дар Кохи Борбад баргузор шуд, иштирок намуданд.

Дар баромади худ Сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев инчунин оид ба идомаи анъанаи неки муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамсоягӣ, хешу таборӣ ва рушду густариши ҳамкории гуногунҷанба ба манфиати мардумони ҳар ду кишвар андешаронӣ карда, баргузории консерти устодони санъати Тоҷикистону Ӯзбекистонро таҳти унвони “Шоми дӯстӣ” намунаи беҳтарини ҳамкории фарҳангӣ маънидод намуданд. Дар ин раванд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намуд: “Муҳтарам Шавкат Миромонович, нахустин сафари Шуморо ба Тоҷикистон ба ҳайси Сарвари давлати Ӯзбекистони бародар ҳамчун сафари таърихӣ ва муждаи нави солинавӣ дар муносибатҳои мутақобилаи дӯстонаи халқҳоямон арзёбӣ мукунем.

Робитаҳои гуногунҷабҳаи байни тоҷикону ӯзбекҳо бар таҷриба ва муносибатҳои дарозмуддате, ки дар раванди таърихӣ ба миён омадаанд, асос ёфтааст.

Умумияти анъанаҳо, расму оинҳо, ақоиди динӣ, тарзи зиндагӣ ва ҳатто услуби либосҳои миллӣ, инчунин хусусиятҳои санъати мардумӣ, ки тӯли асрҳо ташаккул ёфтаанд, табиатан халқҳои моро наздик намуданд”[11].

Афзалияти ҳамкориҳои фарҳангиро ба назар гирифта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Изҳороти муштараки худ оид ба таҳкими дӯстӣ ва накӯҳамсоягӣ қайд намудаанд: “Роҳбарони ҳар ду давлат хусусияти афзалиятноки ҳамкориҳоро дар соҳаи фарҳангию гуманитарӣ, рушди робитаҳои мустақим ва табодули таҷриба байни муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, воситаҳои ахбори омма, иттиҳодияҳои эҷодӣ ва варзишӣ, ташкилотҳои ҷавонон ва бонувон, иттифоқҳои касаба ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъкид намуданд.

Сарони давлатҳо баргузории муваффақонаи рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2017 баланд арзёбӣ намуданд”[2] .

Ифтитоҳи Боғи фарҳангии ба номи Алишери Навоӣ дар ш.Душанбе таҷассуми дӯстии тоҷикону ӯзбекҳо мебошад. Ҳайкали боҳашамати Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, ки онро Арбоби санъати Тоҷикистон Ғафурҷон Ҷӯраев офаридааст ба Боғи Алишери Навоӣ ҳусну таровати зебо бахшидааст.

Бо мақсади амалӣ намудани санадҳои ҳамкории Тоҷикистон Ӯзбекистон 20-22-уми апрели соли 2018 Рӯзҳои фарҳангии вилояти Суғд дар вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо иштироки ходимони фарҳангу санъат, нависандагону шоирон гузаронида шуд. Дар рӯзҳои таҷлили Иди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар вилояти Суғд Рӯзҳои фарҳангии Самарқанд баргузор гардиданд.

Ҳамзамон дар доираи ҳамкории мутақобилан судманди илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 1-уми

августи соли 2018 ҳайати беш аз панҷоҳнафараи фарҳангчиёни тоҷик таҳти роҳбарии вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода ба Тошканд сафар кард. Ба ҳайат инчунин адибони маъруфи тоҷик Меҳмон Бахтӣ, Аскар Ҳаким, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Камол Насрулло, Абдураҳмон Абдуманнон, Зулфия Атоӣ, Сулаймон Эрматов ва як гурӯҳ ходимони санъат шомил буданд [10] .

Ташрифи давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон (17-19-уми августи соли 2018) саҳифаи зарринро дар таҳкими дӯстию бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек боз намуд.

Ба имзо расидани 26 ҳуҷҷати нав дар бораи ҳамкории байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шаҳодати навиштаҳои болоянд. Дар баробари аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба имзо расидани Изҳороти муштарак ва Шартнома дар бораи ҳамкории стратегии байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон як қатор ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои зерин имзо карда шуданд:

– Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Кумитаи телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати миллии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи телевизион ва радио; [5]

– Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат ва Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2018-2020;

– Ёддошти тафоҳум доир ба ҳамкорӣ миёни Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва робитаҳои дӯстона бо кишварҳои хориҷии назди Девони вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Сарони давлатҳо бо ишора ба умумияти бисёрасраи таърихию фарҳангии ду мардуми бародар ба тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ аҳамияти махсус медиҳанд.

Тарафҳо тамосҳои мустақим ва барқарор гардидани робитаҳоро байни доираҳои илмиву эҷодӣ ва муассисаҳои дигари соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ, инчунин баргузории чорабиниҳои зиёди тарафайнро бо иштироки ходимони фарҳанг ва санъати Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, ки ба ҳамдигарфаҳмии бештар ва наздиктар шудани мардуми ду кишвар мусоидат мекунад, бо қаноатмандӣ қайд намуданд.

Тарафҳо минбаъд ҳам кӯшиш хоҳанд намуд, ки барои ӯзбекон ва тоҷикони дар қаламрави онҳо сукунатдошта ҷиҳати ҳифз ва инкишоф додани забони модарӣ, фарҳанги миллӣ ва расму анъанаҳо шароити мусоид фароҳам созанд.

17-уми августи соли 2018 дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев “Барои саҳми сазовори шахсӣ дар таҳкими робитаҳои бисёрасраи дӯстӣ, таъмини муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва

ҳамдигарфаҳмӣ, тавсеаи робитаҳои гуногунҷанбаи фарҳангӣ ва гуманитарӣ байни халқҳои бародари ӯзбеку тоҷик, барои хизматҳои бузург дар рушди ҳамкории самарабахши Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба манфиати наслҳои имрӯзу оянда, ташаббусҳои самаранок барои таъмини сулҳ, амният ва субот дар минтақаи мо” бо мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ордени “Эл Юрт Ҳурматӣ” сарфароз гардонида шуд [11].

Падидаи неки сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин баргузории консерти мутантани ходимони санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таҳти унвони “Шоми дӯстӣ” буд. Сарварони ҳар ду кишвар дар бораи идомаёбии анъанаҳои неки муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамсоягӣ, авлодӣ, инкишоф ва васеъ гардидани ҳамкории ҳамаҷониба ба манфиати халқҳои тоҷику ӯзбек суханронӣ намуда, консерти устодони санъати Тоҷикистону Ӯзбекистон “Шоми дӯстӣ”-ро ҳамчун намунаи беҳтарини ҳамкории фарҳангӣ ҳисобиданд.

Таърих гувоҳ аст, ки нақши тоҷикон ва ӯзбекон дар рушди санъати миллии ҳамдигар бағоят бузург аст. Ҳар ду халқ ба “Шашмақом” умри дубора бахшидаанд. Тавассути фарзандони фарҳангпарвари тоҷику ӯзбек мусиқии “Шашмақом” рушд карда, дар ҳар ду кишвар мақому ҷойгоҳи хос пайдо намудаст. “Мо ба «Шашмақом», - иброз намудааст Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, – ҳаёти дубора бахшидем ва бо қарори ЮНЕСКО ин намуди санъати аҷдодони мо мероси маънавию фарҳангии халқҳои тоҷику ӯзбек эълон гардид.

Устодони бузурги мақом Ҳоҷӣ Абдулазиз Самарқандӣ, Бобоқул Файзуллоев ва Фазлиддин Шаҳобов дар тарбияи садҳо нафар ходимони санъати халқҳои мо нақши муҳим бозиданд.

Мактаби иҷрои мақоми онҳо то ҳол дар Тошканду Бухоро, Самарқанд, Хиваву Фарғона, Душанбеву Хуҷанд, Конибодом, Истаравшан, Панҷакент ва Исфара фаъолият мекунад ва далели равшанӣ робитаҳои дӯстона ва ҳамкории самараноки ходимони фарҳангии халқҳои мо мебошад”[11].

Бо мақсади арҷгузорӣ ва тарғиби “Шашмақом” бо ташаббуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 6-ум то 10-уми сентябри соли 2018 дар Шаҳрисабз Форуми нахустини байналхалқии санъати мақом гузаронида шуд. Дар Форуми мазкур зиёда аз 300 нафар ҳофизон ва мутрибон аз 73 мамлакати дунё иштирок намуданд. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ бо сухани табрикӣ баромад кард.

Боиси ифтихор аст, ки “Академияи мақоми Тоҷикистон” таҳти сарварии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Абдувалӣ Абдурашидов сазовори Шоҳҷоизаи Форум ва 15 ҳазор доллари ИМА гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки муассисони Форум қарор доданд, ки Форуми байналхалқии санъати мақом минбаъд дар ду сол як маротиба гузаронида шавад.

Қадрдонӣ намудани аҳли фарҳанги кишварҳои ҳамдигар яке аз рукнҳои даврони соҳибистиқлолӣ мебошад. Тибқи Фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 28-уми августи соли 2018 як гурӯҳ ходимони давлатӣ, намояндагони соҳаи илм, маориф ва фарҳанги Ӯзбекистон, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар таҳкиму тавсеа ва густариши муносибатҳои дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, робитаҳои фарҳангию башардӯстона, иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи самарабахши байни ду кишвар ба манфиати мардумони тоҷику ӯзбек саҳми босазо гузоштаанд, бо мукофотҳои давлатии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла, барои саҳми арзанда дар таҳкими муносибатҳои фарҳангӣ Шералӣ Ҷураев – ҳофизи муассисаи давлатии "Узбекконсерт" ва Мавлуда Халилова – ходими калони илмии шуъбаи "Устод - шогирд мактабӣ»-и Маркази миллии ӯзбекии санъати мақоми Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо унвони фахрии "Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон"қадрдонӣ гардиданд [4].

Дар навбати худ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Давлатманд Холов – роҳбари ансамбли "Фалак"-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Адҳам Холиқов – солисти Театри опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сазовори унвони фахрии "Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон" сарфароз шуданд.

Ҳамин тавр, рушд ва таҳкими ҳамкории дуҷониба миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон на танҳо барои ояндаи халқҳои тоҷику ӯзбек, балки барои таъмини сулҳу субот ва амният дар тамоми минтақа низ аҳамияти стратегӣ дорад.

**Адабиёт**


1. Арҷгузории ташаббусҳои башардӯстона // Ҳақиқати Суғд. – 2018. – 21 август.
2. Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев оид ба таҳкими дӯстӣ ва накӯҳамсоягӣ // Минбари халқ. – 2018. – 14 март.
3. Каримова, Р. Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991-2011 гг.) / Р.Н.Каримова. – Душанбе: Дониш, 2013. – 212 с.
4. Пешвои миллат намояндагони Ӯзбекистонро бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз намуданд // Ҷумҳурият. – 2018. – 31 август.
5. Подписание новых документов о сотрудничестве между Таджикистаном и Узбекистаном // Согдийская правда. – 2018. – 22 августа.
6. Расулов, Д. В труде и песне – вместе // Д.Расулов // Дружба – это прекрасно! – Душанбе: Ирфон, 1982. – С.9-12.
7. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар Анҷумани сеюми зиёиёни эҷодкор ва илмии кишварҳои аъзои ИДМ, ш.Душанбе, 18 сентябри соли 2008 / Э.Раҳмон // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2010. – Ҷ.9. – С.146-155.
8. Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар маросими ботантанаи ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, Тошканд 30 июни соли

1998 / Э.Раҳмонов // Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ.2. – С.400-402.

9. Рашидов, Ш. Наша братство нерасторжима // Ш.Рашидов // Дружба – это прекрасно! – Душанбе: Ирфон, 1982. – С.13-15.

10. Рӯзи васли дӯстдорон: Сафари ҳайати мӯътабари аҳли адабу фарҳанги Тоҷикистон ба Ӯзбекистон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 9 август.

11. Суханронии Пешвои миллат дар "Шоми дӯстӣ" // Минбари халқ. – 2018. – 14 март.

12. Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: таърихи нави муносибатҳо // Минбари халқ. – 2018. – 14 март.

13. Устодони санъати Ӯзбекистон – меҳмони гиромии тоҷикон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 15 март.

**Набиев В.**

## КУЛЬТУРА И УКРЕПЛЕНИЕ ДРУЖБЫ

В статье освещается культурные связи Республики Таджикистан и Республики Узбекистан в условиях независимости.

На основе фактических материалов анализируются формы и методы культурного сотрудничества таджикского и узбекского народов. Особое место в статье занимает вклад Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева в укреплении культурных связей.

**Ключевые слова:** культура, двустороннее сотрудничество, Дни культуры, Межгосударственный фонд гуманитарного сотрудничества, фестивали, концерты «Вечер дружбы», стимулирование деятелей культуры.

**Nabiev V.**

## CULTURE AND STRENGTHENING OF BONDS OF FRIENDSHIP

This article highlights the cultural relationships of the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan in the period their independence. On the basis of concrete materials are analyzed the forms and procedures of cultural cooperation of the Tajik and Uzbek people. A specific place in the article is given to contributions of the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Mr. Emomali Rahmon and the President of the Republic of Uzbekistan Mr. Shavkat Mirziyoev in strengthening of cultural ties.

**Keywords:** culture, bilateral cooperation, Culture Days, Intergovernmental Foundation for Educational, Scientific and Cultural Cooperation, concerts "Evening of friendship", stimulation of cultural figures.

ТДУ 001(092)+008+37тоҷик+9тоҷик+398+394.2+902
Зубайдов А.

# ҲИФЗ ВА ГИРОМИДОШТИ АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Дар мақола баъзе масоили ҳифз ва гиромидошти арзишҳои фарҳангии мардуми тоҷик дар партави Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 декабри соли 2018 баррасӣ гардидааст. Дар Паём комёбиҳои дар соли 2018 ба дастовардаи кишвар, ба вижа, муваффақиятҳои соҳаи фарҳанг арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон ба сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг диққати махсус дода шуд. Аз хулосаҳои Сарвари давлат бармеояд, ки сарчашмаи асосии пойдор мондани миллати тоҷик дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардани он маҳз фарҳанги бостонаш будааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, Паём, фарҳанг, мардуми тоҷик, Сада, Фалак, чакан, шаҳри Саразм, зиёӣ, чархаи Рогун.*

Дар солҳои Истиқлолияти давлатии кишвар тавассути роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои созандаи халқи мо аз Паём то Паём гузошта мешаванд ва халқи заҳматкашу сарбаланди тоҷик бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ аз паи иҷрои онҳо мегардад. Ҳар сол, дар Паёми навбатӣ вижагиву ҳадафҳои бузургтар, вазифаҳои тақдирсози нав ба нав гузошта мешаванд, ки дар амал татбиқ гардидани онҳо моро ба марҳалаҳои шукуфоиву ободонӣ ва сатҳи баландтари зиндагӣ мерасонад.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар сар карда, рушди фарҳанги миллӣ дар мадди назари давлату ҳукумати кишвар қарор дорад ва мантиқи аслии сиёсати онро ташкил медиҳад. Фарҳанг як рукни асосии ҷомеаи башарӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он сиёсатҳои идеологии давлатӣ бештару рӯшантар дар амал татбиқ мегарданд. Ин омил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фарҳанг фарогири паҳлуҳои фароху доманадор буда, ҷомеаи башарӣ аз қадамҳои нахустин ба он ниёзманд аст. Боиси хушнудист, ки дар заминаи сиёсати хирадмандонаи фарҳангии Президенти кишвар айни замон халқи тоҷикро дар минтақа ва ҷаҳон чун мардуми тамаддунофару фарҳангпарвар эътироф намудаанд. Фарҳанг барои халқи тоҷик омили ҷомеасоз, ваҳдатофар ва дӯстиву бародарӣ гашта, якдиливу ягонагии кишварро таъмин менамояд. Аз ҷониби қишрҳои гуногуни ҷомеа якдилона ҷонибдорӣ ёфтани сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумати кишвар гувоҳи гуфтаҳои болост. Мавриди зикр аст, ки чунин ҷараёни мусбатро, пеш аз ҳама, ҳадафу мароми фарҳангии Пешвои миллат таъмин сохтааст. Паёмҳои ҳарсолаи Президент ба мардуми кишвар худ намунаи олии фарҳанги миллист. Дар он чандин унсурҳои маънавии миллии тоҷикӣ, аз қабили забон, лаҳни ширину гуворову дилрас, сулҳу ваҳдати тоҷик, ахлоқи ҳамидаву фитрати баланди тоҷикона ва амсоли инҳо ба ҳам

омада, фарҳанги миллии моро бо ҳама назокаташ ҷилвагар месозанд. Шукрона аз он мекунем, ки айни замон фарҳанги халқи тоҷик миллатсозу давлатсоз гаштааст ва ифтихори ҳар як зиёиву фарди фарҳангист, ки каломи мароми Пешвои миллат дар партави фарҳанги миллӣ сурат мегирад.

Дар Паёми имсолаи Президенти кишвар низ фарҳанг чун меҳвари асосӣ дар баёни масоили гуногун таҷассум гардид. Шурӯъ аз масъалаҳои сиёсати байналхалқӣ, ки бештар тавассути фарҳангҳо ҳадафҳо пиёда мешаванд, то соҳаҳои иқтисод, маориф, ҳуқуқ, варзиш, тандурустӣ, кишвоарзӣ ва, умуман, тамоми ҷабҳаҳои ҳаётро фарогиранда пайванду иртиботи маънавӣ ба фарҳанг доштанд.

Як хусусияти хоси Паёмҳои Пешвои миллат дар эълон гардидани таҷлили солҳои махсус ва солгардҳо мебошад, ки бо фарҳанг иртиботи ҳамаҷониба дорад. Ин анъана аз соли 1999 бо ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён оғоз ёфта, дар болоравии ҷаҳонбинии фарҳангии мардум нақши бузург гузошт.

Дар шароити ҷаҳонишавии муосир фарҳангҳо ҳамчун соҳаи осебпазир дар мадди аввал қарор мегиранд. Дар асри гуфтугӯи фарҳангҳо мо бояд эҳёву ҳифзи фарҳанги миллии худро дар мадди аввал гузорем, зеро фарҳанг тӯли қарнҳо шиносномаи миллати мо ба ҳисоб мерафт ва ин рисолат бояд садсолаҳои дигар низ давом ёбад. Аз ин лиҳоз ногузир аст, ки мо нисбати ҳар як ҷузъиёти фарҳанги миллати хеш бетафовут набошем. Фарҳанги мусиқӣ, театр, синамо, намунаҳои зиёди фарҳанги моддӣ, фарҳанги дину эътиқоду мазҳаб ва амсоли инҳо ҳамеша бояд дар мадди назар қарор дошта бошанд.

«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани солҳои 2019-2021 падидаи дурахшони фарҳангӣ буд. Дар Паёми имсолаи Президенти кишвар ба рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ зам гардидани рушди деҳот мантиқи созгори худро дорост, зеро сайёҳиву ҳунарҳои мардумӣ бе рушди ҳамаҷонибаи деҳот ба комёбии комил дастрасӣ пайдо намекунанд. Аз ҷониби дигар, дар як муддати кутоҳ деҳоти кишвар ободу зебо шуда, зиндагии мардум боз ҳам шоиста мегардад.

Чунончи Пешвои миллат қайд намуданд: «Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаи маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад».

Зикри як нукта муҳим аст, ки таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба фарҳанг пайваста ва пойдору самарабахш буда, дар ин ҷода мусоидату ғамхориҳояшон низ доимист.

Дар пиёда сохтани ҳадафу нақшаҳои дар Паём зикргардида аҳли фарҳангу зиё дар ҷомеаи мо нақши сазовор мегузоранд. Дар таҷлили солгарду ҷашнвораҳои гуногуни миллӣ, ки мӯҷиби худшиносиву худогоҳии мардум мегарданд, аҳли фарҳангу зиё ҳамеша дар сафи аввал қарор доранд.

Мубаллиғи бузурги фарҳанги миллии халқи тоҷик дар шароити феълӣ Пешвои миллат ба ҳисоб мераванд. Соҳибтамаддуну соҳибфарҳанг будани халқи тоҷикро ба маротиб аз минбарҳои баланди байналхалқӣ таъкид кардаанд.

Роҳнамоиву таъкидҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми бахшҳои фарҳангии моро тақвият мебахшад. Дастовардҳои фарҳангии миллии мо бо таърихи бостонияш маҳз тавассути дастурҳои Роҳбари давлат бори дигар аз нав эҳё мешаванд. Аз минбарҳои баланд, ҳамчун шиносномаи миллат муаррифӣ гардидани фарҳанги мардуми тоҷик муҳимтарин комёбии тоҷикон дар давоми солҳои истиқлолият ба ҳисоб меравад. Шумори дастовардҳое, ки мӯҷиби муаррифии халқи тоҷик дар доираи СММ гаштаанд, хеле зиёданд.

Пешвои миллат ҳамчун як сиёсатмадори ботаҷрибаву дурбин имрӯз аз тамоми шебу фарози зиндагии халқи кишварамон воқифанд. Бо ҷустуҷӯи роҳҳои гуногун пайваста дар талоши онанд, ки сатҳи зиндагии мардум боло равад.

Маълум аст, ки Тоҷикистон чун як кишвари биҳиштосои рӯйи замин ҳанӯз барои тамоми ҷаҳониён ба пуррагӣ шинос нест. Ба ин хотир дар Паёми имсола рушди соҳаи сайёҳӣ, ки дар шинохти Тоҷикистон ба аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд, махсус зикр гардид. Дар баробари ин рушди сайёҳӣ як воситаи бой гардонидани буҷаи кишвар мебошад. Аз рӯйи маълумотҳо баъзе давлатҳои алоҳидаи имрӯзаи ҷаҳон, танҳо ба воситаи рушди соҳаи сайёҳӣ тавонистаанд, ки роҳи асосии даромади кишварашонро пайдову муҳайё созанд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки аз соли равон сар карда минбаъд дар муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳониён тавассути рушди сайёҳӣ қадами бузурге гузошта хоҳад шуд ва мусаллам аст, ки сайёҳӣ на истеҳсолоту саноат, балки як унсури фарҳангиест, ки тавассути он давлату миллати тоҷик манфиати фаровон ба даст хоҳад овард.

Агар соли 2019-ро рамзан соли фарҳангӣ номем муболиға нахоҳад шуд, зеро он соли ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик низ ҳаст. Акунун бо баракати он намунаҳои гуногуни ҳунарҳои миллии мардуми мо, ки аксаран ба кунҷи фаромӯшӣ рафта буданд, эҳё гардида, ба арсаи байналмилалӣ мебароянд. Ин як омили муҳиммест, ки ҳунарҳои мардумии тоҷик бевосита муаррифгари кишвару миллати тоҷик дар рӯйи олам мегарданд. Соли равон рушди хунарҳои мардумӣ дар кишвари мо идома ёфта, боиси шиносоии бештари ташкилотҳои фарҳангии минтақавию байналхалқӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО ба ҳунарҳои бостонӣ ва имрӯзаи мардумии тоҷикон хоҳад шуд. Дар ин ҷода ғамхориву дастгирии ҳамешагии Пешвои миллат нисбати ҳунармандон боиси рушди ҳунарварӣ гардида, ҳунармандони моро ба заҳмати софдилонаву дорои сифати баланд дилгарму раҳнамун месозад.

Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик тавонист дар муддати зиёда аз ҳазор сол дар муқобили ғосибони аҷнабӣ, ҳодисоту хатарҳои гуногуни таърихӣ истодагарӣ намуда, фарҳанги аҷдодии худро бо вуҷуди тахрибҳои зиёд диданаш ҳифз намояд ва ба наслҳои баъдӣ расонад. Фарҳанги тоҷикон чун шиносномаи халқ, гавҳари қиматбаҳо ва шуълаи умеду армонҳои ҳазорон фидоиёну сарсупурдагони миллат моро ба имрӯз расонид. Ин аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯз то рӯз ба

дастовардҳои бузурги фарҳангӣ ноил гашта истодааст. Маҳз фарҳанги бузурги аждодонамон буд, ки мо тавассути он боз соҳиби тоҷу тахт ва марзу буми соҳибистиқлоли худ гардидем. Насли имрӯза ва ояндаи миллати тоҷикро лозим аст, ки дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ фарҳанги миллии худро боз ҳам пурмазмун ва устувору поядатар гардонида, онро бо ҳама покизагиву назокату салобаташ ба оламиён муаррифӣ намоянд.

Зикри як нукта бамаврид аст, ки имрӯзҳо барои омода кардани кадрҳои соҳаи фарҳанг заминаҳои муайяну устувор ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳақиқат замоне фаро расидааст, ки баъд аз паси сар намудани душвориҳои муайяни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мо бояд ба ин масъала ҷиддитар рӯ оварем. Дар омодасозии кадрҳои соҳаи фарҳанг саҳлангорӣ накунем. Зеро дар солҳои минбаъда фарҳанг омили бақову нигаҳдории тамоми соҳаҳои ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар шинохти симои миллати тоҷик падидаи таконбахш хоҳад гардид. Маълум аст, ки пешрафту инкишофи фарҳангро кадрҳои миллии донишманду соҳиби маънавиёти баланд таъмин менамоянд. Дар ин самт онҳое роҳнамо мегарданд, ки моҳияти мафҳуми «миллати фарҳангӣ»-ро дарк намоянд.

Фарҳанг дар шароити ҷаҳонишавӣ чун як ҷузъи муҳимми ҷомеасоз дар зиндагии аҳли башар нақши худро боз ҳам бештару амиқтар мегузорад ва ин равандро халқи тоҷик бо роҳнамоиву таъкидҳои Пешвои миллат дарк намудааст. Мо ин тамоюлро дар мисоли кишварҳои аврупоӣ дида метавонем, ки баъд аз ислоҳоти иқтисодиву сиёсӣ ба таври ҷиддӣ рӯ ба фарҳанг оварданд. Дар кутоҳтарин фурсат ҷомеаи худро фарҳангӣ намуданд ва тавассути он дар арсаи муборизаҳо пешсафанд. Фарҳанг дар қиёс бо иқтидори сиёсиву иқтисодиашон онҳоро бештар ба дигарон муаррифӣ менамояд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки халқи тоҷик низ дар муддати кутоҳ ба ин гуна комёбӣ ноил хоҳад шуд, зеро мо шоҳиди он ҳастем, ки ҳадафҳои стратегии ҳукумати Тоҷикистон рӯз то рӯз муваффақона амалӣ гашта истодаанд.

Зикри як нукта муҳим аст, ки замина ва муттакои боэътимоду самарабахш ва зафаровари халқи тоҷик дар ваҳдату ягонагӣ, ҳамдилӣ, эътиқоду боварии байни ҳамдигар ва бунёдкориву созандагӣ мебошад.

Паёми навбатии Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 декабри соли 2018 дар Кохи Сомони пойтахти кишвар ироа гардид, дар ҳаёти халқи тоҷик рӯйдоди муҳимми таърихӣ ба шумор рафта, дар рушди ҳаматарафаи хоҷагии халқи Ватани азизамон дурнамову раҳнамои ягона ва асосӣ гардид. Дар оғоз Пешвои миллат дар бораи дастовардҳои таърихии халқу давлати соҳибистиқлоли тоҷик сухан ронда, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид расман татбиқ гардидани ташаббуси чоруми ҷаҳонии Тоҷикистонро дар соҳаи об – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» зикр намуданд. Бояд хотирнишон сохт, ки 22-уми марти соли 2018 дар Рӯзи байналмилалии захираҳои об татбиқи ташаббуси мазкур бо иштирок ва суханронии бевоситаи Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди Маҷмааи умумии СММ оғоз гардида буд. 20 декабри соли 2018 аз ҷониби ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ дар ҳамдастии 190

кишвари аъзо пешниҳоди Тоҷикистон қабул гардид ва қатъномa ба тавсиб расид. Ба ин хотир Дабири кулли СММ Антониу Гутериш Пешвои миллати тоҷикро табрик намуда, ба номи он кас барқияи шодбошӣ ирсол намуда буд.

Ҳамзамон дар Паёми имсола ба кор даровардани чархаи якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун» чун ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва қадами устувор дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ – истиқлолияти энергетикии кишвар арзёбӣ гардид. Гуфтан бамаврид аст, ки Роғун рамзи пойдории асолат ва муҷассамаи ягонагии миллати тоҷик гардид.

Сипас Президенти кишвар дар бораи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек сухан ронда, ҳалли масоили сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоратии байни ин ду кишвари дӯсту ҳамсояро рӯйдоди муҳимми таърихӣ номиданд.

Чи тавре ки Ҷаноби Олӣ қайд намуданд, ҳадафи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад. Некӯаҳволии халқи кишвар, саломатӣ, бехатарӣ, фарҳангу маърифат, ободиву озодии ӯ ҳадафи асосии сиёсати дохиливу берунии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аст.

Нуктаи дигари фараҳбахши Паёми имсолаи Президенти кишвар эълони расидан ба ҳадафи дигари стратегии мамлакат – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ буд.

Падидаи навбатии назаррасу муҷалло дар Паёми навбатии Президенти Тоҷикистон эълони ҳадафи нав, ҳадафи чаҳоруми миллии кишвар – саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад. Дар таърихи мавҷудияти Тоҷикистон ворид гардидан ба марҳалаи «Кишвари саноатӣ – аграрӣ», ки дар Паёми имсола зикр гардид, сархати наву хело муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон дар Паёми имсола манъ карда шудани тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ падидаи дигари арзишманд мебошад, ки барои бемалол фаъолият намудани соҳибкорон имконият фароҳам меорад.

Пешвои миллат пас аз баррасии масоили гуногуни энергетикиву коммуникатсионӣ, иқтисодиву кишоварзӣ, обу замин, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, илму маориф, фарҳанг, варзиш, сайёҳӣ ва амсоли инҳо қайд намуданд, ки соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардуми кишвар такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳон нисбат ба соли 2017 дувуним баробар афзуд. Дар соли ҷорӣ «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид, ки дар муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон нақши назаррас дорад. Қайд гардид, ки барои рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳама манотиқи кишвар тадбирҳои иловагӣ андешидан зарур аст.

Дар ин замина Президенти кишвар бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод намуданд, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.

Қайд гардид, ки мақсад аз ин пешниҳод боз ҳам ободу зебо гардонидани Тоҷикистон, ҳалли масоили иҷтимоӣ, беҳтар намудани инфрасохтори соҳаҳои маорифу тандурустӣ, сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои

мардумӣ, таъмини аҳолии деҳот бо ҷои кор, оби тозаи ошомиданӣ, таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳаву маҳалли аҳолинишин мебошад.

Пешвои миллат соҳаи илму маорифро самти афзалиятнок ҳисобида, дар тарбияи маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа нақши калидӣ доштани онро таъкид намуданд. Ҳамзамон аз бурду бохти соҳаи тиб ва камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта сухан ронда, роҳҳои ислоҳу бартараф сохтани онҳоро нишон доданд.

Президенти кишвар ба соҳаи фарҳанг баҳои баланд дода, чунин қайд намуданд:

«Мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, оину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ ва ташаккулдиҳандаи одобу ахлоқи ҳамида эътибори доимӣ медиҳем. Қобили зикр аст, ки хусусан солҳои охир таваҷҷуҳ ба ҳифзи забони давлатӣ, суннату арзишҳо ва либоси миллӣ зиёд шудааст».

Ҳамзамон Сарвари кишвар дар бораи дар даврони Истиқлолияти давлатӣ аз нав эҳё гардидани ҷашну оинҳои миллӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада ва дигар арзишҳои фарҳангӣ, ба монанди Шашмақом Фалак, атласу адрасу чакан, ки садсолаҳо ягонагии мардуми тоҷикро ҳифз мекарданд, сухан ронданд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати Тоҷикистон Шашмақому Наврӯз ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ва шаҳри қадимаи Саразму Боғи миллии Тоҷикистон ба мероси моддии он ворид гардиданд. Соли оянда бошад мусиқии Фалак, ёдгории таърихии Ҳулбук ва ҷашнҳои Меҳргону Сада ба ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пешниҳод мешаванд.

Чуноне ки Пешвои миллат қайд намуданд: «Чанде пеш бо қарори Ассамбилеяи генералии ЮНЕСКО боз яке аз намунаҳои беҳтарини ҳунарҳои мардумии мо – чакан ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарӣ шомил гардид. Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани мероси таърихиву фарҳангии мо дар айни замон эътирофи тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангӣ мебошад».

Ҳамчунон Пешвои миллат соли 2020 ҷашн гирифта шудани яке аз ёдгориҳои бостонии мардуми тоҷик – шаҳри қадимаи Саразмро таъкид намуда, чунин гуфтанд: «Ин чорабинӣ имкон медиҳад, ки мо маданияти беш аз 5500-солаи аз ҷониби доираҳои илмии ҷаҳон эътирофшудаи худро ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ созем. Моро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихии худро ҳифз кунем, обод гардонем ва ба онҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сарнавишти миллати куҳанбунёдамон муносибат намоем. Ин қарзи мо дар назди таърих ва наслҳои оянда мебошад».

Дар ҳақиқат аз ҷониби созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО эътироф гардидани арзишҳои таърихии маънавӣ, мавзеъҳои таърихӣ ва ҳунарҳои мардумии халқи соҳибтамаддуни тоҷик низ дасто-варди бузурги мардум ва пирӯзии Тоҷикистони азизи мо дар даврони Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Пешвои миллат ба рушди соҳаи фарҳанг аҳаммияти хосса зоҳир намуда, онро ҳамчун «таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсо-

зандаи неруҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, ойину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ ва ташаккулдиҳандаи одобу ахлоқи ҳамида» муаррифӣ намуданд, ки бемуҳобо баҳои баланду арзанда буд ба аҳли фарҳанги кишвар.

Мусиқии мардуми тоҷик як унсури муҳимми фарҳанги миллии мо ба ҳисоб меравад. Гуфтан ба маврид аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар тарғиби суруду мусиқии анъанавии халқамон, бахусус Шашмақому Фалак корҳои назаррас ба анҷом расиданд. Вале ин кифоя нест. Дар ин радиф мо бояд дар омӯзишу эҳё ва тарғиби суруду таронаҳои анъанавӣ-фолклории тоҷикон рубоихонӣ, байтхонӣ, даргилик ва мусиқии касбӣ-мардумии нақшхонӣ, шоҳномахонӣ, гӯрғулихонӣ, мавригихонӣ камар баста, дар рушди ҳаматарафаи онҳо саҳмгузор бошем. Дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва унсурҳои дар байни мардум мавҷудбудаи фарҳанги мусиқии шоҳномахонӣ, бояд ин тарзи сурудхонии анъанавии халқамонро эҳё намуда, дар рушду тарғиби он кӯшиш намоем. Зеро мазмуну мундариҷаи достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ саршор аз ғояҳои некиву накӯкорӣ, ҷавонмардиву қаҳрамонӣ, дӯст доштани халқу Ватани хеш буда, ҳангоми иҷро намудан бо ҳамовозии мусиқӣ таъсири ғоявиашон баланд гардида, дар тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

Ҳамзамон аз ҷониби Пешвои миллат ба ҳифзи забони давлатӣ, суннату арзишҳо ва либоси миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Доир ба ин масъала суханони зерини дар Паём зикрнамудаи Пешвои миллат ба аҳли фарҳанги кишвар рӯҳу илҳоми тоза бахшиданд: «Дар даврони истиқлолияти давлатӣ ойину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо эҳё гардиданд».

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифи тоҷикро баҳри таҷлили сазовори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба созандагиву ободкорӣ раҳнамун сохта, бахусус аҳли фарҳанги кишварро водор месозад, ки барои дар амал татбиқ намудани дастуру нишондодҳои он кас беш аз ҳарвақта кӯшиш ба харҷ диҳанд ва барои ободиву пешрафти диёри биҳиштосо, боз ҳам баланд гардидани сатҳи фарҳангнокии мардуми Меҳани азизамон – Тоҷикистон камар баста, ҳама донишу маҳорати худро дар роҳи амалӣ гардидани дастуру ҳидоятҳои он кас равона созанд.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26. 12. 2018, ш. Душанбе // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 28 декабр.
2. Ваҳҳобзода Р. Паёми рушд // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 17 январ.
3. Мирзоев К. Равшанӣ то Бадахшон // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 10 январ.

4. Насрулло К. Се мақсади ҳадафмандона // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 24 январ.
5. Ҳасанзод С. Паёми рӯшноӣ // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 10 январ.

**Зубайдов А.**

## СОХРАНЕНИЕ КУЛЬТУРНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В СВЕТЕ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье изображены некоторые вопросы сохранения и культурных ценностей таджикского народа в свете очередного Послания Основоположника мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона… от 26-ого декабря 2018 года. В Послании были освещены и проанализированы основные достижения и ценности достигнутые страной за прошедший 2018-й год, среди которых одной из главных упоминается достижения в области культуры. Одновременно большое внимание было уделено государственной политике в сфере культуры. На основе выводов Главы государства можно сказат, что основным источником сохранения таджикской нации в разных периодах исторического прошлого и популяризации его всемирных достижений, является её древняя культура.

**Ключевые слова:** Лидер нации, Послание, культура, таджикский народ, Сада, Фалак, чакан, Саразм, интеллигент, Рогунский агрегат.

**Zubaydov A.**

## SAFEGUARDING OF THE CULTURAL VALUES WITHIN THE ADDRESS OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN

The article describes some issues of safeguarding the cultural values of the Tajik people within the the next annual Address of the Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon on December 26, 2018. The Address highlighted and analyzed the main achievements and values achieved by the country in the 2018, among which one of the main mentioned achievements in the field of culture. At the same time, much attention was paid to the state policy in the sphere of culture. Based on the conclusions of the President, it can be said that the main source of preservation of the Tajik nation in different periods of the historical past and popularization of its world achievements is its ancient culture.

**Keywords**: Leader of the Nation, Address, culture, Tajik people, Sada, Falak, Chakan, Sarazm, intellectual, Rogun HPP.

ТДУ 008+39тоҷик+641.5+9тоҷик+57тоҷик+394.2

**Мадимарова Г.**

# БОҶАЙЁМ – МУЖДА АЗ ФАРОРАСИИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР БАРТАНГ

*Дар мақола доир ба яке аз ҷашнҳои қадими мардуми тоҷик, хоссатан сокинони водии Бартанги ноҳияи Рӯшон – Боҷайём маълумот дода шудааст. Боҷайём дар байни мардуми Бартанг хеле куҳан буда, таърихи қадима дорад ва то ҳанӯз дар баъзе аз рустоҳои ин водӣ бо тамоми ҷузъиёташ ҷашн гирифта мешавад. Ҷашни мазкур одатан дар аввалҳои моҳи феврал баргузор гардида, сокинони ин диёр онро «пайки Наврӯз» низ мегӯянд. Муаллиф кӯшидаст, ба паҳлуҳои гуногуни Боҷайём рӯшанӣ андохта, унсурҳо, тарзи ҷашн гирифтан ва то чӣ андоза дар байни мардуми маҳаллӣ мавқеи хос доштани онро зикр кунад. Мақола бештар дар асоси сарчашмаҳои гуфторӣ ва нақли мардум омода гардидаст, зеро то ҳанӯз маводи илмӣ ё таҳлилӣ (ба ҷуз маводи публитсистӣ) дар бораи ин ҷашн мавҷуд нест.*

***Калидвожаҳо:*** *Боҷайём, баҳор, шогун, бовари халқ, гандум, боҷ, боҷсалом, урфу одат, қадим, ҷашнгирӣ.*

Дар истилоҳотшиносӣ калимаи «боҷ» ба маънои чизе, ки подшоҳони калон аз амирони зердаст ё аз раият мегирифтанд, яъне хироҷ, андоз, молиёт маънидод карда мешавад. Дар замонҳои пеш аз ҳама маъмултарин ашёе, ки ҳамчун боҷ ситонда мешуд гандум буд, ки арзиши баланд дошт. Гандум дар дарбори шоҳон гаронттарин амвол баъд аз симу зар ва тилло маҳсуб меёфт ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз симу зар низ баландтар меистод. Бинобар ин, бо сабаби он ки **гандумро** чун хироҷи муҳимми давлатӣ пардохт мекарданд, **боҷ** дар баъзе забонҳо ва гӯишҳо аз маънои аслии худ дур шуда, ҳамчун гандум ба маънои маҷозӣ боқӣ мондааст. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баъзе ҷашнҳое мавҷуданд, ки кай ва чӣ тавр пайдо шудани онҳо дар байни халқ аниқ маълум набуда, дар бораи онҳо иттилооти кофӣ низ мавҷуд нест. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин ҷашнҳо хеле қадимӣ буда, ба давраҳои пеш аз Ислом алоқамандӣ доранд. Решаи ба вуҷуд омадани баъзе аз ин ҷашнҳо ҳатто ба замони пайдоиши Наврӯз рост меояд. Дар баъзе маҳаллоти кӯҳистон, ки имкони рафтуомади мардум ба он ҷойҳо маҳдуд буд, чунин ҷашнҳо ба шакли пурра боқӣ мондаанд. Бояд гуфт, ки дар Бадахшон, чуноне ки зикр кардем, ғизоҳое, ки аз гандум тайёр карда мешаванд, дар иддае аз навоҳии минтақа «боҷ» номида мешаванд. Шояд истифодаи ин таркиб низ аз сарчашмаҳое об хӯрад, ки хеле қадимӣ буда, ишора ба халқиятҳое мекунанд, ки нахустин ва гаронтарин ғизояшон аз гандум омода мешуд. Муҳаққиқи рус М. С. Андереев низ мавҷуд будани чунин ғизоро дар байни мардуми ин манотиқ дар китобаш «Тоҷикони водии Хуф» зикр карда навиштааст: «Боҷ як навъе аз хӯрокҳои маъмул дар ин минтақа буда, аз донаи гандуми холис ва баъзан бо иловаи нахуд омода мегардад. Ҳангоми тайёр кардани он инчунин калла ва почаи ҳайвон низ

меандозанд. Он ҳамчун хӯроки маросимӣ низ дар байни мардум маълум аст» [1, с. 383-384].

Боҷайём, яке аз қадимтарин идҳои мардуми Бадахшон буда, мутаассифона, то ба имрӯз танҳо дар миёни қисме аз халқи ин диёр, аз ҷумла водии Бартанг боқӣ мондааст.

Бартангиён ҳанӯз «Боҷайём»-ро бо таври хосса ҷашн мегиранд. Мувофиқи гуфтаҳои калонсолон ва боварҳои мардум ҷашнгирии «Боҷайём» дар ин водӣ рӯз ва таърихи муайян надошта, он байни 6-ум то 14-уми феврал, дар рӯзи чоршанбе қайд карда мешавад. Мувофиқи ҳисоби маҳаллӣ ё мардумии «офтобдармард» (ҳисоби мазкур хеле ҷолиб буда, он мутобиқи ҳар як аъзои бадани инсон ҳисоб карда мешавад) ҷашни Боҷайём бояд 7-8 феврал, ки офтоб гӯё дар **«қоқлинг»,** яъне қоқии по ва ё аз 10-14 феврал, офтоби сари зону қарор мегирад, таҷлил мегардад, на дертар аз он.

Ҷашнгирии иди Боҷ ё ба истилоҳи мардум «Боҷайём» 1 рӯз идома ёфта, маросимҳои он маъно ва муҳтавои хосс доранд, ки иҷрои онҳо он ҷашнро пурра месозад. Ин ҷо мо қисматҳои ин маросимро дар шакли алоҳида мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Қумоч**. Боҷайём дар рӯзи чоршанбе бо пухтани нони махсус, ки «**қумоч**» меноманд, шурӯъ мешавад. Пухтани қумоч ба таври маъмулӣ набуда, хамири расидаро на дар девори танӯр (**радъон**), балки дар дохили танӯри тафсон, болои санги ҳамвор, ки «қумочдон» ном дорад, мемонанд ва баъдан онро бо лахча мепӯшонанд. Оташи он бояд аз ҳезуми настаран **(ахар)** бошад. Ҳезуми ин дарахт боиси хуб ва бо сифат пухтани қумоч, яъне нони калон мегардад. Ин амал рӯзона, ҳангоми шурӯъи нахустин маросими Боҷайём, яъне «қумоч» баргузор мегардад.

**Диграбайд.** Диграбайд - (дегмонӣ) низ яке аз қисматҳои муҳимми Боҷайём аст, ки он гоҳҳо пеш аз ғуруб ва баъзан баъд аз ғуруби офтоб (вобаста ба соатҳои саъду наҳси рӯз) пас аз забҳи гӯсфанд ё буз, ки махсус барои ин ид пешбинӣ шудааст, оғоз мегардад. Онро гоҳе «ризқат рӯзӣ бахчег» (тақсими ризқу рӯзӣ) низ меноманд.

Ин амалро одатан калони хонадон иҷро мекунад. Ӯ ғалтакчӯбро дар болои деге, ки дар он Боҷ пухта мешавад, мемонад. Баъдан аз дохили дег бо як кафи даст гандумро гирифта, аввал номи Бобои Деҳқонро ба забон мегирад ва донаҳоро оҳиста-оҳиста аз болои ғалтакчӯб мерезонад. Ҳамин тариқ, бо навбат номи аҳли хонаводаро ба забон гирифта, баҳри якояки онҳо ба таври махсус як навъ фолгирӣ мекунад. Миқдори кам ё беш истодани донаи гандум дар болои ғалтакчӯб дар боварии халқ, ифодагари ризқу рӯзии шахси номбурда дар рӯзгордории соли нав, ки оғозаш аз Наврӯз аст, мебошад.

**Парчуминчевд.** Пас аз оне, ки маросими «Ризқат рӯзӣ бахчег» ба анҷом мерасад, дег болои оташдон монда мешавад ва аз лаҳзае, ки оташ дар таги дег афрӯхта шуд, маросими «Парчуминчевд» оғоз мегардад. «Парчумт» ё «парчемт» калимаи тоҷикӣ–форсии қадим буда, маънои иҳота кардан ва ё дар муҳосира қарор доштанро ифода мекунад. Вале он дар маросими Боҷ мазмуни маҳкам ё баста шуданро мегирад. Яъне аъзои хонавода ҳангоми оғози ин маросим дарҳояшонро бар рӯйи ҳамагон мебанданд. Вале ин таркиб эҳтимоли ифода кардани парчам, ливоро низ дорад, зеро мувофиқи ҳисоби маҳаллӣ, чунон ки дар боло зикраш рафт, ҳамин шабу рӯз охирин лаҳзаҳои зимистони қаҳратун дар кӯҳистон аст

ва пас аз барпо шудани «Боҷайём», аллакай тамоюли табиат ба гармӣ бештар мегардад. Ин боис мешавад, ки мардум парчами бедории табиат ва Наврӯзро баланд кунанд. Яъне, аз муҳосираи зимистон баромадан ё падрӯд гуфтан бо фасли хунукӣ ва маросими «Парчуминҷевд» ба ин ақида низ қаробат дорад. **Парчуминҷевд**, яъне парчам афрохтан ё маҳкам кардан аст, ки пас аз оғози маросими парчамгирӣ, набояд касе вориди хона гардад. Хоҳ меҳмон, хоҳ ҳамсоя ё хешу табор ва ҳатто аъзои хона ҳам, ки то оғози маросим дар дохил набудаанд, пас аз ин маросим барояшон ворид шудан ба хонаи «**парчумгирифта**» то кушодани «**парчум**» қатъиян манъ аст. Ба ҳар ҳол ин мавридест, ки баҳси доманадорро талаб мекунад ва он бояд дар мақолаи алоҳида мавриди таҳлил қарор гирад.

Ҳамин тавр, маросими «**парчуминҷевд**» низ фалсафаи худро дорад, ки иҷрои он ҷиддӣ буда, ҳамчун фоли нек ба хотири омадани соли пурфайз, яъне соле, ки аз он осоиштагӣ, хушбахтӣ ва серию пуриро интизоранду орзу мекунанд, сурат мегирад.

Пухтани таоме, ки бо «**парчуминҷевд**» оғоз мешавад ва бо номи **боҷ** миёни мардум машҳур аст, аз аввали шаб то дамидани субҳ идома меёбад. Ин таом аслан аз донаи гандум, чаҳор андоми чорво (дар такя ба 4 унсури табиат) ва об омода мешавад. Ба ақидаи мардум, моли кушташуда бояд пурра ба дег андохта шавад, ба ҷуз каллаву почааш, зеро он махсусан бо мақсади таҷлили Боҷайём, ки онро ҷашни аҷдодон меҳисобанду нисбат ба он эҳтироми хосса доранд, забҳ мегардад. Ҳангоми омода кардани таом, шахси боҷпаз бояд, шабзиндадорӣ карда, дар баробари он аз ҷӯб **юғу сипорчаи** майдаякеро дар тӯли он шаб омода сохта, дар равзанаи хона меовезад. Рамзи ин амал, яъне сохтани юғу сипорча, ки олоти меҳнати деҳқон аст, аввалан огоҳонидани мардуми деҳқон, барои омода гаштан ба кишту кори баҳорӣ мебошад ва дуюм бояд марди таомпазро (боҷпаз) то субҳ хоб набарад. Дар баробари ин ҳунармандӣ ва садоқати мардум ба оини ниёгонашон, яъне барвақт пешвоз гирифтани рӯзи «Боҷайём»-ро низ нишон медиҳад.

Сипас, ҳангоми дамидани субҳ яке аз аҳли хонавода, махсусан калони хона баромада аз оғил барра ё бузғоларо гирифта вориди хона мешавад ва ҷумлаи «**Шогун баҳор муборак»-ро** ба забон меорад. Дар ҷавобаш **«Барои шумо муборак» - гӯён** бо **бун** (орд) китфи рости ӯ ва сари баррачаро сафед мекунанд. Ин амалро маросими «**путукдъед**» мегӯянд. **Путукдъед,** ки бо орд, яъне бо сафедӣ амалӣ мешавад, ранги сафед (некӣ) ифодагари пирӯзи бар сиёҳӣ (бадӣ) аст, то пойи қадами нафаре, ки **«парчум»-ро** мекушояд, ба хонадон некӣ ва бахти сафед биёрад. Пас аз ин маросими **«парчуминҷевд»** хотима ёфта, воридшавӣ ба хонаҳо барои дигарон иҷозат дода мешавад.

«**Чӯдздерд» (хонатозакунӣ).** Баъд аз он, ки пухтупаз анҷом ёфта, боҷ тайёр мешавад, маросими «чӯдзидерд» шурӯъ мегардад. Он аз поксозии чорхона (сақфи хона), чаҳор девор, чаҳор болор ва панҷ сутуни хона ибтидо мегирад. Пас аз тоза намудани хона кунҷҳои онро бо «**бун» (**орд**)** сафед мекунанд, ки он бар дӯши занон вогузор карда мешавад. Ин амал шаҳодати он аст, ки сиёҳӣ, яне ғаму андуҳ ва мушкилоти хона бо пошидани орд, яъне сафедӣ бояд дур гардад. Чунин боварҳо ҳамоно ба ғолибияти нур бар зулмот ва сафедӣ бар сиёҳӣ, ки аҷдодони мо дар тӯли таърих ба он боварии комил доштанд, рабт дорад.

**Боцсалом.** «Боцсалом» низ яке аз бахшҳои ҷашни «Боҷайём» аст. Он охирин маросими ҷашни мазкур ба шумор рафта, пас аз ба анҷом расидаи қисматҳои номбаршуда иҷро карда мешавад. Дар боцсалом ҳар касе, ки хоҳад аз нафари дигар ягон чизи муҳимро талаб мекунад, дар табақ боҷи дар хонаи худ пухтаро гирифта ба хонаи ӯ меравад. Ин рафтори ӯро соҳибхона зуд пай мебарад ва ашёи хостаашро мепурсад. Мувофиқи гуфтаҳои куҳансолон, дар замонҳои пеш дар ин маросим лаҳзаҳое мешудаанд, ки агар духтари нафаре ба писари дигарӣ маъқул шуда бошаду барои издивоҷи онҳо қаблан ризоят надода бошанд, нафари хостгор дубора маҳз дар маросими «**Боцсалом**» меомадааст. Он вақт ба хотири ин ҷашн соҳибхона наметавонистааст, ки хостаҳои талабгорро рад кунад.  Имрӯз ин анъана аз байн рафтааст, танҳо ягон ашёи табъи дил, пул, ё бузу гӯсфанд дархост карда мешавад.

Ҳамин тавр, аз ин рӯзҳо сар карда то иди Наврӯз, одамон ҳангоми ташриф ба хонаҳои якдигар, гоҳо ба ҷойи салом ва гоҳе баъд аз салом «**шогун баҳор муборак**» гуфта, дар ҷавоб «**барои шумо ҳам муборак**» мешунаванд. **(Шогун ё шугун** аз калимаи «**шугун»**-и форсӣ-тоҷикӣ буда, маънояш фоли нек, муборак шумурдани чизе ё корест). Ин таркибҳо табрикотии мардум ба хотири пешвози ҷашни бузург –  «Наврӯз» буда, баҳри ҳамдигар дар баҳори нав, ҳаёти осуда ва рӯзгори некро таманно мекунанд. Дар водии Бартанг ва умуман дар ВМКБ таоме, ки аз донаи гандум ё нахӯд (баъзе  маврид бо каллаву почаи чорво) омода мекунанд, низ «боҷ» меноманд. Ба ин таом метавонанд, сабзӣ, пиёз ва дигар намуди алафи хушбӯ ва хуштаъмкунандаро илова намоянд.

Дар ҷануби кишвар низ мардум чунин ғизоро дар ҷашни Наврӯз тайёр мекунанд, ки он «далда» ном дорад. Он низ аз гандум ва каллаву почаи бузу гӯсфанд ва дигар маҳсулоти полезӣ тайёр карда мешавад. Вале таоме, ки дар Боҷайём омода мешавад, бояд аз донаи холиси гандум ва гӯшт иборат бошад, баръакси ҳол он муҳтавои аслии худро гум мекунад.

Бо чунин анъанаҳо ва маросимҳо «Боҷайём» дар миёни ин мардум аз умқи таърих ҳифз шуда, то ба имрӯз омада расидааст, ки аз қадимӣ ва бостонӣ будани ҷашнҳои гуногуни кишвари мо дарак медиҳад. Боҷайёмро мардуми водии Бартанг башорат аз фасли баҳор ва Наврӯзи Аҷам мешуморанд, зеро аз рӯзи баргузории «Боҷайём» шурӯъ карда, халқ бесаброна дар интизори омадани Наврӯз вақт мешуморад. Ба ибораи дигар, «Боҷайём» пайке аз Наврӯз аст, ки мардумро барои тайёрӣ ба ин иди бузурги ниёгонамон паём медиҳад.

## Адабиёт


1. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф. – Сталинобод, 1958. – Вып. 1. – 526 с.
2. Алимшоева, Р. Боҷ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷилди 1.– Душанбе, 2015.– С. 167-168.
3. Алимшоева, Р. Далйа, боҷ, гандумбоҷ (Бадахшон) // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 2015. – С. 297-298.

**Мадимарова Г.**

## БОДЖАЙЁМ - ИЗВЕСТИЕ О НАСТУПЛЕНИИ ПРАЗДНИКА НАВРУЗ В БАРТАНГЕ

В статье рассматривается один из древнейших праздников таджикского народа живущих в долине Бартанга Рушанского района ГБАО. Исходя из анализа обрядов и традиций посвященных приходу весны, который широко известен среди местных жителей Бартанга, местный праздничный обряд – Боджаем, так же имеет древние исторические корни. Этот праздник до сих пор отмечается в некоторых селениях долины Бартанг. Он обычно проводится в начале февраля, и жители этой долины также именуют его как «Пайки Навруз». Автор статьи попыталась дать пояснения различным сторонам и элементам проведения праздничного обряда и определить её значимость для местных жителей. Содержание статьи основана на устных источниках и высказываниях жителей региона. Данная статья является первым в своем роде исследованием, так как до сих пор опубликованные научные и аналитические материалы (кроме публицистических) не вполне полно освещали местные обряды и поверья связанные с праздником Боджайём.

**Ключевые слова:** Боджайём, бодж, весна, древние поверья и предания, благословения,обряды и праздники, обычаи и традиции, сельские жители.

**Madimariova G.**

## BOJAYAM – HARBINGER OF THE UPCOMING NAVRUZ HOLIDAY IN BARTANG

In this article are described *Bojayam* – one of the most ancient ceremonies of Tajik people, especially the residents of Rushan region, Bartang valley. According to information about rituals related to coming springs season, which are widely popular among the local people of Bartang, Bojayom has also historical roots, and is still celebrated, with all its peculiarities, in most villages of Bartang valley. This holiday is usually held in February, and the residents of this region also call it as “payki Navruz”, meaning the herald of Navruz. The author attempts to describe various elements, types of the celebration of this holiday and demonstrates its significances among the local people. The article is mostly based in oral sources and the results of interviews with local people. This article is the first scientific article (except publicist materials) which dedicated to this celebration.

**Keywords**: Bojayam, spring, harbinger, people, wheat, boj, custom, tradition, ancient, celebration.

ТДУ 008+37тоҷик+392.1+674.64+39тоҷик+725.25
**Абдуллоев А.**

# ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ ҲУНАРИ САБАДБОФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Дар ин мақола паҳлуҳои гуногуни ҳунари сабадбофӣ дар кишвар баррасӣ шудааст. Он дар заминаи маълумоти сарчашмаҳо, матлабҳои нашршуда ва экспедитсияҳои мардумшиносие, ки дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи муаллиф сурат гирифтааст, навишта шудааст. Аз таҳқиқот маълум гардид, ки ҳунари сабадбофӣ таърихи қадимӣ дошта, навъҳои мухталифи он аз ҷониби ҳунармандони ботаҷриба сохта мешавад. Сабад дар зиндагии мардуми тоҷик аҳамияти махсус дошта, дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо ба таври фаровон истифода мешавад. Сабадбофӣ ҳамчун як навъи ҳунари анъанавӣ буда, омӯзиши он аз аҳамият холӣ нест.*

***Калидвожаҳо:*** *касбу ҳунар, сабад, сабадбофӣ, навда, шугл, қадим, фарҳанг.*

Дар ҳама давру замон ҳунар арзанда буд ва то кунун мавқеи ҳунармандон муътабар дониста мешавад. Таърихи пайдоиши ҳар як ҳунарро дар миёни мардум дарёфт кардан мумкин аст. Дар бораи таърихи пайдоиши баъзе ҳунарҳо дар байни халқ андешаҳои гуногун мавҷуд аст, ки собитгари ин гуфтаҳоянд. Масалан, «ҳунари бофтан аз ҳунари кулолӣ барвақттар оғоз шудааст» [6, 45].

Ниёгони мо аввалин асбобу анҷомҳои рӯзгори худро аз химчаҳои қаиш ва навдаи дарахтон мебофтанд. Онҳо бештар ба бофтани сабаду каҷова, курсӣ, зарфҳои гуногуни мева, лаълӣ ва асбобҳои дигари рӯзгор машғул буданд. То кунун ҳам дар хирманҷойҳои деҳот деҳқонон чапар бофта, аз паси гову асп баста барои майда кардани коҳ ва кулӯххо истифода мебаранд. Атрофи полизу ғалла-зор ва чарогоҳро низ бо шиғҳои химчабофт мебастаанд. Савдогарон бошанд, барои аспу уштуронашон сохтани каҷоваҳои махсуси хурду калонро мефармуданд.

Хушбахтона, баъди соҳибистиқлолии кишвар як қатор ҳунарҳои мардумӣ низ рӯ ба инкишоф оварданд. Аз ҷумла, солҳои охир мардум ба сабад ниёз пайдо кардаанд, ки боиси рӯ ба рушд ниҳодани касби сабадбофӣ гардидааст. Сабад дар гузашта ва имрӯз низ мавриди истифодаи мардум қарор дошту дорад. Солҳои пеш намунаи сабадҳои гуногунро дар ҳар хонадони тоҷик вохӯрдан мумкин буд, зеро он дар рӯзгори мардуми деҳот нақши муҳим мебозид. Он, пеш аз ҳама, барои тоза нигоҳ доштани меваю сабзавот, нон, боркашонӣ, чӯҷа, барра, бузғола, ҳифзи маҳсулоти рӯзгор аз ҳар гуна ҳашарот ва ғайра истифода мешуд.

Ҳамчунин сабадҳои симиние, ки барои гирифтани бори вазнин, аз ҷумла санг хеле мувофиқ буд, аз ҷониби ҳунармандон сохта мешуд. Имрӯз ба ҳунари сабадбофӣ бештар занон машғуланд, чунки ба сабадҳои калонҳаҷму вазнин эҳтиёҷи мардум камтар гардида, са-

бадҳои хурду замонавиро бисёртар барои ороиш ва нигоҳ доштани армуғонҳо ба кор мебаранд.

Солҳои пеш сабадбофӣ аслан шуғли мардона буд, зеро чун сабад аз навдаҳои дарахтони гуногун бофта мешуд, тоб додану аз як қолаб ба қолаби дигар даровардани он қуввати мардонаро талаб мекард. Дар шароити имрӯз ҳам занон ва ҳам мардон ба ин касб машғуланд. Сабаби ҳунари сабадбофиро ихтиёр намудани занон, пеш аз ҳама, дар интихоби маҳсулот аст. Сабадҳои ҳозира аз ҳар гуна навдаҳои дарахтон ва растаниҳо сохта мешаванд. Дар шароити имрӯза ба сабадҳои калону вазнин эҳтиёҷи зиёде намондааст. Ҷойи онҳоро сабадҳои нисбатан сабук гирифтааст, ки барои истифода мувофиқ мебошанд.

«Сабадбофӣ навъи ҳунари мардумӣ аз химча ва ё навдаҳои дарахт бофтани асбоби рӯзгор, зарфи гуногуншакл, ки барои гирифтани мева, сабзавот, нон ва ғайра истифода мебаранд. Сабадро аз навдаи бед, тут, биҳӣ, анор, ҳирғай ва ғайра мебофанд. Инчунин аз сим низ мебофанд. Сабад хелҳои гуногун дорад: сабади гирда, сабади дарозрӯя, харсабад, сабади нон, сабади дастадор, охурсабад, симсабад ва ғайра. Ҳоло сабадҳоро дар корхонаи махсус ва бо масолеҳи гуногун (хас, навда, сим, плостик, резин, ва ғайра тайёр мекунанд) [7, 83].

Ба ҷуз ин далелҳо аз рӯйи маълумоти М. С. Андреев маълум мешавад, ки дар деҳоти минтақаи Бадахшон сабадҳои хурде вуҷуд дошт, ки онро аз риштаи ресида мебофтанд. Миёни мардуми маҳаллӣ ин навъи сабад бо номҳои *сиптак* ё *септак* маъмул буд [1, 53-54].

Тибқи иттилои ҳунарманд Бахтибегим Мадимарова (сокини деҳаи Япшорви ҷамоати деҳоти Савнобии ноҳияи Рӯшон) сабадчаҳои хурдро аз алафи «лос» тайёр мекунанд, ки он барои гирифтани сӯзану ришта, зару зевар, тухм, паргич, зардолуи хушк, тутмавиз ва ғайра истифода мешавад.

Экспедитсияҳои мардумшиносию санъатшиносие, ки солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои кишвар сурат мегиранд, нишон медиҳанд, ки ҳоло ҳам дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон ҳунари сабадбофӣ вуҷуд дорад. Аммо ҳунармандоне, ки имрӯз ба сабадбофӣ сару кор доранд, на танҳо аз навдаи дарахтони гуногун, балки аз пояи гандуму шолӣ, ҷав ва растаниҳои дигар низ ҳар гуна сабадҳоро мебофанд, зеро дар ҳоли ҳозир нисбати сабадҳои калонҳаҷм сабадҳои хурдтар бисёртар ба фурӯш рафта, дар рӯзгори мардум зиёдтар истифода мешаванд.

Дар бораи намудҳои гуногуни сабад Носирова Л. чунин навиштааст: «Дар ноҳияи Ишкошим як зан бо номи Давлатбоева Хушнамо ба бофтани сабадҳои хурди рангоранг машғул аст. Сабадҳои бофтаи ӯ барои нигоҳ доштани чизҳои сабук – дар ҳаҷми аз 3 то 5 кг мавод таҳия шудааст. Ӯ асосан аз пояи гандуму ҷав ва ресмонҳои гуногун сабад мебофад. Дар асл ин қабил сабадҳо хусусияти ороишӣ дошта, бисёртар барои гузоштани гулҳои сохта хидмат мекунад” [4, 173].

Содиқова Шамсия – сабадбоф (сокини ҷамоати деҳоти Чармгарони шаҳри Ваҳдат) чунин мегӯяд: *«сабадҳои асил аз ду*

*намуд маҳсулот бофта мешаванд: аз навдаҳо ва пояҳо. Масалан, навдаи зарбед, тут лигустар, навдаи анору ангур ва чандин дарахтони дигар. Аз пояҳо: пояи гандум, ҷав, шолӣ ҳатто аз гиёҳу растаниҳо ҳам сохтан мумкин аст».* Аз рӯйи таҷрибаи ӯ сабадҳое, ки аз навдаву пояи гандум бофта мешаванд бисёртар ба фурӯш меравад. Ин гуна сабадҳо барои гирифтани нон, тухм, қурут, кулчаю самбӯса низ хеле қулай аст.

Номбурда аз маҳсулоти хом чӣ гуна тайёр кардани сабадҳоро низ ба таври муфассал шарҳ дод: «Навдаҳоро дар даруни («карета»-зарфи оҳанине, ки дар он об мегиранд) андохта аз болояш об рехта тақрибан се соат меҷӯшонанд. Баъди пухтан навдаҳоро пуст ва андозабандӣ карда, алоҳида мемонанд, ки дар вақти бофтан осон шавад. Ҳангоми бофтан дубора навдаҳоро тар мекунанд, то ин ки дар ҷараёни кор нашикананд. Дар замонҳои пеш усули ҷӯшонидани навда вуҷуд надошт, танҳо онро баъди тар кардан буғ медоданд, аммо имрӯз ин тарзи корбурд ба назар мерасад. Чунин услуб суръати кори ҳунармандро тез мегардонад. Усули бофтани ин бонуи ҳунарманд чунин аст: сароғоз панҷ навдаи ғафсро сӯрох карда, пасон навдаҳои бориктарро аз даруни онҳо гузаронида, бо ҳам мебофад. Ҳар як ҳунарманд, мувофиқи завқи худ ҳангоми омода сохтани сабад аз дасту ангӯштон моҳирона истифода мекунад. Тарзи бофтан бо ангуштони даст, сифату андозаи сабадро баланд мебардорад. Ангуштон дар вақти бофтани сабад нақши ченакро иҷро мекунанд.

Дар бисёр ҳолатҳо барои зебо сохтани сабад навдаи дарахтони лигустра ва анорро интихоб мекунанд, чунки онҳо росту ҳамвор буда, барои бофтан хеле қулай мебошанд. Ғайр аз ин, навдаи лигустра муддати дароз намнокиашро нигоҳ дошта метавонад ва бо фаро расидани фасли тирамоҳ мисли дигар дарахтон хушк нашуда, дар ҳолати сабзиаш меистад. Ҳунармандони пешин сабадҳои мустаҳкаму босифатро бештар аз навдаҳои ҳирғай (дар баъзе ҷойҳо «ирғай» мегӯянд) мебофтанд. Аз рӯйи гуфтаҳои ҳунармандон дар шароити имрӯз дастрас намудани ин маҳсулот бениҳоят мушкил аст, чунки дар натиҷаи аз худ кардани заминҳои бекорхобида, «соҳибони заминҳо» ин гуна дарахтонро бурида ба ҷойи онҳо дарахтони мевадиҳанда шинондаанд ва ё зироаткорӣ намудаанд. Аз ин сабаб, барои ҳунармандон дастрас кардани чунин ашёи хом каме мушкил гардидааст. Мушкилии дигари дастрасии ашёи хом аз рӯйи гуфтаҳои сабадбофон ин будааст: «навдаҳои ҳирғайро солҳои пешин аз кӯҳу пуштаҳо дастрас мекарданд. Дар замони имрӯз бошад, аксарияти заминҳо ва кӯҳу пуштаҳо посбон доранд. Онҳо намегузоранд, ки маҳсулотҳои заруриро барои истифода кардани ҳунари мазкур ба даст оварем».

Бибикалони Содиқова Шамсия аз таҷрибаҳои сабадбофии худ ва ҳунармандони куҳансолтар, чунин нақл кардааст: «Одатан, зарфҳои он давра аз навдаҳои яксолаи дарахтони химчабед, зарбед, тут, курти кӯҳӣ бофта мешуданд. Ҳунармандони куҳансол, мавсими бофтани зарфҳои сабадиро хеле хуб медонистанд. Онҳо химча ва навдаҳоро пеш аз фасли баҳор (ҳангоми сабз нашудани дарахтон) ё охири фасли тирамоҳ низ тайёр менамуданд. Барои бофтани асбобу

анҷоми рӯзгор, химчаҳои рост ва бечашмакро бештар интихоб мекарданд. Онро, аввал се-чор соат дар об тар карда, баъд 20-30 дақиқа буғ медоданд. Барои он, ки ҳангоми бофтан тоқатфарсо бошаду нашиканад. Химчаҳоро дар шакли ҳалқа ба сатил ё деги обдор андохта, то муддати дилхоҳ меҷӯшониданд. Сипас ба бофтани ин ё он зарф шурӯъ мекарданд».

Ин бонуи ҳунарманд шогирдони зиёдеро тарбия кардааст, ки ин навъи ҳунарро бо тарзу усулҳои замонавӣ пеш бурда истодаанд. Эмомова Сайёра, Гулова Меҳрангез, Одинаева Давлатмо, Сангова Маҳрамгул аз ҷумлаи шогирдони ӯянд, ки мустақилона фаъолият менамоянд. Бино ба гуфтаҳои онҳо, тарзи сабадбофии ҳунармандони имрӯз нисбат ба солҳои пешин каму беш тафовут дорад. Масалан, гирдсабад, сабади гулдонӣ, сабади кӯзашакл, сабади дарозрӯя, охӯрсабад ва дигар навъи сабадҳо имрӯз зарурати бештар пайдо кардааст. Сабабаш дар он аст, ки мардум ба шаклу усулҳои гуногуни сабадҳо диққат медиҳанд. Барои ҳамин ҳам сохтани чунин сабадҳо мушкил ва нозуктар мебошад.

Устоҳои зиёде ин касбро пеша кардаанд ва шаклҳои гуногуну замонавии сабадҳоро барои мизоҷон таҳия ва пешкаш мекунанд. Яке аз ҳунармандон Ашӯров Баҳодур (с.т. 1988, сокини шаҳри Ҳисор) мебошад, ки дар ҳунари сабадбофӣ маҳорати хосса дошта, бо маҳсулоти дастии хеш дар намоишу чорабиниҳо мунтазам ширкат меварзад. Усули сабадбофии Ашӯров Б. аз дигарон бо он фарқ мекунад, ки бештари сабадҳояш аз сим тайёр карда мешаванд. Ӯ мегӯяд: «Пеш аз шурӯъ кардани сабадбофӣ, ҷамъоварӣ намудани ашёи хом зарур мебошад. Баъд аз он дақиқ бояд кунем, ки чи гуна сабад бофтан даркор, чи қадар маҳсулот сарф мешавад. Ҳатто шаклу андозаи онро муайян кардан шарт ва зарур аст. Паз аз он тамоми таҷҳизот ва асбобҳое, ки дар ҷараёни сабадбофӣ истифода мешаванд: анбӯр, анбӯри махсуси хурдакак, болға, зубил, регкоғазро омода мекунам ва баъдан шурӯъ мекунам ба сохтани сабад. Тарзи сохтани сабад дар ҳама ҷо қариб якранг сурат мегирад. Аммо сохт ва сифати сабадҳо аз маҳорату истеъдоди ҳунарманд вобастагӣ дорад. Ин ҳунарманд иброз менамояд, ки аз солҳои аввали истиқлолият аҳли оилаи онҳо ба ҳунари сабадбофӣ машғул буда, аз ҳисоби ин касб зиндагиашонро пеш мебаранд. Ӯ сабадҳояшро бештар бо супориш ва хоҳиши мизоҷонаш тайёр мекунад. «Сабадбофон гоҳе мувофиқи завқу фармоиши дӯстон ва ё харидорон низ сабад мебофанд. Маъмулан, сабадҳои супоришӣ бодиққат ва салиқаи хос, зебу оройиши махсус, аз навдаҳои гуногун, ҳатто бо гулпардозӣ бофта мешаванд. Ин гуна сабадҳо ҳамчун асбоби оройиши рӯзгор дар раф, ҷевон низ гузошта мешаванд.

Дар гузашта сабадбофӣ ҳунаре буд, ки аз насл ба насл мегузашт. Хонаводаҳое буданд, ки ин касбро аз падару бобоҳои худ омӯхта, онро барои фарзандони худ меомӯзониданд ва аз маҳсули он рӯзгори худро пеш мебурданд» [5, 282].

Ашуров Б. сабадҳоеро омода месозад, ки барои моҳидорӣ низ қулай ва мувофиқ аст. Чунин навъи сабадҳо бештар аз ҷониби ҷавонон дархост мешавад. Сабадҳое, ки барои моҳидорӣ омода мешавад онҳоро аз сим мебофанд. Ба он хотире, ки сабади симин болои об

намебарояд. «Анвои сабадҳое низ бофта мешаванд, ки барои доштани моҳӣ ба кор мераванд ва онро *сабадтур* ва ё *чач* меноманд» [5, 282].

Мо аминем, ки имрӯз ҳунармандони сабадбоф нозукии касби хешро боз ҳам хубтару беҳтар аз худ карда, шаклҳои наву замонавӣ зарфҳои мухталифи сабуку зебо ва муносибро баҳри мизоҷонашон меофаранд. Сабадбофӣ ба ҳунари қафасбофӣ шабоҳат дошта тарзи сохт ва бофтанашон як хел аст, танҳо тарзи истифодаашон аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар ин бора дар китоби «Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон» зикр гардидааст: «Қафасбофӣ низ як навъи ҳунари сабадбофӣ ба шумор меравад, зеро қафас ҳам аз навдаҳои дарахт бофта мешавад. Фақат сӯрохиҳои қафасро нисбатан васеътар мегузоранд, ба он андозае, ки кабк ё парандаи даруни он баромада натавонад» [3, 210]. Дар маҷмӯъ ҳунари сабадбофию қафасбофӣ якранг буда сабадбофу қафасбоф бо як усул кор мекунанд.

Нақл мекунанд, ки одамони доро ҳатто аз химчаи дарахти курт, ки ниҳоят сахту мустаҳкам аст, барои худ ва ороиши хонаашон ба сабадбофон сабадҳои калонҳаҷм мефармуданд, ки онҳо вазифаи ҷевону сандуқҳои имрӯзаро адо мекарданд. Ҳамин тариқ, намудҳои гуногуни сабадҳо, гирдсабадҳо, сабадчаҳо ва ғайра аз замонҳои пеш ҳамчун асбоби муҳим дар ҳаёти рӯзмарраи мардуми тоҷик истифода мешуданд. Мардуми маҳаллӣ дар ҳар як навъи сабад вобаста ба ҳаҷмаш маҳсулоти заруриро мегузоштанд. Масалан, дар сабадҳои хурд ҳар гуна меваву сабзавот, яъне чизҳои сабук, дар сабадҳои калону мустаҳкам бошад ягон маҳсулоти вазнинтарро нигоҳ медоштанд.

Ҳамин тавр, ҳунари бофтан аз қадим то имрӯз дар байни мардум маъмулу машҳур буд. Сокинони ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз, Қаротегину Кӯлоб ва водии Зарафшон ҳунари бофтанро фаровон истифода менамуданд.

Дар афсонаҳои тоҷикӣ низ истифодаи сабад барои нигоҳдории меваҳои гуногун ишора шудааст. Чунончи, дар афсонаи **«Зан, ангурфурӯш, қассоб ва қозӣ»** омадааст, ҳамин ҳолро мушоҳида кардан мумкин аст: «Ҳамин гап қатӣ навангӣ ангурчӣ як сабад ангура бепул дод, «мо кимчансола ошно» гуфта» [2, 189].

Тибқи маълумоти яке аз сокинони ҷамоати деҳоти Қаҳрамони ноҳияи Ҳамадонӣ Ҳасанов Абдулазиз с.т. 1931 аз давраҳои пеш мардуми тоҷик барои вайрон нашудан ва хуб нигоҳ доштани мева сабадҳои махсусро истифода мекарданд. Масалан, чуноне ки ин ҳунарманд қайд намуд, барои гирифтани себ дар фасли тирамоҳу зимистон сабадҳои чоркунчаи 1х1 ё 1х2 ё сохта, дар он себу нок ва дигар меваҳоро қатор чида дар як гӯшае, ки ҳавояш муътадил буд меовехтанд. Ғайр аз ин Ҳасанов А. сабадҳои калонҳаҷмеро тайёр менамуд, ки чӯҷаву мурғ, барраву бузғолаи навтаваллудшударо дар дохили он нигоҳ медоштанд, то рӯбоҳу шағол ва ё ягон ҳайвони дигар нахӯрад.

Ин тарзи истифодаи сабад на танҳо дар ноҳияи Ҳамадонӣ, балки дар минтақаҳои дигари кишвар низ фаъол буд. Чи тавре ки дар деҳотҳои ноҳияи Данғара мушоҳида гардид, барои нигоҳдории бузғолаву баррачаи навзод сабади нисбатан калонтар аз навдаҳои

ғафси дарахти тут омода карда мешуд. Чунки ғунҷоиши байни шохаҳо васеътар буда, ҳаво ва нури офтоб дар даруни сабад ба осонӣ медарояд. Вазифаи чунин сабадҳо асосан аз он иборат буд, ки бузу гӯсфандон аз назди барраву бузғолаҳояшон дур нарафта, наздикии атрофи сабад чарида гарданд.

Хулоса, ҳунармандони зиёде имрӯзҳо дар шаҳру навоҳии мухталифи кишвар барои пешбурди зиндагии хеш ба ҳунари сабадбофӣ машғуланд. Вале гарчанде имрӯз теъдоди сабадбофон зиёд шуда бошад ҳам, ҳар кадоми онҳо тарзу услуби хоси худро доранд. Онҳо метавонанд нозукиҳои касби хешро боз ҳам хубтару беҳтар аз худ намуда, шаклҳои наву замонавии сабадҳои мухталиф, сабуку зебо ва муносибро баҳри мизоҷонашон офаранд.

**Адабиёт**


1. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф. – Сталинобод, 1958. Вып. 2. – 526 с.
2. Афсонаҳои Самарқанд. Тартибдиҳандагон: Шермуҳаммадов Б. ва Зеҳниева Ф. – Душанбе, 1965. – С. 189.
3. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 280 с.
4. Носирова, Л. Касбу ҳунарҳои анъанавии бонувон дар Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 190 с.
5. Раҳмонӣ, Р. Сабадбофӣ // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Муассисаи давлатии Сарредаксияи миллии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. Душанбе: ЭР-граф, 2017. – Ҷилди 2. – С. 279 -282.
6. Сабадбофӣ намирад // Илм ва ҳаёт. № 1-3, 1999. – С. 45.
7. Феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 394 с.


**Абдуллоев А.**

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РЕМЕСЛА ПЛЕТЕНИЯ КОРЗИН

Данная статья включает в себя различные стороны состояния традиционного ремесла плетения корзин в Таджикистане. Информация, используемая в статье, в значительной степени основана на источниках, публикациях, а также экспедициях проведённых в городах и районах Таджикистана в которых непосредственно участвовал автор. По результатам опроса ремесленников автор заключает, что традиционное ремесло плетения корзин имеет различную технику производства и сопутствующих изделию материалов, которые используют мастера. Поскольку корзины имеют особое значение в быту сельских жителей, они широко используются в современной повседневной жизни. Традиционное ремесло плетения корзин, как одно из народных ремёсел является достоянием национальной культуры таджикского народа и требует своего сохранения.

**Ключевые слова:** традиционное ремесленное искусство, корзина, ремесло плетения корзин, техника производства, ремесленник, древние ремёсла.

**Abdulloev A.**

# CONTEMPORARY STATE OF THE BASKETRY CRAFT IN TAJIKISTAN

In this article are described the various aspects of the basketry craft in the country. The information used in this article mostly based on published sources and field materials gathered from regions of Tajikistan by the author. According to the survey results it was clear that the basketry craft has old history, and there are various kinds of baskets are made by experienced craftsmen. Since baskets have a special significance in the life of the Tajik people, they are widely used in everyday life. Therefore, the production of baskets, as a traditional craft is very important for the development intangible cultural heritage.

**Keywords:** art, basketry, weaving of basket, sprout, craft, traditional, culture.

ТДУ 001.016+011/019+011/016+013(1/9)+016+02+024+025
**Буризода Қ.**

# ТАЪРИХ ВА ВАЗЪИ МУОСИРИ ХАДАМОТИ БИБЛИОГРАФӢ

*Хадамоти библиографӣ дар китобхона яке аз самтҳои муҳимми фаъолият ба шумор меравад. Донистани раванди хадамоти библиографӣ барои ҳар як китобдор ҳатмӣ буда, ҳамзамон ба хонандае, ки аъзои китобхона аст, зарур шуморида мешавад. Муҳиммияти хадамоти библиографӣ дар он аст, ки он ба ҳайси калиди захираи (фонди) китобхона хидмат намуда, мушкилии хонандаро дар ҷустани маводи зарурӣ осон менамояд ва вақти пурқимати ӯро дар пажӯҳишу дарёфти китоб ва иттилооти дигар сарфа менамояд. Библиограф ҳангоми хадамоти библиографӣ на танҳо бо маводи анъанавии феҳристи китобхона, картотека ва сарчашмаҳои маълумотдиҳию-библиографӣ кор мебарад, балки он аз феҳристҳои электронӣ, пойгоҳҳои электронӣ ва китобхонаҳои маҷозӣ низ васеъ истифода менамояд.*

*Таърихи пайдоиши хадамоти библиографии шифоҳӣ аз замони пайдоиши давлатҳои Аҳди Қадим: Шумериҳо ва Аккадиҳо оғоз гардидааст.*

*Тавре ки муҳаққиқони кори китобдорӣ қайд намудаанд, он тахминан дар ҳазораи III ва нимаи аввали ҳазораи II-и пеш аз милод оғоз гардидааст. Дар давраҳои минбаъда яке аз китобхонаи машҳур, ин китобхонаи Ошурбонипол буд, ки дар он гирдаҳои сафолӣ бо матни мехӣ нигоҳдорӣ мешуд. Фаъолияти китобхона дар тадқиқотҳои Ҷ. Томпсон, О.П. Коршунов, Р. Шарофзода ва дигарон қайд шудааст.*

*Дар давраи антиқӣ фаъолияти библиографӣ рушд мекунад ва намояндаи барҷастаи он Каллимах «Ҷадвали»-феҳристи Китобхонаи Искандарияро дар 120 китоб тасниф кардааст, ки дар он ҳамаи асарҳо дар 8 гурӯҳ тақсим гардидаанд.*

*Дар давраи ҳукумронии Сосониҳо, Хилофати араб, Сомониҳо ва асрҳои миёна як зумра нишондиҳандаҳои универсалӣ, соҳавӣ, мавзӯӣ ва шарҳиҳолӣ тасниф гардида, дар китобхонаҳои бузурги замон феҳристи адабиёти мавҷуда таҳия карда мешаванд, ки онҳо саҳми назаррас дар истифодаи самараноки захираи китобхона гузошта, ҳамзамон дар рушди библиография таъсир мерасонанд.*

*Дар даврони шӯравӣ дар кишвари мо фаъолияти библиографӣ аз нав эҳё мегардад, пайиҳам нишондиҳандаҳои бақайдгирандаи давлатӣ, тавсиявӣ ва илмӣ-ёрирасон ба миён меоянд, ки дар рушди идеологӣ, маънавӣ ва иҷтимоии аҳолӣ саҳми бузург гузоштаанд. Давраи муосири рушди библиорафия бо пайдоиши китобҳои электронӣ ва иттилооти электронӣ, бунёди бонк ва пойгоҳҳои электронӣ, китобхонаҳои электронӣ ва маҷозӣ вобаста буда, китобхонаҳои мо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҷойи сазовори худро дар он ёбанд. Мутаассифона, китобхонаҳои ноҳиявӣ ва деҳоти кишвар имконияти молиявӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисосро надоранд, аз ин рӯ аз тамоюли ҷаҳонии бунёди захираҳои электронӣ ва китобхонаҳои маҷозӣ қафо мондаанд.*

*Дар мақола баъзе роҳҳои бартараф намудани вазъияти мавҷуда дар китобхонаҳои ноҳия ва деҳот пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хадамоти библиографӣ, китобхона, таърих, нашри анъанавӣ, нашри электронӣ, кишвар, пойгоҳи додаҳо, мутахассисон, китобхонаи маҷозӣ, муҳаққиқон, фаъолияти библиографӣ.*

Хадамоти библиографӣ дар китобхона яке аз самтҳои муҳимми фаъолият ба шумор меравад. Донистани раванди хадамоти библиографӣ барои ҳар як китобдор ҳатмӣ буда, ҳамзамон ба хонандае, ки аъзои китобхона аст, зарур шуморида мешавад. Муҳиммияти хадамоти библиографӣ дар он аст, ки он ба ҳайси калиди захираи (фонди) китобхона хидмат намуда, мушкилии хонандаро дар ҷустани маводи зарурӣ осон менамояд ва вақти пурқимати ӯро дар пажӯҳишу дарёфти китоб ва иттилооти дигар сарфа менамояд. Агар мо мавҷудияти феҳристи китобхонаро мадди назар намоем, ба ақидаи академик Д.М. Лихачев (1906-1999) «ба укёнуси китобҳо рӯбарӯ меоем, ба мисли он, ки сӯзанро дар ғарами беда биҷуем», барои дарёфти китоби барои мо зарур солҳои зиёдеро сарф менамоем, то ин ки онро аз дохили захираи китобии китобхонаҳои муосир пайдо кунем. Ин корро, албатта, хадамоти библиографӣ барои хонанда осон менамояд.

Таърихи пайдоиши хадамоти библиографӣ хело қадимист. Феҳрист ва ё «каталог»-и китобхона ин натиҷаи заҳматҳои беандоза бузурги китобдорону библиографони давраҳои гуногуни инсоният буда, таърихи беш аз 5000-сола дорад. Сарчашмаи пайдоиши он ба ақидаи О.П. Коршунов ба китобхонаҳои Аҳди Қадим рафта мерасад. Ӯ дар китоби «Библиографияшиносӣ» қайд намудааст, ки «Агарчанде ҷараёни арзи вуҷуд намудани нахустин китобхонаҳо дар қаъри асрҳои дури гузаштаи таърихӣ норавшан мондааст, метавон бо боварии калон тасдиқ намуд, ки он дар ҳазораи III-и пеш аз милод дар Шумери Қадим пайдо шудааст» ва мавҷудияти хадамоти библиографиро дар китобхонаҳо Ҷеймс Томпсон ба ҳазораи II-и пеш аз милод тахмин задааст. Ба ақидаи ӯ дар хазинаҳои китобии Аҳди Қадим кӯшиши тақсиму ҷобаҷогузории мавод аз рӯйи соҳаҳо, ки барои истифода созгор буд ва он таснифоти нахустини илмии соҳавӣ (аз рӯйи соҳаҳои дар он замон мавҷуда) маҳсуб меёфт, амалӣ карда мешуд. Ин ақидаро идома дода Ҷеймс Томпсон навиштааст: «Ва бояд зикр намуд, ки китобдорони Шумери Қадим роҳи осони онро дарёфтанд. Яъне онҳо ҳар як қуттӣ ва ё сабадро, ки дар он гирдаҳо оид ба масоили гуногун матнҳои заруриро фаро мегирифт, лавҳаи алвоҳ ё тамғаеро илова намуданд, ки дар он номгӯйи матнҳои мавҷудаи қуттӣ ва ё сабад ишора мешуд. Ин лавҳаҳои алвоҳ нахустин сарчашмаи пайдоиши феҳристи (каталоги) китобхонавӣ буданд, ки ҷустуҷӯ ва дарёфти ҳуҷҷати зарурӣро дар чунин махзани бузург осон менамуданд».

Ин фарзияи Ҷеймс Томпсонро библиографи машҳури тоҷик Раҳимҷон Шарофзода тарафдорӣ намуда, дар асари худ «Таърихи номаҳои Аҷам» чунин иброз медорад: «китобдори номаълуми шумерие, ки бори нахуст қуттиҳо ва сабадҳои китобхонаи хешро бо лавҳаи алвоҳи махсус – тамғаҳо таъмин намуда буд, иттилооти биб-

лиографиро дар шакли феҳристи (каталоги) китобхонавӣ кашф месозад». Минбаъд ин феҳристҳои (каталогҳои) китобхонавӣ ҳамчун сарчашмаи иттилооти библиографӣ дар замонҳои минбаъда инкишоф ёфтанд.

Аз маълумотҳои таърихие, ки имрӯз мо дар даст дорем, дар замони антиқӣ рӯйхати библиографии осори муаллифони гуногуни замонро таҳия менамуданд. Дар ин давр китобдори бузурги Китобхонаи Искандария (Александрия) олим ва шоир Каллимахус (310 – 240 то милод) асари таърихиву фарҳангӣ ва библиографии боҳашаматеро зери унвони «Ҷадвалҳои кулли соҳаҳои дар маърифат шуҳратёфта ва осори онҳо» дар 120 ҷилд таҳия менамояд, ки дар он сарчашмаҳо ба 8 гурӯҳ тасниф карда шуда буданд. Ба ақидаи Р. Шарофзода «… нахустин дастури мустақими китобшиносии хешро, ки дар асоси маводи дар феҳристи китобхона инъикосёфта таҳия шуда буд ва он адабиёти юнониро фаро мегирифт, манзур кард». Ҳамзамон ба ақидаи олимон «Ҷадвал…» на танҳо сарчашмаҳои хаттии дар Китобхона мавҷудбуда, балки тамоми маводи адибони ҳамон айёмро, ки ба Каллимахус ошно буд, фаро мегирифт. Ин далел арзиши илмии нишондиҳандаро афзуда, ба муҳаққиқон имкон медод, ки дар омӯзиши ашъори адиби мушаххас «Ҷадвал…»-ро ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода баранд.

Ҷадвали Каллимахус то замони мо нарасидааст ва бо истифода аз маълумотҳои ба мо расида (аз рӯйи асари Аристофани Румӣ «Дар бораи ҷадвалҳои Каллимахус») тахмин кардан мумкин аст, ки ҷадвал, пеш аз ҳама, феҳристи мураттабии тақрибан аз 8/1 қисми захираи Китобхонаи Искандария ва қисман маводи берун аз онро инъикос мекард ва аз ҷониби дигар асари бузурги библиографие буд, ки тасвири номгӯйи тамоми осори эҷодии адабии юнонии ба Каллимахус маълумро бе инобати макони ҷойгиршавии сарчашмаҳо фаро мегирифт.

Дар асрҳои миёна ниёкони мо дастурҳои библиографии зиёде таҳия намудаанд, ки кулли он дар китобхонаҳо омода гардида, бештар захираи китобии китобхонаҳоро вобаста ба соҳа, мавзӯъ ва ашхоси барҷастаи замон дар худ инъикос менамуданд. Ин феҳристҳо баъдан дар даврони Сосониҳо, Хилофати Араб, Сомониён ва ҳукуматдорони баъдӣ низ таҳия гардида, тамоми соҳаҳои маълуми илмиву адабиро фаро мегиранд. Шоҳкориҳои зиёди библиографӣ, аз ҷумла, “Феҳристи ул-кутуб Муҳаммад ар-Розӣ” («Феҳристи осор»)-и Закариёи Розӣ, «Ал Феҳрист» - и Ибни Надим, “Рисолат фи-фехрист ал-кутуб Муҳаммад бин Закариё ар-Розӣ”-и («Феҳристи осори Закариёи Розӣ»)-и Абӯрайҳони Берунӣ, «Алҳосил ва-л маҳсул» (20 ҷилд), «Ал-бирр ва-л исм», «Китоб алмаҷмӯъ» ва «Рисолаи саргузашт»-и Абӯалӣ ибни Сино, “Китоб улансаб”-и Муҳаммад ибни Мансур ас-Самъонии Марвазӣ (асри XII), «Феҳрист»-и Муҳаммад ал-Қайс ал-Ишбилӣ (соли 1140), “Татимату сивон ул-ҳикмат”-и (соли 1160) Али бинти Абдулқосим Зайди Байҳақӣ (1105-1169), “Феҳристи китобҳои шиа ва муаллифин”-и Убайдулло ибни Бобовайҳои Қумӣ (асри XII), “Таърих ул-ҳукамо” ва ё “Китоби ахбор ал-уламо бил ахбор ал-ҳукамо”-и Ҷамолиддин Абулҳасани Қифтӣ (1172-1248), “Иршод ул-ариб илал маърифат ул-

адиб”-и Ёқути Ҳамавӣ (1179-1229), “Уйун ул-анбо фи табақот ул-аттибоъ”-и Ибни Усайбиа (1203-1270), “Китоби вафоёт ул-айён ва-анбоъ уз-замон”-и Ибни Халлиқон (1211-1282), “Қомус ул-аълом”-и Шарофуддини Сомӣ (асри XIII), “Фасл ул-китоб”-и Муҳаммади Порсо (асри XIV), “Тароиқ ул-ҳақоиқ”-и Маъсумии Шерозӣ, “Шаҷарат уз-заҳаб”-и Абдулфаттоҳи Ҳанбалӣ, “Лисон ул-мизон”-и Шаҳобиддини Асқалонӣ, “Нузҳат ул-арвоҳ”-и Муҳаммади Шаҳразурӣ, “Бугиё”-и Ҷалолиддини Суютӣ (ваф. 1505), “Кашф-уз-зунун ан асомии-л-кутуби ва-л-фунун»-и Ҳоҷ Халифа (асри XVII), “Мироот ул-кутуб”-и Муҳаммади Табрезӣ (1901), «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ ва ғайра, аз намунаҳои барҷастаи он буда, дар рушду такомули илм ва адаби асрҳои миёна ва даврони нав саҳми назаррас гузоштаанд. Ин дастурҳои библиографӣ то ба имрӯз қимати таърихию маънавӣ ва адабию фарҳангии хешро гум накардаанд.

Библиография ҳамеша дар хидмати хонанда қарор дошта, ҷустуҷӯи ӯро осон мегардонид, ҳангоми дарёфти адабиёти зарурӣ ба ӯ мададгор буд. Бо иборaи дигар, ба ҳайси қутбнамо дар самти асосии интихоби китоб ёрӣ мерасонид.

Имрӯз низ вазифаи асосии библиография ёрӣ расонидан ба хонанда мебошад. Дар хадамоти библиографӣ на танҳо маводи анъанавии чопӣ, ба монанди феҳристу картотекаҳо, нишондиҳандаҳои ҷориву тарҷеӣ, тавсиявию илмӣ-ёрирасон, нашрияҳои иттилоотӣ, балки таҷҳизот ва истифодаи босамари технологияи муосир низ қарор дорад. Библиографон дар китобхона захираи электронии китобҳо ва иттилооти рӯзмарра, рӯйхату феҳристҳои электронӣ ва захоири маҷозиро бунёд месозанд ва дар навбати худ хонандагон бо истифода аз технологияи замонавии иттилоотӣ, шабакаи интернет, воситаҳои гуногун ва сомонаи китобхона аз он истифода менамоянд. Пойгоҳҳои иттилоотии рақамӣ имконият медиҳанд, ки хонандагон аз манотиқи гуногуни кишвар ва ё хориҷ аз он бе душворӣ бо истифода аз васоити рӯзмарра ба монанди телефони мобилӣ, компютери касбӣ ва воситаҳои дигар аз ин ганҷинаи китобӣ ва марказҳои бузурги иттилоотии кишвар истифода баранд.

Вазъи хадамоти библиографӣ дар ҳудуди кишвари мо якранг нест. Бунёди захираҳои электронӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи марказии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳо, Китобхонаи патентию техникӣ, Китобхонаи илмии ДМТ, Китобхонаи илмии тиббии ДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Китобхонаи илмии ПИТФИ, Китобхонаи илмию техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, Китобхонаи универсалии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, КДҶБ ба номи М. Миршакар аллакай мавриди истифода қарор дода шудаанд. Аз сомонаи муассисаҳои мазкур метавон як зумра китобҳои нусхабардоришударо дарёфт ва истифода намуд.

Мутаассифона, на дар ҳамаи китобхонаҳои кишвар захоири электронии китобҳо бунёд гардидаанд. Бахусус вазъи на он қадар хуб дар китобхонаҳои ноҳиявӣ ва деҳот дар самти бунёди захоири элекронии китобҳо ба назар мерасад. Агарчанде тамоми китобхо-

наҳои ноҳиявӣ тавассути «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» соҳиби таҷҳизотҳои замонавӣ, аз қабили компютер, сканер, принтер ва пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет шуда бошанд, то ба имрӯз дар онҳо бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла набудани мутахассис, пардохт нагардидани маблағи Интернет аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллӣ бунёди пойгоҳҳои китобҳои рақамӣ дида намешаванд. Хунукназарӣ аз ҷониби китобдорони ноҳия ва маҳал низ дар ҳалли ин мушкилот дида мешавад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки таваҷҷуҳи китобдорон ба ин масъалаи доғи рӯз нигаронида мешуд. Дар сурати фаъолият ва муносибати хуб бо хонандагон ва диққати ҷиддӣ зоҳир намудан ба тарбияи насли наврас, китобдор метавонад таваҷҷуҳи аҳолии маҳалро ба худ ҷалб намояд ва масоили мавҷуда бо дастгирии онҳо ҳалли худро хоҳад ёфт. Таҷриба нишон медиҳад, ки китобдори ноҳия ва деҳот дар ҳалли мушкилиҳои зерин: таъмиру бо таҷҳизот таъминнамоии он, пуркунии фонди китобхона бо китобҳои нав, пайвастшавӣ ба шабакаи интернет, созмондиҳии сомона, бунёди захоири электронӣ аз имкониятҳои мавҷудаи маҳал: амсоли захоири зеҳнӣ, молиявӣ ва корӣ ба манфиати ҷомеа ва бошандагони маҳал истифода намояд.

Имрӯз аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконияти мусоид барои рушди соҳаи китобдорӣ дар кишвар фароҳам оварда шудааст. Бунёди китобхонаҳои замонавӣ ба монанди Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддин Шоҳин, Китобхонаи марказии шаҳри Ҳисор ва садҳо китобхонаҳое, ки дар ҳудуди кишвар таъмир ва таҷҳизотонида шудаанд, далели равшани заҳматҳои бузурги Роҳбари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки ин имконияти мусоидро самаранок истифода намуда, аз ҷониби китобдорони соҳибмалака ва соҳибтахассуси кишвар дар тамоми китобхонаҳои ноҳиявӣ ва деҳот захоири электронӣ бунёд карда шаванд. Манбаи муҳим барои онҳо имрӯз метавонад шабакаи интернет ва пойгоҳҳои бузурги маҷозии ватанию хориҷӣ гарданд, ки тавассути дастёбӣ ба онҳо китобдорони мо китобҳои зарурииро нусхабардорӣ ва захира намоянд. Манбаи дигар метавонад мағозаҳои китобфурӯшии ватанӣ ва хориҷи кишвар бошанд. Чунки аз онҳо метавон нусхаҳои электронии китобҳоро дар шакли дискҳои CD, DVD ва амсоли он бо нархи начандон гарон харидорӣ намуд, ки дар бунёди захираи китобҳои электронӣ ёрӣ мерасонанд. Сарчашмаи сеюм, ин пойгоҳҳо ва захираҳои электронии китобхонаҳои бузурги дохил ва хориҷи кишвар буда, метавон аз онҳо бо истифода аз дискҳои CD, DVD, флешкарт ва барандагони дигари электронӣ китобҳои зарурииро нусхабардорӣ карда, ба бунёди захираи электронии китобхонаи маҳаллӣ замина гузошт.

Инчунин, аксари пойгоҳҳои китобҳои рақамӣ ва сомонаҳо имконияти гирифтани нусхаи китобро бо пардохти наонқадар бузург манзур менамоянд ва ё умуман нусхабардорӣ дар онҳо ройгон аст, китобдори соҳибмалака метавонад аз шароити мусоид барои бунёди захираи электронӣ барои хадамоти оянда худ истифода барад. Ҳамзамон, аксари китобҳои рақамии дар намуди CD ва DVD

ба фурӯш баровардашуда, ниҳоят арзон бо пардохти наонқадар зиёд манзур мегарданд ва як фитаро мумкин аст тариқи ройгон нусхабардорӣ намуда, ба китобдорони ноҳия ва деҳот ба ҳамкасбони хеш дастрас намоянд ва барои бунёди захираи электронӣ саҳми худро гузоранд.

Ғайр аз ин, роҳҳои гуногуни бунёди китобхонаҳои электронӣ мавҷуд аст. Яке аз онҳо қабули барномаҳои хурди миёнамуҳлат оид ба ташаккули захираҳои иттилоотии ҳуҷҷатишудаи электронӣ тибқи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2005, таҳти № 508 буда, мутобиқ ба он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули захоири электрониҳо дар гӯшаву канори кишвар, бо пешниҳоди лоиҳаҳои мукаммал, дар доираи имкониятҳои молӣ ҳамасола маблағгузорӣ менамояд. Сарчашмаи дигар ин ҷалби сармояҳои ташкилотҳои ғайридавлатии хориҷӣ ва сафоратхонаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда мебошад. Онҳо низ ҳамасола лоиҳаҳои гуногуни фарҳангиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, беҳтаринҳои онро маблағгузорӣ менамоянд.

Аз созмондиҳандагони захоири электронӣ хоҳиш карда мешавад, ки пеш аз он ки ба бунёди захоири электронӣ даст зананд ҳатман санаду ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳое, ки ба моликияти зеҳнӣ вобастаанд ва тибқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мегарданд риоя намоянд, вагарна мавриди муҷозот ва объекти парвандаҳои судӣ хоҳанд гашт.

Ҳамзамон риояи талаботи санадҳои зерини ҳуқуқӣ «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи реклама», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ», «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» ва ғайра ҳатмӣ шуморида мешаванд. Бунёди захоири электронӣ дар доираи талаботи қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амалӣ карда шаванд.

Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки мутахассисони китобдори мо мушкилиҳои мавҷудаи китобхонаҳояшонро ба дӯш гиранд ва хадамоти хонандагонро, хусусан хадамоти иттилоотию библиографии онҳоро ба сатҳи талаботи имрӯзаи кишвар ва ҷаҳон мутобиқ гардонанд. Мо боварии комил дорем, ки китобдорони маҳаллии мо имрӯз аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи пурмасъулият бо ҷалби захоири зеҳниву молиявӣ ва кории аҳолии маҳал сарбаландона хоҳанд баромад.

**Буризода К.**

## ИСТОРИЯ И СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ БИБЛИОГРАФИЧЕСКОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ

Библиографическое обслуживание в библиотеке является одной из основных направлений деятельности. Знание процессов библиографической деятельности очень важно для библиотекарей, в то же время она считается нужной и для тех читателей, которые являются абонен-

тами библиотеки. Важность библиографического обслуживания в том, что оно является ключом к фонду библиотеки и помогает читателю в поиске нужной литературы, экономя его бесценное время для доступа к нужному источнику или информации. Библиограф во время библиографического обслуживания использует не только традиционные библиотечные каталоги, картотеки и справочно-библиографические источники, но и ресурсы электронных каталогов, банков электронных данных и виртуальных библиотек.

История появления устного библиографического обслуживания в библиотеках начинается ещё с древнейших государств Шумера и Аккада. Как отмечают исследователи библиотечного дела, она начинается примерно в III и начале II тысячелетия до нашей эры.

Немного позднее была создана одна из знаменитых библиотек, библиотека Ашшурбанапала, в которой хранились глиняные таблички с клинописными текстами. О деятельности данной библиотеки в своих исследованиях отмечают Дж. Томпсон, О.П. Коршунов, Р. Шарофзода и многие другие.

В античный период был расцвет библиографической деятельности и одним из представителей данного периода Каллимахом были составлены «Таблицы» — аннотированный каталог Александрийской библиотеки, включающий 120 книг. В нём все сочинения были поделены на восемь групп.

Во время правления Сасанидов, Арабского халифата, Саманидов и в средние века появились ряд универсальных, отраслевых, тематических, биобиблиографических и библиографических указателей, в больших библиотеках создавались каталоги существующих книг, которые внесли ощутимый вклад в эффективное использование фонда библиотеки и тем самым влияли на развитие библиографии.

В советский период в стране возродилась библиографическая деятельность и постепенно начали появляться государственно-регистрационные, рекомендательные, научно-вспомогательные указатели, которые внесли огромный вклад в идеологическое, духовное и общественное развитие населения.

Современный период развития библиографии связан с появлением электронных книг и электронной информации, созданием баз и банков данных, электронных и виртуальных библиотек, где библиотеки стараются найти свою нишу. Но, к сожалению, районные и сельские библиотеки страны, не имея бюджетных возможностей и высококвалифицированных специалистов, отстают от мирового тренда создания электронных фондов и виртуальных библиотек.

Автором предлагаются некоторые пути по выходу из создавшейся ситуации районных и сельских библиотек.

**Ключевые слова:** библиографическое обслуживание, библиотека, история, традиционные издания, электронные издания, библиографическое обслуживание, страна, база данных, специалисты, виртуальная библиотека, исследователи, библиографическая деятельность.

**Burizoda K.**

# HISTORY AND CURRENT STATUS OF THE BIBLIOGRAPHIC SERVICE

Bibliographic service in the library is considered one of the main activities. Knowledge of the processes of bibliographic activity is very important for librarians, at the same time it is considered necessary for those readers who are subscribers of the library. The importance of bibliographic service is that it is the key to the library fund and helps the reader in finding the right literature, saving him invaluable time to access the right source or information. During the bibliographic service the bibliographer uses not only traditional library catalogues, card files and reference and bibliographic sources, but also resources of electronic catalogues, electronic data banks and virtual libraries.

The history of the appearance of oral bibliographic services in libraries dates back to the ancient states of Sumer and Akkad. As the researchers note, librarianship started in about III and the beginning of the II Millennium BC. Later, one of the famous libraries, the library of Ashurbanipal, was created, in which clay tablets with cuneiform texts were stored. On the activities of the library in their studies note J. Thompson, O. P. Korshunov, R. Sharofzoda and many others.

In the ancient period was the heyday of bibliographic activities and one of the representatives of this period, Callimachus compiled a "Table" — an annotated catalogue of the library of Alexandria, comprising 120 books. In it all the works were divided into eight groups.

During the reign of the Sassanids, the Arab Caliphate, the Samanids and the middle ages, a number of universal, sectoral, thematic, bio-bibliographical and bibliographic indexes appeared, catalogues of existing books were created in large libraries, which made a significant contribution to the effective use of the library fund and thus influenced the development of bibliography.

During the Soviet period, bibliographic activity was revived in Tajikistan and gradually began to appear state registration, recommendation, scientific and auxiliary indexes, which made a huge contribution to the ideological, spiritual and social development of the population. The modern period of bibliography development is associated with the emergence of electronic books and electronic information, the creation of databases and data banks, electronic and virtual libraries, where traditional libraries are trying to keep their place among them. Unfortunately, rural libraries, not having the budget and highly skilled professionals, lagging behind the world trend of creating digital collections and virtual libraries. The author offers some ways out of the situation of regional and rural libraries.

**Keywords**: bibliographic service, library, history, traditional publications, electronic publications, bibliographic service, country, database, specialists, virtual library, researchers, bibliographic activity.

УДК 035.4.03+016+001.815+017/019+025.547=9тадж. (575.3)

**Титова О.**

# ИННОВАЦИОННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАЦИОНАЛЬНОГО АГЕНТСТВА МЕЖДУНАРОДНОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СТАНДАРТНОЙ НУМЕРАЦИИ КНИГИ – ДОМА КНИГИ ТАДЖИКИСТАНА

*В условиях глобализации жизнь и прогресс современного общества невозможен без максимального использования информации во всех её видах. Изменились и общественные потребности в информации, что привело к инновационным разработкам в практической деятельности Книжной палаты Таджикистана. Данный центр библиографической деятельности, избрав инновационный путь, всё более стал трансформироваться в одну из мощных и важнейших отраслей индустрии информации.*

*В 2005 году с целью соблюдения мировых стандартов в сфере печати по инициативе Министерства культуры Республики Таджикистан и при поддержке Правительства Таджикистана наша страна была принята в состав Международного Агентства ISBN. Национальное агентство МОСНК – Дом книги Таджикистана стало в нашей республике представителем Международного Агентства ISBN.*

*Инновационная деятельность Дома книги Таджикистана направлена на внедрение новых эффективных технологий в рабочие процессы всех отделов. В процессе компьютеризации были созданы необходимые материально-технические предпосылки для модернизации и оснащения рабочих мест сотрудников компьютерной техникой и программным обеспечением.*

*Создание принципиально новых образцов деятельности, выводящих профессионализм сотрудников на новый качественный уровень, стало одним их наиболее важных этапов в инновационной деятельности Дома книги Таджикистана.*

*С 2013 года Дом книги Таджикистана начал принимать участие в международном проекте по подготовке и выпуску статистического сборника «Печать стран СНГ», предоставляя статистическую информацию по прилагаемым формам согласно Плану мероприятий по подготовке и выпуску данного статистического сборника.*

***Ключевые слова:** информация, библиография, указатель, международный стандартный книжный номер, инновации, обязательный экземпляр, Дом книги Таджикистана, библиографическая деятельность.*

В условиях глобализации жизнь и прогресс современного общества невозможен без максимального использования информации во всех её видах. Изменились и общественные потребности в информации, что привело к инновационным разработкам в практической деятельности Книжной палаты Таджикистана. Центр библиографической деятельности, избрав инновационный путь, всё более стал трансфор-

мироваться в одну из мощных и важнейших отраслей индустрии информации.

С первых дней Государственной независимости Книжная палата Таджикистана стремилась к тому, чтобы стать полноправным членом международных и региональных организаций, а также во всех сферах соблюдать и выполнять нормы мировых стандартов.

В 2005 году с целью соблюдения мировых стандартов в сфере печати по инициативе Министерства культуры Республики Таджикистан и при поддержке Правительства республики наша страна была принята в состав Международного Агентства ISBN. В связи с этим, 2-го июля 2005 года под №239 было принято Постановление Правительства Республики Таджикистан и на основании данного документа 26-го октября 2005 года под №166 вышел соответствующий приказ Министерства культуры Республики Таджикистан [1, с. 41].

Летом 2005 года Книжная палата Таджикистана была переименована в государственное учреждение «Национальное агентство Международной организации стандартной нумерации книги – Дом книги Таджикистана» (далее – Дом книги Таджикистана), став в нашей республике представителем Международного Агентства ISBN [1, с. 41].

Сотрудники Дома книги Таджикистана, ответственные за присвоение индексов международной стандартной книжной нумерации отечественных изданий, стали оказывать методическую помощь издателям в простановке и использовании международного стандартного книжного номера (ISBN). Была создана регистрационная база данных об издателях Республики Таджикистан, которая передавалась в Международное Агентство ISBN. На издателей и издающие организации была возложена ответственность за использование ISBN на каждом своём издании, за использование только тех номеров, которые были выданы Национальным агентством ISBN Республики Таджикистан, за предоставление издателями сведений об изменении названия или приостановки издательской деятельности.

Международный стандартный книжный номер дал возможность вести оперативный поиск информации о конкретной книге в отдельных электронных ресурсах, совершенствуя контроль над выпуском книг и регистрацией издания в любой книжной информационной системе.

Европейской ассоциацией товарной нумерации Международному агентству ISBN для обозначения товара «Книжная продукция» был предоставлен префикс EAN.UCC– код 978, а книжная продукция Республики Таджикистан представлялась на мировом уровне под номерами регистрационной группы 99947 и 99975, которые служат для обозначения в системе ISBN страны или географической области. Каждому издателю или издающей организации, прошедших регистрацию в «Доме книги Таджикистана», был выделен свой номер – идентификатор конкретного производителя книжной продукции. Последующей группой цифровой части стал номер издания (публикации), который устанавливает полное соответствие конкретного издания (публикации) издателя, производителя документов в предоставленном ISBN.

Международный стандартный книжный номер в книжных изданиях приводят в левом нижнем углу оборота титульного листа.

Пример: ISBN 978-99975-59-25-8, где

978 – префикс EAN.UCC

99975 – номер регистрационной группы Республики Таджикистан

59 – идентификатор издательства «ЭР-граф»

8 – контрольная цифра, которая служит для проверки правильности идентификатора издателя и номера издания. Являясь уникальным идентификационным номером издания, один и тот же номер ISBN может принадлежать только одному изданию. Издатели не могут отдать ISBN другому издателю или использовать ISBN другого издателя для своих изданий [1, с. 57].

Международный стандартный книжный номер (ISBN), международный стандартный номер сериального издания (ISSN), присвоенный любой серии или подсерии приобрели статус обязательного элемента в ГОСТе 7.1–2003. «Библиографическая запись. Библиографическое описание. Общие сведения и правила составления». Библиографические сведения о стандартных книжных номерах, относящиеся к области серии, стали приводить с принятой аббревиатурой и предписанными пробелами и дефисами.

В настоящее время государственное учреждение «Национальное Агентство международной организации стандартной нумерации книги – Дом книги Таджикистана» по праву считается ведущим библиографическим центром республики, основными задачами которого являются ведение государственной библиографии, выпуск государственного библиографического указателя «Летопись печати Республики Таджикистан», выпуск ретроспективного библиографического указателя «Книги Республики Таджикистан», регистрация и вечное хранение обязательных экземпляров документов, ежегодное составление статистических сведений о выпуске книг, брошюр, периодических и продолжающихся изданий в Республике Таджикистан, а также присвоение индексов международной стандартной книжной нумерации отечественных изданий. Ориентация на использование новых информационных технологий расширяет и усложняет функции и задачи учреждения.

Инновационная деятельность Дома книги Таджикистана направлена на внедрение новых эффективных технологий в рабочие процессы всех отделов. Важнейший этап в инновационной деятельности сотрудников начался с процесса компьютеризации, когда появилась возможность создания первой электронной версии «Летописи печати Республики Таджикистан». Постепенно началась профессиональная и психологическая подготовка сотрудников к работе с электронными средствами и источниками информации. В процессе компьютеризации были созданы необходимые материально-технические предпосылки для модернизации и оснащения рабочих мест сотрудников компьютерной техникой и программным обеспечением. Для обеспечения эффективной инновационной деятельности почти все персональные компьютеры были подключены к сети Интернет. Использование ресурсов глобальной сети позволила сотрудникам ознакомиться с пе-

редовым опытом Национальных книжных палат государств-участников СНГ, разносторонне изучать функции государственного библиографического учёта на новом уровне информационных технологий. За последние годы существенно расширились международные связи, способствующие развитию книгоиздания, книгораспространения и полиграфии между государствами-участниками СНГ, появилась возможность создания новых информационных продуктов и возможность выхода на новый уровень распространения библиографической информации. На современном этапе развития общества невозможно представить деятельность учреждения без использования электронных средств, новых информационных технологий и источников информации, значительно расширяющих возможности сбора и хранения обязательных экземпляров документов.

Необходимо отметить, что во всем мире идёт интенсивный перевод бумажных архивов в электронную форму. Инновации в книжном деле не только изменили способ доставки текста потребителям информации, но и появились новые способы письма, публикации и чтения, которых требует электронный способ распространения государственной библиографической и статистической информации, обеспечивающий развитие справочно-поискового аппарата к текущим и ретроспективным изданиям. Создание электронного каталога является приоритетной целью информационного обслуживания Дома книги Таджикистана. В данное время ведется активная работа по созданию электронного ретроспективного каталога «Книги Советского Таджикистана». Ведется ручной набор ретроспективных указателей, которые были изданы Государственной книжной палатой Таджикской ССР. При перепечатке текста сохраняется порядок введения библиографического описания книг в соответствии с оригиналом. Ввиду того, что указатели содержат информацию о литературе на таджикском, русском и узбекском языках, предпочтительнее ручной набор информации, ведь затраты времени на сканирование, распознавание и редактирование могут оказаться больше, чем время ручного набора. Эти издания являются очень удобными для ретроспективного поиска книг и предназначены для быстрого нахождения сведений о брошюрах и книгах, изданных за определенный период. Данный каталог станет хорошим помощником для специалистов, занимающихся изучением истории любого направления деятельности, а также может быть использован в справочной работе любой библиотеки нашей страны.

Электронная база данных государственной библиографии сможет обеспечить библиотеки республики в условиях компьютеризации и современных информационных технологий библиографической информацией, даст возможность быстрого и качественного доступа потребителей к информационным ресурсам архива печати при Доме книги Таджикистана. Создание электронной базы данных государственной библиографии, знакомящей широкий круг потребителей с информацией о книжных потоках страны и изданных книгах, поступивших на вечное хранение, предоставление открытого доступа к информации – важнейший этап в развитии системы информирования из единого источника и проявление инновационной деятельности учреждения. До недавнего времени перед сотрудниками отдела приёма и

хранения обязательных экземпляров не ставилась задача включения годами формируемого электронного каталога в систему информационного обслуживания пользователей. Как показывает практика, электронный каталог, например, заметно облегчает работу при проведении входного контроля печатной продукции на дублетные экземпляры. Дублетными экземплярами считаются повторные экземпляры подлинников книг, газет, журналов и другой печатной продукции, поступивших на вечное хранение в архив печати. Выявленные дублетные экземпляры изымаются из единиц хранения. Также проводится комплекс операций, позволяющих получить точные данные об объеме фонда архива печати. Обязательные экземпляры, поступающие на вечное хранение, не выдаются на руки читателям, но могут быть использованы при проведении книжных выставок и различных мероприятий по пропаганде книги. Фонд также может использоваться для пропаганды государственных программ и проектов в сфере издательской деятельности.

На современном этапе практическая деятельность, прежде всего, направлена на обеспечение наибольшей полноты поступления обязательных экземпляров, оперативности и достоверности библиографических сведений национальной библиографии, контроль за своевременным и высококачественным выполнением всеми издателями требований Закона Республики Таджикистан «Об обязательном экземпляре». Согласно данному Закону «Производители доставляют получателям документов три обязательных бесплатных экземпляра документов в течение 10 дней после выхода в свет первой партии тиража, а изданий – в день выхода каждого номера» [2]. Только плодотворное сотрудничество Дома книги Таджикистана с издателями и полиграфическими предприятиями обеспечит систематическое пополнение фонда архива печати литературой универсального содержания, периодическими, продолжающимися изданиями и другими произведениями печати с целью комплектования фонда документов как части национального культурного наследия, библиографической и статистической регистрации отечественных документов, использования обязательных экземпляров в информационно-библиографическом обслуживании потребителей информации.

Ознакомившись с информацией по выпуску государственного библиографического указателя «Летопись печати Республики Таджикистан» в период Государственной независимости, можно сделать выводы о том, что в 1992-1994 гг. указатель выходил 6 раз в год, в 1995-м – 3 раза в год, в 1996-м – 2 раза в год. Начиная с 1997 г. и по 2001 г. включительно указатель выходил всего 1 раз в год. Положительная динамика прослеживается в период с 2002 г. по 2015 г., когда указатель начал стабильно выходить в свет 2 раза в год. С начала 2016 года указатель выходит в свет 4 раза в год, почти вдвое по сравнению с прежними годами увеличился объем библиографических записей во всех его разделах.

На очередном заседании Межгосударственного совета по сотрудничеству в области периодической печати, книгоиздания, книгораспространения и полиграфии Исполкома СНГ 27 ноября 2012 года было принято «Положение о Совете руководителей Книжных палат

государств-участников СНГ». Согласно данному Положению для реализации проекта по подготовке и выпуску статистического сборника «Печать стран СНГ» функции по его координации, сбору статистической информации от Книжных палат СНГ возлагаются на председательствующую в Совете республику. С 2013 года Дом книги Таджикистана начал принимать участие в этом международном проекте, предоставляя статистическую информацию по прилагаемым формам согласно Плану мероприятий по подготовке и выпуску статистического сборника.

За последние несколько лет произошли существенные изменения в работе отдела государственной библиографии. Была проведена большая работа для того, чтобы начать выпуск государственного библиографического указателя по новой классификации. С января 2016 года книги, авторефераты, статьи из журналов и газет, рецензии стали располагаться в «Летописи печати Республики Таджикистан» в соответствии с методическим руководством «Расположение библиографических записей в государственных библиографических указателях на основе Универсальной десятичной классификации (УДК)». В относительно короткие сроки библиографы научились использовать новую методическую литературу, изучили многоаспектное индексирование содержания документов, освоили приёмы классификации материала.

Создание принципиально новых образцов деятельности, выводящих профессионализм сотрудников на новый качественный уровень, стало одним их наиболее важных этапов в инновационной деятельности Дома книги Таджикистана.

В век технического прогресса и информационных технологий работа сотрудников отдела государственной библиографии стала существенно отличаться от прежней деятельности, когда библиографы были посредниками между документом и пользователем. Современные методы работы требуют умения анализировать и выбирать эффективные стратегии поиска, свободно ориентироваться в информационном пространстве, реализовывать инновационные идеи в библиографической деятельности. Постоянно увеличивающийся информационный поток делает отбор и продвижение нужной и актуальной информации необходимыми и востребованными. Библиографы должны обладать как базовыми профессиональными знаниями и навыками, так и знанием многих отраслей, поскольку они профессионально занимаются составлением библиографического описания произведений печати, посвященных всем сферам человеческой деятельности. Изучая инновации других сфер деятельности, библиографы постепенно становятся аналитиками и исследователями, но в конечном результате библиографической работы суть остается прежней – выпуск государственного библиографического указателя «Летопись печати Республики Таджикистан». Учитывая огромные возможности библиографии, необходимо использовать библиографические средства для создания других видов библиографии, вести поиск их инновационных форм.

Внедрение в практику передовых знаний и достижений даёт возможность каждому библиографу ещё ярче проявить не только свои профессиональные и квалификационные навыки, но и интеллектуальные способности, применять инновационные нововведения, которые

являются неотъемлемой частью успешной трудовой деятельности, способствуя повышению производительности и эффективности труда.

Все ведущие библиографы в условиях развития инноваций и информационных технологий не должны ограничиваться уже имеющимися знаниями в области методов организации труда, осуществления обработки, анализа и публикации библиографических указателей. Они должны обладать способностью выработки инновационных процессов в своей деятельности с целью дальнейшего развития, использования инноваций в процессе своего интеллектуального труда, активного продвижения собственных разработок. Для повышения профессионального мастерства необходимо пользоваться современными методиками, заниматься изучением основных стандартов для современного книгоиздательского дела и изучать новую систему терминов, обновлять технологические знания, изучать приёмы классификации поступающей печатной продукции, осваивать рекомендованные стандартами правила применения разделительных знаков. Чем более интеллектуально развиты работники, тем более широкомасштабной становится их инновационная деятельность, формируется новый взгляд на библиографическую работу, заметно растёт желание всё полнее использовать новые информационные технологии и передовой опыт других библиографических учреждений республики. Создание инновационной среды и активизация инновационной деятельности напрямую зависит от сотрудников, которые обладают глубокими знаниями и навыками решения задач в области инновационных методов работы. Таким образом, возникает необходимость выработки и реализации стратегии совершенствования библиографической работы с учетом стимулирования активизации инновационной деятельности сотрудников.

Современные библиографы изучают и внедряют новые формы библиографической деятельности, совершенствуют свое профессиональное мастерство, реализуют на практике инновационные идеи. Профессиональному росту библиографов также способствуют дискуссии, посвященные выявлению различных проблем, возникающих в повседневной трудовой деятельности, организуется их обсуждение, предлагаются пути решения. Важно не стоять на месте, постоянно учиться, общаться, делиться накопленными знаниями и приобретенными профессиональными навыками.

Повышение квалификации и профессиональный рост способны поддерживать компетенцию библиографов на должном уровне, которое, в частности, предполагает систематическое чтение специальной профессиональной литературы. Способность библиографов развивать свои интеллектуальные навыки в плане наблюдения, утверждения, развития и усовершенствования знаний и умений является на сегодняшний день неотъемлемой частью инновационного развития, а благодаря их творческому потенциалу деятельность учреждения получает новое развитие. Психологическая готовность каждого сотрудника внедрять инновационные нововведения в процесс своей трудовой деятельности приведет к кардинальной модернизации Дома книги Таджикистана и конечным результатом инновационного развития станет переход от старых методов работы к передовым.

### Литература

1. Пособие по применению ISBN //Дастури истифодаи ISBN / составитель С. Икроми. – Душанбе: Кайхон, 2008. – 88 с. (на таджикском языке).

2. Закон Республики Таджикистан «Об обязательном экземпляре» (ст. 856) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2011. – № 12.

**Титова О.**

## ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ АГЕНТИИ МИЛЛИИ СОЗМОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РАҚАМГУЗОРИИ СТАНДАРТИ КИТОБ – ХОНАИ КИТОБИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити ҷаҳонишавии ҳаёт ва инкишофи ҷомеаи муосир бе истифодаи ҳаддалимкони пурраи иттилоот дар шаклҳои гуногун пешравӣ имконнопазир аст. Эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ низ дар истифодаи иттилоот тағйир ёфтааст. Ин боиси рушди раванди инноватсионӣ дар фаъолияти амалии Палатаи китоби Тоҷикистон гардидааст. Ин маркази фаъолияти библиографӣ ҷараёни инноватсиониро интихоб намуда, ба яке аз шохаҳои пурқувваттарин ва муҳимтарини соҳаи саноати иттилоот табдил ёфтааст.

Соли 2005 бо мақсади муовинати фарҳангӣ ва риояи стандарти ҷаҳонии нашри китоб бо ташаббуси Вазорати фарҳанг ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари мо ба узвияти Агентии байналмилалии рақамгузории стандарти китоб (АБРСК – ISBN) пазируфта шуд. Агентии миллии СБРСК – Хонаи китоби Тоҷикистон намояндаи Агентии байналмилалии ISBN дар ҷумҳурии мо гардид.

Фаъолияти инноватсионии Хонаи китоби Тоҷикистон дар ҷоринамоии технологияҳои наву самаранок ба фаъолияти тамоми шуъбаҳо равона шудааст. Дар раванди компютеркунонӣ имкониятҳои зарурии моддию техникӣ ва муҷаҳҳазгардонии ҷойҳои корӣ бо таҷҳизотҳои компютерӣ ва таъминоти барномаҳои корӣ шароити мусоид муҳайё карда шуд. Ташкили шаклҳои нави фаъолияте, ки касбияти кормандонро ба дараҷаи сифатан нав баланд мебарад, яке аз давраҳои муҳимми фаъолияти инноватсионии Хонаи китоби Тоҷикистон гардид.

Аз соли 2013 Хонаи китоби Тоҷикистон иштироки хешро дар лоиҳаҳои байналмилалӣ оид ба омоданамоӣ ва нашри маҷмӯаи оморӣ «Матбуот дар кишварҳои ИДМ» [«Печать стран СНГ»] оғоз намуд ва маълумотҳои омориро мутобиқ ба ҷадвалҳои пешниҳодшудаи «Нақшаи чорабиниҳо оид ба омодасозӣ ва нашри маҷмӯаи оморӣ» таҳия ва пешниҳод менамояд.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, библиография, нишондиҳанда, рақами байналмилалии стандарти китоб, инноватсия, нусхаи ҳатмӣ, Хонаи китоби Тоҷикистон, фаъолияти библиографӣ.

**Titova O.**

## INNOVATIVE ACTIVITY OF THE NATIONAL AGENCY OF THE INTERNATIONAL ORGANIZATION STANDARD BOOK NUMBERING – BOOK CHAMBER OF TAJIKISTAN

In the context of globalization, the life and progress of modern society is impossible without the maximum use of information in all its forms. The public needs for information have also changed, which led to innovative developments in the practical activities of the Book Chamber of Tajikistan. This center of bibliographic activity, having chosen an innovative way, more and more began to transform into one of the most powerful and important branches of the information industry.

In 2005, on the initiative of the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan and with the support of the Government of Tajikistan, our country was admitted to the International Agency ISBN in order to comply with international standards in the field of press. National Agency "МОСНК" – Book Chamber of Tajikistan became representative of the International ISBN Agency in our country.

The innovative activity of the Book Chamber of Tajikistan is aimed at the introduction of new effective technologies in the working processes of all departments. In the process of computerization, the necessary material and technical prerequisites were created for the modernization and equipping of employees' workplaces with computer equipment and software.

The creation of fundamentally new models of activity, bringing the professionalism of employees to a new level of quality, has become one of the most important stages in the innovation of the Book Chamber of Tajikistan.

Since 2013, the Book Chamber of Tajikistan began to participate in the international project for the preparation and release of the statistical collection "Press of the CIS countries", providing statistical information on the attached forms according to the action plan for the preparation and release of this statistical collection.

**Keywords:** information, bibliography, index, international standard book number, innovations, obligatory copy, Book Chamber of Tajikistan, bibliographic activity.

**ТДУ 008+9(581-25)+72+725.945+391.7+809.158**

**Яздонӣ Ф.**

## БАРРАСИИ БАРХЕ АЗ ВИЖАГИҲОИ ҲУНАРИ МЕЪМОРИИ ҒУРИҲО

*Дар мақола масъалаи бархе аз хусусиятҳои ҳунари меъмории Ғӯриҳо мавриди баррасӣ қарор гардидааст. Манори Ҷом, Қутбманори Деҳлӣ ва масҷиди Қутб (Қувватулислом) аз мавзеъҳое ҳастанд, ки дар тӯли қарнҳо таваҷҷуҳи оламиёнро ба ёдгориҳои меъмории худ ҷалб намуда, дар саҳифаҳои таърихи фарҳангу санъат нақш бастаанд.*

***Калидвожаҳо***: *Ғӯр, Манори Ҷом, Ҳарирӯд, Қутбманори Деҳлӣ, Қувватулислом, тазйинот, меҳроб, болкун, тоқ, обида*.

Ғӯрӣ вилоятест дар маркази Афғонистон бо мардуми силаҳшӯр, ғаюру босалобати таърихӣ, гузаштаи пурбор ва салотини ягона дар ин ҷо ҳукм меронанд. Чун мардум аз Ғӯр ва императори Ғӯриён ном мебаранд, азамату бузургии салотини ин хиттаи бостонӣ чун Алоуддини Ғӯрӣ, Ғиёсуддини Ғӯрӣ, Саҳобиддини Ғӯрӣ дар зеҳнашон тадоӣ мегардад. Дар замони императории Ғӯриҳо фарҳанг, диёнат ва улуми кишвари Афғонистон дар шарқу ғарб ба муаррифӣ гирифта шуд ва қалъаву шаҳрҳои зиёде эъмор гардиданд.

Ободиву умронот дар гӯшаву канори қаламрави мутасаррифаи Ғӯриён, замоне боқӣ монда, аз дер боз таваҷҷуҳи пажӯҳандагону ҷаҳонгардонро ба сӯйи худ ҷалб намудааст.

Бештари осори меъмориву умронии ин давра, ки маҳфуз мондааст, абнияҳои мазҳабӣ, масоҷиду манораҳо ва қалъаҳо мебошанд. Гарчи қабл аз зуҳури ислом низ ободиҳои умронӣ дар гӯшаву канори мамлакат дида мешуд, аммо банудрат ба он бармехӯрем, дар ҳоле ки маданияту ҳунари исломӣ дар ҳунари меъмории Ғӯриён ба вузӯъ дида мешавад.

Дар шасту ду километрии шимолу шарқи улусволии Шаҳрак дар қарияе мавсум ба Ҷом, ҷое ки дарёи Ҷом (аз ҷануб ба тарафи шимол) ба дарёи хурӯшони Ҳарирӯд (ки аз шарқ ба ҷониби ғарб ҷараён дорад) мерезад, дар зовияи таллоқии он ду дарёи манори қашанг ва боазаматаш ҷалби назар мекунад [3, с.85].

Манори Ҷом аз ҳайси азамати меъморӣ, тазъйиноти олӣ ва навиштаҳои кӯфӣ худ баъд аз Қутбманори Деҳлӣ, ки дорои иртифои 73 метр буда ва дар зумраи аҷоиби ҳафтгонаи ҷаҳон маҳсуб мешавад. Манори Бухоро, ки 65 метр иртифоъ дошта (ин ҳар ду манор низ аз шаҳкорҳои ахфоди Ғӯриён аст) аз бузургтарин ва боазаматтарин манорҳо дар ҷаҳон шумурда мешавад. Бонӣ ва муассиси ин манори таърихӣ Султон Ғиёсуддин Муҳаммад Абулфатҳ бинни Соми Ғӯрӣ аст, ки аз бузургтарин шоҳони Ғӯр маҳсуб мегардад. Ин байни санавоти 558-599 ҳ. қ. муддати чиҳил сол салтанат кард ва манори мазкурро байни санавоти 1193-1202 мелодӣ эъмор намудааст. Манори Ҷом аз лиҳози муддат таърихи меъмории он нисбат ба ду манори дигар, яъне манори Деҳлӣ ва манори Бухоро бартарӣ дорад [3, с. 87].

Абдуллоҳ Маликёр волии Ҳирот дар қарни бистуми мелодӣ дар зимни тафреҳу дидор аз осори бостон, ки ба қавли Шарл Кейфар донишманди фаронсавӣ, эшон манори Ҷомро дар Ғӯр дидан намуданд ва ба оқои Аҳмадалии Кӯҳзод аз он хабар доданд. Шарл Кейфар дар мақолае, ки дар соли 1960-и мелодӣ ба номи манори Султон Ғиёсуддин дар Фирӯзкӯҳ нашр кардааст, таҳрир дошт ва низ таҳқиқоти дубораи манори Ҷом тавассути Андре Морик донишманди белгиягӣ дар соли 1957 (17 август) сару садои зиёде дар маҳофили илмии ҷаҳон тавлид намуд, ҳатто Бисвор олими англисӣ онро бузургтарин мавқеият дар кашфиёти ҷадид хонд. Андре Морик манори Ҷомро таври муфассал

мутлолиа намуд ва дар соли 1959 натоиҷи мутолиоти худро зимни мақола ба нашр супурд [7, с.154] .

Донишмандони Ҳирот дар ҳифзу эҳёи осори худ алоқаи фаровон доштанд. Таърихи рисолаи мазороти Ҳирот бо зайлҳои худ гувоҳи ин мудаост. Китоби “Равзотулҷинот”-и Муинуддин Исфизорӣ ва “Ҷуғрофиё”-и Ҳофиз Абрӯ дар ин боб аз мутуни муътабар ва бемонанд аст.

Андре Морик дар бораи манори Ҷом менигорад: дар ҳамон нуқта, ки оби қарияи Ҷом бо Ҳарирӯд мепайвандад, дар миёни муҳите аз кӯҳҳои тирарaнг, шабаҳи заррин як бурҷи мутантан қад барафрошта буд ва қисмати алиёи он камарбандҳое аз кошии нилгун назарро ҷалб менамуд. Диққат ва дурустии таносуби се табақаи он дар вақти сохтмон сангинии бурҷро таҳаммулпазир сохтааст. Дурнамои бурҷи билодранг намои Қутбманори Деҳлиро ба ёд меоварад. Ҷидори табақаи нахустин тамоман аз равияҳои тазъйинии пӯшида аст, он озинҳо тавре мураттаб гардидааст, ки онро сода ба назар меоварад ва чор камарбанди бузург ба хатти кӯфӣ ҷаҳиши амудии манорро шикаста, биноро бештар муҷаллал ҷилва медиҳад, қоидаи бурҷи ҳаштгӯша буда, ҳомили се қундоқ, ки бар рӯйи ҳам қарор гирифта ба шакли махрутӣ аст, ки сараш мақтӯъ бошад. Бар раъси ду қундоқ нахустин баранда (равоқ)-ҳои ҳоким будааст, ки акнун вайрон гардидааст ва қундоқи сеюм бо фонусе мутавваҷ гашта буд, ки пушт надошта бошад. Ҳамин қадр бояд бигӯем, ки андозаи як сӯйи қоидаи ҳаштгӯша севу ним метр мебошад. Имрӯз ба дохили манор аз даричаи кучаке метавон рафт, ки ба самти шимол афтодааст. Бар рӯйи паллаҳо аз як зина тавре пойин меоем, ки ба даври як сутуни марказӣ давр мехӯрад, чунон ба назар меояд, ки ҳамин зина то пойин роҳ мeёфт, ки дарвоза дида намешавад, гӯё бар суннате, ки будааст роҳе аз зери замин аз таҳти дарё то дохили қаср имтидод доштааст (мултафит бояд буд, ки манзури Андре Морик аз қаср дар ин ҷо ҳамон қасри Фирӯзкӯҳ мебошад чи вай ба ин ақида аст, ки маҳалли Фирӯзкӯҳ дар ҳамин Ҷом мавҷуд будааст), ки харобаҳои он то ҳол ҳам он тарафи дарё намоён аст.

Барои майдон ба равоқаки нахустин бояд беш аз яксаду панҷоҳ зинаро паймуд ва ба равоқаки дувум ё панҷто зинаи кучак, ки дар як тараф воқеъ аст ва ҳар як даҳ палла дорад метавон расид ва то панҷ гунбад, ки ҳар кадом ба завоёи қундоқҳо васл гардида ва мудавваранд, ба василаи чаҳорто пӯшиши гачкоришуда ва аз он сӯ василаи фаро рафтан вуҷуд надорад, Шервон (акнун Сервон мегӯянд) будааст ва дар ҳамон минтақа дар ҷавори Ҳарирӯд дар масофаи даҳ километриии ғарби он барпо гардида буд [4, с. 118].

Дар муқобили манори Ҷом он тарафи шимоли дарёи Ҳарирӯд харобақалъае дар баландии кӯҳи хора ҳанӯз ҳам ба назар мехӯрад, ки дар назари аҳолӣ ба номи Арки духтари подшоҳ маъруф аст. Андре Морик ин харобаҳоро бо бурҷҳову боруҳо ва дидбонҳои он иборат аз қасри Фирӯзкӯҳ медонист. Дар даҳонаи новаи бидон дар ду тарафи ҳамвориҳо ва теппаҳо осори деворҳо ва ободиҳое, ки аксаран аз хишт сохта шудаанд, ҷалби назар мекунад. Ҳамчунон дар ду тарафи дарёи Ҳарирӯд осори умроноти ҳайратангезе ба чашм мехӯрад. Дар саросари

минтақа сафолҳову қитъаоти шикастазуруфи сафолӣ ва шишаӣ низ дида мешавад. Аз рӯйи нуқушу тазйинот ва сохтмони онҳо метавон гуфт, ки теъдоди зиёди онҳо ба асри Ғӯриён тааллуқ дорад. Ин амр мусталзими ковишҳои бостоншиносиву таҳқиқи мутахассисини ҳунари исломист. Ҳар вақт ин кор анҷом гардад натоиҷи судмандеро дар бар хоҳад дошт [1, с.107].



*Манори Ҷоми вилояти Ғӯри Афғонистон*



*Манори Қутби Деҳлӣ*

Нахустин озмоишҳое, ки дар соли 1971-и мелодӣ тавассути коршиносон сурат гирифтааст, манори Ҷом ба андозаи ду дараҷа ба самти шимол рӯ ба сӯйи Ҳарирӯд майлон пайдо кардааст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки манори Ҷом аз се даҳа ба ин тараф дар хатари суқут ва фурӯпошӣ қарор доштааст ва дараҷаи майлон барои чунин манори баланде он ҳам дар вазъияте, ки тахриби Ҳарирӯд камокам идома дорад, воқеият метавон хатари бисёр ҷиддӣ ба шуморояд [3, с.82].

Дар таърихи бостоншиносии Афғонистон рӯзи 27 июни соли 2002-и мелодӣ рӯзи муҳимму пурифтихор ба ҳисоб меояд, зеро дар ин рӯз дар шаҳри Будапешт аз тарафи Созмони омӯзиши илмӣ ва фарҳангӣ дар ҷаҳон ҷаласа роҳандозӣ шуд ва манори Ҷом дар фехрасти осори муҳими ҷаҳон сабт гардид.

Аз ҷумла, чаҳор асар ва соҳаи бостонии манори Ҷом дар Ғӯр, тандисҳои Буддо, ҳавзаи бостонии Ойхонум дар Тахор ва соҳаи бостонӣ дар шаҳри Ҳирот вижагиҳое доштааст, ки сабти он дар фехрасти осори муҳимми бостонии ҷаҳон бештар ҷилва медиҳад [3, с.122].

Ҳангоме ки Султон Шаҳобиддин Ҳиндустонро фатҳ кард, ба умрону ободии он диёр таваҷҷуҳи ҷиддӣ мабзул дошт ва таъсисоти зиёдеро мутобиқи фарҳани асили исломӣ дар тамоми сарзамини

нимқора аз худ ба ёдгор гузошт, ки ҳама муаррихин аз он баҳс кардаанд ва мо ба таври намуна аз он ҷумла теъдоде аз ёдгориҳои муҳимро дар ин ҷо ба муаррифӣ мегирем [2, с. 532].

Дар Деҳлӣ, дар канори Манори Қутб (ки ба амри Султон Шаҳобиддини Ғӯрӣ фотеҳи Ҳиндустон) тавасссути ноибулҳукума ва ҷонишини вай Султон Қутбиддини Эйбак масҷиди бузурге вуҷуд дорад. Қаблан дар ҷойи ин масҷид маъбуди ҳиндувон қарор доштааст ва чун маъбуди мазкур ба харобае табдил шуда буд, ба амри султон ба сурати масҷид таъмир шуд. Мегӯянд: Султон Шамсиддин дар назди масҷиди Қувватулислом мадфун мебошад [ 3, с. 122].

Дар таърихи давлати мустақили Ғӯриён чунин омадааст: “масҷиди Қутб (Қутбулислом), ки ба соли 592 ҳиҷрӣ 1195 мелодӣ ба итмом расид ба асоси маъбади Ҳинду бино ёфтааст ва ин расм бо анъанаи мусулмонони қадим мутобиқ буда, онҳо ҳар ҷо лашкаркашӣ мекарданд, аввал маҳалли масҷидро таъйин менамуданд”. Мавсуф (Қутбиддин Эйбак)  маъбудеро, ки дар наздикии он вуҷуд дошт, амр кард, онро вайрон кунанд. Меъморонро ба ҳузур талабид ва нақшаи масоҷидро муқобили онон гузошт. Асоси маъбадро тағйир надоданд, балки баъзе мулҳақот бар он афзуданд, то он ки тӯли масҷид ба 212 фут ва арзи он ба 150 фут расид. Ҳаёти масҷиди Қутб 141 фут расид ва 105 фут паҳно дошт. Даври ин муҳавватаро бо роҳрави сутундори муҳот сохтанд. Ба тарафи ғарби роҳрав, ки ҷониби қибла мавҷуд буд, вусъати бештаре дошт ва рӯйи онро бо гунбадҳои паст пӯшонида буданд, ки дар ҳақиқат ҳукми меҳробро дошт. Муқобили маркази меҳроб сутуни оҳании маъруф қарор дошт, ки ашколи ҳандасиро рӯйи он ҳакк карда буданд. Ба соли 594 ҳиҷрӣ - 1197 мелодӣ тазйинот барои таъмири яксари дари тоқдор ба ҷониби ғарбии роҳрав, ки меҳроб дар он қарор дошт, иттихоз шуд, то аз як тараф, ба зебоии масҷид афзун гардад ва дигар ин ки сунани қадимӣ амалӣ гардад. Илова бар тазйиноти умронӣ худи тоқи масҷиди Деҳлӣ санади хубест барои нишон додани завқи ҳунарии маданиятҳое, ки дар ҳазораи қабл аз ба вуҷуд омадани ин масҷид ба миён омадааст ва ин тоқ бо он ки ҳиндист бо ҳарими тоқи мамолики дигари исломии шарқи миёна шабоҳат дорад. Инҳо ба навбат худ аз иморати исломии қарни дувум ва сеюми ҳиҷрии ҳаштуму нуҳуми мелодӣ мутаасир шудаанд”. Дар ҷойи дигаре аз асари мазкур менависанд: “Муизуддин (Шаҳобиддин) Ғӯрӣ дар соли 587 ҳиҷрӣ - 1191 мелодӣ овоне, ки Деҳлиро фатҳ кард, бутхонаро масҷид сохт ва тамоми бутҳои онро аз байн бурд. Аммо таъмири он ба ҳоли аввалии хеш боқӣ монд” [5, с. 228].

Қутбманораи Деҳлӣ яке аз манораҳои ҷаҳон (ва яке аз аҷоиби ҳафтгонаи ҷаҳон) воқеъ дар Деҳлӣ мебошад, ки иртифои он 239 по, қариб 80 метр аст. Сохтмони он тавассути Қутбиддин Эйбак дар авоили қарни сездаҳум оғоз гардидааст. Ин манор ба панҷ табақа тақсим мешавад, ки дар фосилаи ҳар ду табақа айвони мудаввар аст, чун камарбанд манорро дар худ гирифтааст ва зинаи он дар қисмати дохилии манор аст [5, с. 187].      Табақаи аввал дорои 56 зина, табақаи дуюм дорои 78 зина, табақаи сеюм дорои 62 зина ва табақаи чаҳоруму панҷум ҳар як дорои панҷоҳ зина мебошанд. Қутбманор сартосар аз

санги сурхи мармар сохта шуда, дар ҳар табақаи он ду катиба мунаққаш аст. Дар катибаҳо асомии Султон Шаҳобиддин Муҳаммад бинни Соми Ғӯрии Мавлои Қутбиддин Эйбак, худи Қутбиддин Эйбак, Алтутмиш, Искандаршоҳ ва Фирӯзшоҳ дида мешавад. Охирин қисмати манор дар соли 1316 ҳиҷрӣ дар замони ҳукмронии Фирӯзшоҳ сохта шудааст. Қутбманор пайваст ва мулҳақ ба масҷиди Қувватулислом ва муаззинхонаи он аст. Ба қавли Ибни Батута масҷиди Қувватулислом ва Қутбманори Деҳлӣ аз нахустин иморатҳои исломӣ дар сарзамини Ҳинд мебошад. Қабл аз он ҳеч ибодатгоҳи исломӣ дар он диёр вуҷуд надоштааст [6, с. 66].

Нависандаи таърихи давлати мустақили Ғуриён менигорад: Қутбиддин Эйбак сардори маъруфи Муиззиддин (Шаҳобиддин)-и Ғӯрӣ баъд аз сохтани масҷиди Қутб (Қувватулислом) бинои дигаре, ки аз ҷалолу рифъати султонӣ, қудрати рӯҳониву маънавии масҷиди мазкурро боло бурд, асоси Қутбманорро гузошт, ки пас аз такмили он аз беҳтарин ёдгорҳои ҳунари меъморӣ гардид. Манори номбурда бар ҳасби махришакл, ки бо катибаҳову нуқуши тазйинёфта ва аз пойин то боло болкуни аз санг тарошида бино шудааст. Қутбиддин барои сохтани манори Қутб намунаи возеҳ ва осоне муқобил дошт ва он иборат аз манори Ҷом буд. Лизо ҳар ду манор аз назари тарҳи умумӣ бо ҳам шабоҳати наздик доранд. Вале ихтилоф ва табойин низ дар он ба мушоҳида мерасад. Манори Қутб намуна аз санги меъмории нимаи дуюми қарни шашуми ҳиҷрӣ - дувоздаҳуми мелодӣ, ки ба дасти меъмори ҳиндӣ сохта шуда ва завқу салиқаи ҳиндӣ дар он ба кор рафтааст. Манори мазкур 238 фут иртифоъ дошта, нисбат ба иртифои зиёд барои азон додани намоз ба кор бурда намешуд, балки муаззин дар боми масҷид азон медод. Манори қутб пас аз он ки такмил шуд, дорои панҷ табақа буд ва ҳар андоза ба боло наздик шуда мерафт, шакли махрутиро ба худ мегирифт ва камарбанди маҳтобнамо ҳар табақаро аз якдигар ҷудо месохт. Се табақаи пойини он дастнахӯрда монда, вале табақаҳои чаҳорум ва панҷум дорои дариҷаҳое низ ҳастанд. Қутри қоида ба 46 фут мерасад, аммо мутадриҷан ба тарафи боло тақлил меёбад. Болотарин қутри они 10 фут аст. Болкунҳо ҳар як аз нигоҳи хусусияти таъмиротӣ бо ҳам фарқ мекунанд ва ҳамчунон ҳар як аз он бо табақаи дигар дар ҷузъиёт тафовут дорад. Дар қисмати шимолии манор даре кушудаанд, ки моро ба зинаи морпече раҳнамоӣ мекунад ва табақаи болоӣ мунтаҳо мешавад. Аз назари меъморӣ боризтарин хусусияти манор болкунҳо ва тарзи қойим кардани онҳост. Гили фуҳшингҳои токдоре, ки ба воситаи болкунҳо нигаҳ дошта шудааст, дар навъи худ беназир аст. Ин навъ тоқ, ки дар биноҳои исломии дигар ба касрат дида шудааст, дар Ҳинд собиқа надошт ва чун эҷод шуд аз навъи махсусе буд. Тарҳи умумии бино нишон медод, ки маҳоратҳои Қутбманор аз рӯйи намуна сурат нагирифта, балки ба меъмор ин матолибро талқин намудаанд ва ӯ онро иҷро кардааст. Ба таври куллӣ Қутбманорро аз ҳар назар, ки бингарем, хаёлест муассири барангезандаи эҳсосот. Ранги сурхи зиндаи сангҳои регии катибаҳои олӣ ва болкунҳо ихтилоти мутаносиби меъмории сода ва мунаббаткории партави заифи соя, ки зери болкунҳо эҷод мешавад, ба ма-

нори Қутб зебоии хос бахшидааст [1, с.150]. Шакли устувонае, ки кам-кам борик мешавад, ба манор аз ин ҷиҳат дода шудааст, ки иртифои онро ба назар бештар нишон диҳад. Бузургтарин сифати манор маҳкамӣ, субот ва камоли он аст. Ба равиш аҳромҳо ҳар қадар баландтар меравад бориктар мешавад. Рост аст, ки дар ҳаққи манори Қутб мегӯянд: башар он рӯз хостааст ба ин васила осори ҳунарии хулро мухлид бисозад... мутаассифона, дар зилзила (соли 1218 ҳиҷрӣ - 1803 мелодӣ) сақфи гунбади манор ва сутуни он ба сахтӣ садама дид. Миҷри Смат, ки маъмури тармими он гардида буд, (соли 1244 ҳиҷрӣ - 1828 мелодӣ) онро такмил кард, вале нисбати адами таносуб ба бақияи манор он қисматро бардоштанд. Ташобеҳи манори Қутб ва манори Ҷомро аксар нависандагон ва ҳатто донишмандони Ҳиндустон зикр кардаанд. Клаус Фишер дар маҷаллаи “Марк” менависад: Қутбманори Деҳлӣ дар солҳои ахири қарни шашуми ҳиҷрӣ - дувоздаҳуми мелодӣ эъмор гашт ва дар сохтмони он возеҳан аз манори Ҷом гирифтааст. Иддаи дигар дар мавриди ташобеҳи манори Ҷом ва Қутбманори Деҳлӣ менависанд: таҳқиқоти ахири манори Ғӯрӣ дар Ҷом Қутбманори Деҳлиро дар як давр намои таърихӣ ва сабке равшантар қарор медиҳад [1,с.154].

**Натиҷагирӣ**

Афғонистон дар давраҳои бостон маҳди тамаддунҳои зиёде буда, аз нигоҳи фароҳангӣ аз аҳамияти вижаӣ бархӯрдор будааст. Осори баҷомондаи таърихии он мубайяни ин иддао аст, ки ин кишвар дорои собиқаи пурбори фарҳангиву ҳунарӣ мебошад. Аммо, мутаассифона, ин осор ба далоили сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ аз он ба сурати дуруст ва саҳеҳ ҳифозат ва нигаҳдорӣ нашудааст. Ҷангҳои чанд даҳаи охир осори фарҳангӣ, ҳунарӣ ва арзишҳои тамаддуниро баъзан нобуд ва вайрон намуда бошад ҳам, осори гаронбаҳои дигаре боқист, ки ниёз ба ҳифозату нигаҳдорӣ аст ва ҳамчунон осори ниматахрибшударо бояд мурамматкории техникӣ намуд. Ин ниёз ба ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дорад, зеро меросҳои фарҳангиву бостонӣ марбути ҷомеаи инсонист.

Биноан, лозим ва зарурист, то аз фурсатҳое, ки пеш меояд аз осори фарҳангиву бостонӣ давлат ва миллатҳо ба сурати дуруст ҳифозат ва нигаҳдорӣ намоянд ва нагузоранд, то ки ин арзишҳои фарҳангӣ ба коми нобудӣ фурӯ равад.

Осори нобу машҳури Ғӯриҳо, ки яке аз даҳҳо ва садҳо намунаҳои осори бостонии ин хиттаи мутамаддин дар адвори мухталиф мебошад, ки хушбахтона, пас аз байн рафтани теъдоди зиёде аз осори ин давра боз ҳам осори дигаре дар басо нуқоти Афғонистон ва кишварҳои моҳавли он мавҷуд аст.

Дар Афғонистон ковишҳои басо арзанда ва зиёд сурат гирифтааст, ки аксаран бинобар далоили нопойдор буда, дар баъзе нуқот бидуни натиҷаи комил поён пазируфта ва ё теъдоде аз осор бидуни ковиш боқист, ки бояд дар ҳар обидаи таърихӣ биноан ба савобиқи таърихӣ ва ҳаҷмкори он ниёз бошад то ба сурати тӯлонӣ ва амиқ моҳҳо ва ё солҳо ковиш сурат гирад, то ки ҳунар, фарҳанг ва

тамаддуни воқеии Афғонистони бостонӣ ин сарзамин ва бофти иҷтимоишон ва равобити ҳунариву фарҳангӣ бо ҷавомеи дигар ба сурати возеҳ ва академикӣ баён гардад ва сабиқаи илмӣ пайдо намояд.

**Адабиёт**

1. Ғубор Мирғуломмуҳаммад. Афғонистон дар масири таърих. Теҳрон: Интишороти Ҷумҳурӣ, 1346 ҳ. ш.
2. Кушо Пуҳонёр Фаҳим. Нигарише бар соҳоти бостониву таърихии Афғонистон. Ҷузҷон: Интишороти Шибирғон, 1389 ҳ. ш.
3. Кӯҳзод Аҳмадалӣ. Кӯҳҳои Ориёно дар “Авесто”. Кобул: Интишороти Ховарӣ, 1322 ҳ. ш.
4. Морик, А. Манори Ҷоми Ҷам. Кобул: Интишороти Орёно, 1308 ҳ. ш.
5. Мустаманд Ғӯрӣ Ғаввосиддин. Таърихи мухтасари Ғӯр. Ҳирот: Интишороти Абдулӣ, 1387 ҳ. ш.
6. Панҷшерӣ Азизмуҳаммад. Ҷуғрофиёи Таърихии Афғонистон. Кобул: Интишороти Майванд, 1360 ҳ. ш.
7. Ҳабибӣ Абдулҳай. Таърихи мухтасари Афғонистон. Кобул: Матбааи давлатӣ, 1346 ҳ. ш.
8. www.wekipedia.com

**Яздони Ф.**

## ИЗУЧЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ АРХИТЕКТУРЫ ГУРИДОВ

В статье рассматриваются некоторые особенности архитектуры Афганистана эпохи правления Гуридов. Минареты Джама и Кутба (Дели), здание мечети Кутб (Кутбулислам) являются шедеврами архитектурных памятников мировой культуры, которые с древних времён привлекают весь мир. Сведения о историко-архитектурных памятниках периода правления Гуридов написаны во всемирной истории искусства и культуры золотыми буквами.

***Ключевые слова***: Государство Гуридов, Минареты Джама и Кутба, Хариируд, Минарет – украшение, апсида, балкон, арка, памятник архитектуры.

**Yazdoni F.**

## THE STUDY OF SOME FEATURES GHURID DINASTY ARCHITECTURE

In this article the author discusses some matters of peculiarities of Afghanistan architecture during the period of Ghurid governing. The tower of Jam, the tower of Ghotb and the mosque of Ghotb (Ghotbulislam) is the architectural monument, which attracts world’s attention from the ancient time and reflected it in the historical and cultural sources.

**Keywords**: Ghorid dynasty, minaret of Jam, Harirod, prayer – tower, decoration, mosque, balcony, arch, monument.

ТДУ 003.076+025.351+025.171+9тоҷик+008+57тоҷик

**Муллоаҳмад М.**

# НУСХАҲОИ ХАТТӢ ВА ШИНОХТУ НИГАҲДОРИИ ОНҲО

*Дар мақола масъалаи шинохт ва нигаҳдорӣ ва истифодаи нусхаҳои хаттии китобхонаву осорхонаҳо, бойгониву захираҳои гуногуни олам мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.*

*Шинохти нусхаҳои хаттӣ барои муайян кардани осори адибони гузашта, барқарор намудани тарҷумаи ҳоли адибон, таҳқиқи аҳволи осори онон, вазъу раванди адабиёт ва масъалаҳои дигари таърихи адабиёт, муайян кардану омӯхтани арзишҳои ҳунарии онҳо, бахусус хаттотиву хушнависӣ, миниатурнависӣ ва амсоли ин судманд аст.*

*Нусхаҳои хаттии китобхонаву осорхонаҳои машҳури олам, аз ҷумла, Ҳиндустону Покистон, Туркияву Эрон доир ба адабиёти тоҷику форс барои аҳли илму адаб дастоварди бузург буда, омӯзиши онҳо аз аҳамияти зиёд бархӯрдор аст. Ҳарчанд то имрӯз садҳо ҷилд феҳристи нусхаҳои хаттии форсиву арабӣ ба забонҳои гуногун ба табъ расидаанд, вале онҳо ҳанӯз дастнависҳои зиёдеро, ки дар китобхонаҳои кишварҳои олам маҳфузанд, дар бар намегиранд. Аз ин рӯ, дар китобхонаву осорхонаҳо ба фаъолияти феҳрастнигорӣ таваҷҷуҳи хос бояд намуд, онҳоро бо истифода аз имконоти техникии замони муосир нусхабардорӣ бояд кард. Дар фарҷом мақола муаллиф барои ҳифз ва истифодаи нусхаҳои хаттӣ пешниҳодҳои худро манзур медорад.*

***Калидвожаҳо:*** *нусхаҳои хаттӣ, китобхона, осорхона, осори адабӣ, феҳристнависӣ, таҳқиқ, масъала, адабиёт, таърих,шинохт, ҳифз.*

Нусхаҳои хаттӣ аз муҳимтарин падидаҳои фарҳанги ғаниву бостонии мардумони эронитабор маҳсуб мешаванд, зеро маҳз тавассути нусхаҳои хаттӣ имрӯз аҳли илму адаб бо кашфиёту дастовардҳои фаровони илмиву адабии Ибни Синову Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розиву Муҳаммад Хоразмӣ, Умари Хайёму Насириддини Тӯсӣ, Ғиёсуддин Кошониву Қутбиддини Шерозӣ, Рӯдакиву Фирадвсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхиву Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидову Бедил, Аҳмади Донишу Шоҳин ва садҳо донишмандони форсу тоҷик ошно гаштанд.

Дар китобхонаву осорхонаҳо, бойгониву захираҳои гуногуни олам ва китобхонаҳои шахсӣ теъдоди зиёди нусхаҳои хаттии форсиву арабӣ маҳфузанд, ки осори адабӣ дар байни онҳо ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Ин осор, пеш аз ҳама, аз девонҳои шоирон, баёзҳо, ҷунгҳо, маҷмӯаҳо, тазкираҳо, рисолаҳои илми бадеъ, арӯз, қофия, қиссаҳо, тафсилҳо, афсонаву ривоятҳо ва амсоли инҳо иборатанд.

Шинохти ин нусхаҳо, феҳристнависӣ ва таҳқиқу нашри онҳо, пеш аз ҳама, барои муайян кардани осори адибони гузашта хеле зарур аст. Инчунин онҳо барои барқарор намудани тарҷумаи ҳоли адибон, таҳқиқи аҳволи осори онон, вазъу раванди адабиёт ва масъалаҳои дигари таърихи адабиёт хеле судманданд. Илова бар ин, шинохти

нусхаҳо барои муайян кардану омӯхтани арзишҳои ҳунарии онҳо, бахусус хаттотиву хушнависӣ, миниатурнависӣ ва амсоли инҳо аҳамияти калон дорад.

Шинохти нусхаҳои хаттии форсӣ на танҳо барои таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёту фарҳанги форсу тоҷик, барои мардумони дигар низ аз аҳамият холӣ нест. Тавре ки нусхашиноси маъруф О.Ф. Акимушкин таъкид намудааст, маҳз дастнавис нигоҳдорандаи ғамхор ва ноқили эҳтиёткори осори гуногуни фарҳанги маънавии ҳам худи Эрон ва ҳам мардумони ҳамсояе, ки барои онҳо забони форсӣ муддати тӯлонӣ ҳамчун забони назму таърихнигорӣ, адабиёти бадеиву санаднигорӣ хидмат кардааст, ба шумор мерафт [1,330].

Зимнан бояд гуфт, ки барои таҳқиқи адабиёту фарҳанги мардумони форсизабон нусхаҳои хаттии арабӣ низ заруранд, зеро бидуни онҳо шинохти адабиёти гузашта дар баъзе мавридҳо комил нахоҳад буд.

Дар муаррифӣ ва шинохти нусхаҳои хаттӣ бешубҳа феҳристҳои нусхаҳои хаттӣ нақши муҳим доранд. Тавре ки маълум аст, тавсифи илмии нусхаҳои хаттии форсӣ ва таълифу танзими феҳристҳои дастнависҳои форсии китобхонаҳо гуногуни олам дар Аврупо дар қарни XIX оғоз ёфтааст. Дар феҳристнависии нусхаҳои хаттии форсиву арабии маҳфуз дар китобхонаҳои Шарқу Ғарб бахусус хидмати ховаршиносон Ҳ. Эте, К. Риё, В. Перч, Д. Росс, А. Шпренгер, Э. Блоше, К. Брокелман, Ҳаммер-Пургистал, В. Иванов, Э. Браун, А. Арберри, А. Кристенсен, М. Шефер, П. Ҳорн, Б. Дорн ва дигарон хеле бузург аст. Дар қарни XX феҳристнигории дастнависҳои форсӣ бештар дар Эрон рушду тавсиа пайдо кард ва донишмандони маъруфи эронӣ Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ, Саид Нафисӣ, Муҷтабо Минувӣ, Эраҷи Афшор, Сайид Аҳмади Ҳусайнӣ, Рукниддин Ҳумоюнфаррух, Маҳдии Баёнӣ, Аҳмади Мунзавӣ, Сайид Абдулло Анвар дар ин кори муҳим саҳми арзанда гузоштанд. Аз ҷумла, танҳо Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ беш аз 40 ҳазор нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои Эрон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигарро тавсифи илмӣ кардааст. Феҳристнигории дастнависҳои форсӣ дар Русия, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигар торафт рушду густариш меёбад, ки феҳристи бисёрҷилдаи нусхаҳои хаттии китобхонаҳои шуъбаи петербургии Институти ховаршиносии АИ Русия, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, феҳристи дастнависҳои шарқии Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон, феҳристи дастнависҳои шарқии Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, феҳристи дастнависҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва амсоли инҳо, ки дар 60-соли охир ба табъ расидаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳарчанд то имрӯз садҳо ҷилд феҳристи нусхаҳои хаттии форсиву арабӣ ба забонҳои гуногун ба табъ расидаанд, вале онҳо ҳанӯз дастнависҳои зиёдеро, ки дар китобхонаҳои кишварҳои олам маҳфузанд, дар бар намегиранд. Масалан, дар китобхонаҳои Ҳиндустон, Туркия, баъзе кишварҳои араб дастнависҳои зиёде маҳфузанд, ки тавсифи илмӣ нашудаанд. Илова бар ин дар китобхонаҳои шахсӣ дастнависҳои фаровоне мавҷуданд, ки касе аз онҳо хабаре надорад. Ҳол он ки дар байни онҳо нусхаҳое ҳастанд, ки хеле нодир ва гаронбаҳо мебошанд. Барои мисол метавон таърихи пайдо кардани пораҳои китоби «Вомиқ ва

Азро»-и Унсуриро ёдовар шуд. Донишманди покистонӣ Муҳаммад Шафеъ нусхаи хаттии арабии «Алкитоб-ул-мухтасар мин китоб-ил-вақф»-ро ки дар асри XII китобат шудааст, ба саҳҳофе медиҳад, ки ҷилди онро иваз кунад. Саҳҳоф мебинад, ки ба ҷойи муқова варақҳои коғаз гузошта шудаанд, ки дар онҳо шеърҳо сабт ёфтаанд. Бинобар ин, варақҳоро ба соҳиби китоб месупорад. Муҳаммад Шафеъ пас аз мутолиаи варақҳо дармеёбад, ки онҳо пораҳо аз маснавии гумшудаи «Вомиқ ва Азро»-и Унсурӣ будаанд [260-61]. Ҳамин тавр 372 байти достони мазкур кашф мешавад, ки барои омӯхтани осори Унсурӣ ва таърихи маснависароӣ хеле судманданд.

Вақтҳои охир бо саъю кӯшиш ва заҳматҳои тӯлонии донишманди эронӣ Аҳмади Мунзавӣ нусхаҳои фаровони хаттии китобхонаҳои Покистон тавсифи илмӣ шуда, дар чандин ҷилд феҳристи онҳо ба табъ расид. Кори муҳимми дигаре, ки Аҳмади Мунзавӣ анҷом дод, тартиб додани феҳристи мавзӯӣ дар асоси нусхаҳои хаттии Покистон буд. Ӯ феҳристеро таҳти унвони «Саъдӣ бар мабнои нусахи хаттии Покистон» мураттаб ва нашр намуд, ки тавсифи беш аз 100 нусхаи хаттии осори Саъдиро, ки дар китобхонаҳои Покистон маҳфузанд, дар бар мегирад [5] .

Вале дастнависҳои фаровони китобхонаву осорхонаҳои зиёди Ҳиндустон ҳанӯз тавсиф ва феҳристнависӣ нашудаанд. Ҳол он ки Ҳиндустон аз бузургтарин ва муҳимтрани марказҳои нигоҳдории нусхаҳои хаттии форсиву тоҷикӣ дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Тавре ки донишманди маъруфи тоҷик Аҳрор Мухторов зимни сафарҳои худ ба ин сарзамин мушоҳида кардааст, дастнависҳои тавсифнашуда дар китобхонаву осорхонаҳо хеле зиёд буда, аксаран дар шароити номусоид нигоҳдорӣ мешаванд [7,4]. Ӯ дар зимни ҳар сафари худ аз ганҷинаҳои нусхаҳои хаттии он сарзамин дурдонаҳо пайдо намуда, тавассути мақолаву гузоришҳои илмии худ манзури аҳли илму адаби тоҷик мегардонад. Аз ҷумла, ӯ дар осорхонаи Солорҷанг бо нусхаи хаттии «Маҷмӯаи ашъори шуарои мутақаддимин» ошно мешавад, ки дар он намунаҳои ашъори 149 шоир, ки аксари онҳо номашҳуранд, дарҷ гардидааст. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар маҷмӯаи мазкур 151 байти устод Абӯабдулло Рӯдакӣ низ сабт шудааст. Таҳқиқи муқоисавии А. Мухторов нишон медиҳад, ки 34 мисраи он «ашъори тозаи ӯ (Рӯдакӣ – М.М.) будааст, ки то ин вақт дар ҳеҷ куҷо чоп нашудааст» [7, 87]. Аз тарафи дигар, дар матни аксари шеърҳои машҳури устод Рӯдакӣ тафовутҳо ба назар мерасанд, ки барои ба вуҷуд овардани матни саҳеҳи илмиву интиқодии осори боқимондаи шоир ва ҳалли масъалаҳои норавшани аҳволу осори ӯ мадад мерасонанд.

Дар сафари дигари худ устод А. Мухторов дар Музеи миллии Деҳлӣ нусхаи хаттии «Девон»-и Мавлоно Аҳмади Хуҷандиро кашф менамояд, ки мунҳасир ба фард буда, дар ҷойи дигар ба назар намерасад [7, 129-139].

Илова бар ин феҳристҳои нусахи хаттии китобхонаҳои ҷудогона, ки таълифи онҳо аз асри XIX то имрӯз идома дорад ва феҳристи дастнависҳои як кишвар, ки Аҳмади Мунзавӣ намунаи онро ба вуҷуд овардааст, вақтҳои охир феҳристҳои минтақавӣ мураттаб карда мешаванд, ки намунаи барҷастаи онро ҳам Аҳмади Мунзавӣ офаридааст. Ӯ бо истифода аз 85 феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаҳои Эрон, Покистон,

Туркия ва баъзе кишварҳои Аврупо феҳристи минтақавии нусхаҳои хаттии форсиро мураттаб ва чоп намудааст [6]. Ниҳоят Аҳмади Мунзавӣ ба таҳия ва нашри феҳриствораи ҷомеи нусхаҳои хаттии форси ҷаҳон шурӯъ намудааст, ки 8 ҷилди он ба табъ расидааст.

Вале танҳо бо феҳристнигорӣ ҳал кардани масъалаи шинохти нусхаҳои хаттии форсиву арабӣ, ки дар кишварҳои гуногуни олам дар шароити мухталиф ва парешону бенизом нигоҳдорӣ мешаванд, душвор аст. Тавре ки китобшиносони маъруф Ю. С. Баршевский ва Ю. Э. Брегел таъкид кардаанд, «дар ҳолати камшумор будани мутахассисине, ки ба тавсифу таҳқиқи дастнависҳо машғуланд, ин кор чунон суст пеш меравад, ки ҳоло пешгуӣ кардан душвор аст, ки кай ақалан рӯйхати аксари дастнависҳо маълум мегардад?» [8,8]. Бинобар ин, мавқеи китобҳои роҳнамову маълумотҳои китобшиносии нусхаҳои хаттӣ дар ин маврид хеле муҳим аст.

Яке аз чунин маълумотномаҳои муҳим китобшиносии феҳристҳои нусхаҳои хаттӣ мебошад. Ҳарчанд дар ин замина дар марказҳои гуногуни шарқшиносӣ баъзе корҳо сурат гирифтаанд, вале то ҳол асари қобили таваҷҷуҳе дар китобшиносии феҳристҳои дастнависҳои форсӣ ба нашр нарасидааст. «Китобшиносии дастнависҳои арабӣ», ки кормандони шуъбаи петербургии институти шарқшиносии АИ Русия таҳия ва чоп намудаанд, ҳарчанд ҳанӯз комил нест, вале иқдоми шоистаи пайравии эроншиносон аст[4] . Чунин китобшиносӣ на танҳо барои нусхашиносон, балки барои ҳамаи муҳаққиқони таърихи адабиёти форсу тоҷик ва, умуман, Шарқ роҳнамои хубе хоҳад шуд.

Маҷмӯаҳои биобиблиографии мавзӯӣ низ дар ин замина хеле судманд мебошанд. Муҳаққиқон китобҳои маъруфи «Алфеҳрист»-и Ибни Надим (асри X) ва «Кашф-уз-зунун»- и Ҳоҷ Халифаро аз намунаҳои барҷастаи чунин асарҳо донистаанд. Ин суннат дар асри XX, махсусан, дар Эронривоҷ пайдо кард, ки асари бисёрҷилдаи Ҳоҷӣ оқо Бузурги Теҳронӣ «Аз-зариа ила тасониф аш-шиа» ва Эраҷи Афшор «Эроншиносӣ. Феҳристномаи китобшиносиҳои Эрон» гувоҳи он аст.

Китоби сеҷилдаи шарқшиноси англис Чарлз Сторӣ «Адабиёти форсӣ», ки ба забонҳои русӣ ва форсӣ ҳам тарҷума ва чоп шудааст, намунаи барҷастаи чунин асарҳо дар ховаршиносии муосир ба шумор меравад. Ч. Сторӣ кори ховаршиноси маъруф К. Брокелманро, ки «Таърихи адабиёти араб»-ро офарида буд, дар эроншиносӣ идома дод ва маълумотномаи муфассалу ҷомеъро таълиф намуд, ки самараи меҳнати чилсолаи ӯ буда, асарҳои роҷеъ ба Қуръону масъалаҳои исломшиносӣ ва таърихи дар тӯли беш аз ҳазор сол навишташударо дар бар мегирад [8].

Асари Ч. Сторӣ дар шарқшиносӣ баҳои баланд гирифт ва Кунгураи аввалини байналмилалии эроншиносӣ дар шаҳри Теҳрон (соли 1966) ва семинарии байналмилалии нусхаҳои хаттӣ дар шаҳри Кобул (соли 1967) қарор карданд, ки ин кор идома дода шавад. Дарвоқеъ, офаридани чунин маълумотномаҳои ҷомеи китобшиносӣ ҳам барои шинохти нусхаҳои хаттӣ ва ҳам барои таҳқиқи амиқи масъалаҳои таърихи адабиёту фарҳанги форсу тоҷик мусоидат менамоянд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло пешниҳодҳои зерин ироа мешавад:

1. Пеш аз ҳама нусхаҳои хаттии дар китобхонаву осорхонаҳои дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон маҳфуз бударо тавсиф намуда, феҳристи ҷомеи дастнависҳо тартиб дода шавад.

2. Дастнависҳои дар дасти ашхоси ҷудогона буда, то ҳадди имкон барои китобхонаҳо харидорӣ шуда, дар ҳолати хуб нигаҳдорӣ карда шаванд.

3. Дар нусхашиносӣ ҳам аз имкониятҳои фановарии навин, аз ҷумла компютер самаранок истифода шавад.

4. Ҳамаи дастнависҳои мавҷуда ба компютер ворид карда шаванд.

5. То ҳадди имкон аз истифодаи мустақими нусхаҳои нодир худдорӣ намуда, акс ё нусхаи электронии онҳо ба истифода дода шаванд.

6. Дар Тоҷикистон, ки яке аз марказҳои муҳимми нусхахои хаттист, Пажуҳишгоҳи дорои озмоишгоҳи муҷаҳҳаз таъсис дода шавад.

7. Коркарди кимиёвии дастхатҳо дар ҳама китобхонаву осорхонаҳо ба таври муназзам анҷом дода шавад.

8. Аз созмони байналмилалии ЮНЕСКО хоҳиш карда шавад, ки як Маркази байналмилалӣ оид ба шинохти нусхаҳои хаттии шарқӣ таъсис дода шавад, то ки масъалаҳои нигоҳдорӣ ва тавсифи нусхаҳои хаттӣ, тартиб додану нашри феҳристу феҳриствораҳо ва китобшиносиҳои дастнависҳо ва масоили дигари марбут ба нусхаҳои хаттиро фаро гирад.

Танҳо бо ғамхории дилсӯзонаи мақомоти бонуфузи ҷаҳонӣ метавон нусхаҳои хаттиро, ки сармояи муҳим ва пурбаҳои фарҳангии ҳар миллат ва махсусан мардумони эронинажод аст, ба таври шоиста ҳифзу таҳқиқ намуд ва манзури оламиён гардонид.

**Адабиёт**

1. Акимушкин, О. Ф. Персидская рукописная книга // Рукописная книга в культуре народов Востока. – М.: Наука, 1987.

2. Афсаҳзод, А. Интишори қиссаи «Вомиқ ва Узро» дар адабиёти тоҷику форс // Афсаҳзод, А. Пайванди қарнҳо. – Душанбе: Адиб, 1989.

3. Афшор Эраҷ. Эроншиносӣ: феҳристномаи китобшиносиҳои Эрон. – Теҳрон, 1342.

4. Библиография арабских рукописей / сост. Михайлова И.Б., Халидов А.Б. –М: Наука, 1982.

5. Мунзавӣ Аҳмад. Саъдӣ бар мабнои нусхаҳои хаттии Покистон. – Теҳрон, 1983.

6. Мунзавӣ Аҳмад. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ. – Теҳрон,1348.

7. Мухторов, А. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон. – Душанбе: Ирфон, 1984.

8. Стори, Ч. А. Персидская литература. Биобиблиографический обзор / пер. и доп. Брегел Ю.Э. – М., 1972. –Ч.1.

**Муллоахмад М.**

## РУКОПИСЬНОЕ НАСЛЕДИЕ, ИХ ИССЛЕДОВАНИЕ И СОХРАНЕНИЕ

В этой статье освещаются вопросы изучения, защиты и использования рукописей библиотек, музеев, архивов и коллекций мира. Изучение рукописей полезно и важно для определения прошлых литературных произведений, биографии писателей и поэтов, исследования литературных проблем и тенденции миниатюрного искусства и каллиграфии.

В известных библиотеках и музеях мира, в том числе в Индии, Пакистан, Турции и Иран, хранятся многие ценные рукописи, принадлежавшие таджикско-персидской литературе, изучение которых имеет очень важное значение. Хотя до сегодняшнего дня сотни томов каталогов персидских и арабских рукописей публикуются на разных языках, но до сих пор многие копии рукописей мировых библиотек и музеев не исследованы. Поэтому в библиотеках и музеях следует уделять серьезное внимание каталогизацию и обеспечивать их современными технологиями.

В конце статьи автор приводит некоторые предложения по улучшению ситуации.

**Ключевые слова:** рукописи, библиотеки, музеи, литературные произведения, каталогизация, исследование, проблемы, литература, история, охрана.

**Mulloahmad M.**

## MANUSCRIPT HERITAGE AND THEIR STUDY AND SAFEGUARDING

This article highlights the issues of study, safeguarding and using the manuscript copies of the libraries, museums, archives and collections in the world. The study of the manuscripts is useful and important in the defining of past literary works, biography of writers and poets, exploration of the literary problems and trends, miniature art and calligraphy.

In the well-known libraries and museums of the world, including India, Pakistan, Turkey and Iran are kept many valuable manuscripts belonged to the Tajik-Persian literature, the study of which has very important significance. Though till today hundred volumes of the catalogues of the Persian and Arabic manuscripts are published in different languages, but still many copies of manuscripts of the world libraries and museums are untouched. Therefore in the libraries and museums should be paid serious attention to the cataloging activity and provide them with modern technology.

In the end of article the author puts some his suggestions for improving the situation.

**Keywords:** manuscripts, libraries, museums, literary works, cataloging, study, issues, literature, history, safeguarding.

ТДУ 008+37тоҷик+9тоҷик+791+79тоҷик+792.9+001(092)
**Давлатов Ф., Раҷабов А.**

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ СИРКИ ТОҶИК ВА ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ ОН

*Дар мақола роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва фаъолияти Сирки давлатии Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ сухан меравад. Дар огози мақола таърихи сирки тоҷик мухтасаран баррасӣ гардида, нақши муассири ин намуди санъат дар тарбияи ҳисси зебоипарастиву фарҳангдӯстии насли ҷавон ва боло бурдани маърифати ҷомеа нишон дода шудааст. Идомаи баҳси мақоларо масъалаҳои рушди санъати сирк дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар алоқамандӣ бо пешрафту тараққии соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа ва сиёсати фарҳангии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил медиҳад.*

*Дар фарҷоми мақола фаъолияти пурсамари Сирки давлатии Тоҷикистон дар тӯли чанд соли охир таҳлилу арзёбӣ гардида, дастовардҳои аҳли ҳунари ин муассисаи фарҳангӣ дар дохил ва берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *санъат, сирк, сирки тоҷик, таъсис, истиқлолият, ҳунар, аҳли ҳунар, соҳа, таърих, дастовард, бозӣ, дорбоз, аспдавонӣ, аспакбозӣ, чашмбандӣ, тосбозон(шаъбадабозон, морбозон,зӯргарон, лӯъбатбозон(лухтакбозон, зочабозон, ҳуққабозон, масхарабозон.*

## Муқаддима

Рисолати ҳама намуди санъат дар ҳама давру замон тарбияи маънавии инсон будаву ҳаст. Дар радифи дигар намудҳои санъат, сирк низ аз даврони пайдоиш то ба имрӯз ин рисолатро бар дӯш доштаву дорад. Гузашта аз ин, ҳама намуди санъату ҳунар, аз ҷумла сирк дар муаррифии шахсияти ҳунарманд ва миллате, ки ин шахсиятро ба олам овардаву парваридааст, нақши боризу носутурданӣ дорад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ба истиқболи 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кардаанд: “Мусаллам аст, ки мақому манзалати ҳар миллат ба андозаи саҳми он дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ва маънавиёти башарӣ, илму адаб, ҳунару санъат ва пурғановат сохтани махзани арзишҳои олии инсонӣ муайян карда мешавад.

Аз ин нуқтаи назар, нақш ва маҳсули кору пайкори тоҷикон дар рушди фарҳанги оламиён ба эътирофи умум хеле назаррас аст. Ёдовар шудан кофист, ки тамаддуни мардуми ориёинажод, мероси маънавии аҷдоди фарҳангсозу фарҳангпарвари мо яке аз пояҳои тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Мо бояд аз ин ифтихор кунем ва ҳамеша саъю талош намоем, ки пайравони сазовор ва ворисони арзандаи абармардони миллатамон бошем ва чароғи илму маърифатро ҳамеша фурӯзон нигоҳ дорем” [1].

Воқеан, ниёгони тамаддунофари мо дар ҳама намуди санъату ҳунар, дар замони худ, шуҳратёр будаанд. Дар он замон, агарчи вожаи "сирк" дар забони мардум роиҷ набуд ва аз сӯйи ҳунармандон низ мавриди истифода қарор надошт, навъҳои гуногуни бозиҳои дилхушкунанда, ки имрӯз барномаҳои сиркро шавқовару диданӣ мекунанд, аз ҷониби ҳунармандони алоҳида ё гурӯҳи иборат аз 2-3 нафар дар ҷашну маросимҳо ва базми тараби шаҳриёрону подшоҳони замон ба иҷро расонида мешуд. Аҳли ҳунари Сирки давлатии Тоҷикистон, ки имрӯз дар радифи дигар санъаткорону ҳунармандон муаррифгари фарҳангу ҳунари миллати бостониву фарҳангии тоҷик дар рӯи олам ҳастанд, пайравону ворисони ниёгони дар илму адаб ва санъату ҳунар шуҳратёри хеш маҳсуб мешаванд ва рисолати азалии худро дар ин ҷода бо дарки масъулият ба иҷро мерасонанд.

Сирки давлатии Тоҷикистон, ки имрӯз ҳампои замон бо сиркҳои давлатҳои мустақили дигари на танҳо пасошӯравӣ, балки ҷаҳони муосир дар ҷодаи фарҳангу ҳунар гомҳои устувор мегузорад ва ба дастовардҳои назаррас низ ноил шудааст. Аммо ҷойи нигаронист, ки фаъолияти он аз назари коршиносону муҳаққиқони соҳа дур афтодааст. Перомуни таъриху фаъолияти Сирки давлатии Тоҷикистон, чи дар даврони Шӯравӣ ва чи дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, пажӯҳишу тадқиқоти мукаммале ба анҷом нарасидааст. Дар ин бобат танҳо китобе таҳти унвони "Цирки тоҷик" (муаллифон: Қ. С. Сатторов, И. К. Раҳимов) дар ҳаҷми 64 саҳифа, ба теъдоди 3000 нусха соли 1988 аз сӯйи нашриёти "Адиб" интишор шудаву чанд мақолаи илмӣ – оммавии ходими илмии ПИТФИ Ҳалима Аламова дар маҷаллаҳои "Паёмномаи фарҳанг" [2, с.58-66] ва "Фарҳанг ва ҳунар" [3, с.29-39] рӯйи чоп омадааст.

Дар қомусҳо ва дигар китобу мақолаҳои вобаста ба санъати сирк, ки олимони сиркшиноси Иттиҳоди Шӯравӣ дар замони мавҷудияти ин давлати абарқудрат ба нашр расонидаанд, сирки тоҷикро фақат ном бурдаанду халос. Оид ба таъриху фаъолияти он бошад, чанд рақаму сатри ғалату бераб рӯйи коғаз рехтаанд, ки таассуфангез аст. Муаллифони китоби "Сирки тоҷик" низ дар ҳамин андешаанд: "Дар энсиклопедияи хурди "Цирк" (нашри соли 1973) ба коллективи сирки тоҷик расо даҳ сатр ҷудо карда шудааст: "...соли 1970 ташкил ёфтааст: Премерааш 22 апрели 1970 дар цирки Душанбе барпо гардидааст. Муаллифони матн Р. Славский ва О. Фадеева, рассом – ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон К. Ефимов. Дар программа намудҳои дар Тоҷикистон анъанавии санъати халқӣ (баромади паҳлавонҳо, масхарабозҳо, намоиши курра, буз ва шутурҳои ромкардашуда, чойникбозӣ) истифода бурда шудааанд. Иҷрокунандагон – дорбозон Сатторовҳо, акробат-волтижёрҳо Зардаковҳо, роҳбар ва иштирокчии бозиҳои тоҷикӣ В. Валиев, йигитҳо бо роҳбарии Д. Барон" [7. с. 36].

Ба андешаи инҷониб, вақти он расидааст, ки коршиносону муҳаққиқони соҳаи санъат ба пажӯҳишу таҳқиқи таърих ва вижагиҳову самтҳои фаъолияти Сирки давлатии Тоҷикистон дар замони истиқлолият рӯ оваранд, то таълифоти эшон дар оянда заминае барои таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқони ҷавон ва дигар олимони соҳаи санъатшиносӣ дар Тоҷикистон ва берун аз он гардад ва

ба д-ин восита сирки тоҷик ба оламиён ҳарчи беҳтару бештар муаррифӣ шавад.

**Чашмандозе ба таърихи сирки тоҷик**

Чун бо чашми фаросату таҳқиқ ба дуриҳои таърих назар меафканем, ба хубӣ дармеёбем, ки ниёгони мо аз замонҳои бостон таваҷҷуҳи беш ба санъату мусиқӣ ва дигар бозиву ҳунарҳои шавқовару варзишӣ доштаанд. Мо метавонем, танҳо бо истифода аз ду сарчашмаи муътамад: бозёфтҳои бостоншиносони тоҷик, ки аз қаъри асрҳо ҳикоят мекунанд ва мероси бебаҳои фарҳангӣ, бавижа, китобҳои илмиву адабӣ ва таърихӣ, ки гузаштагонамон ба ёдгор гузоштаанд, мутмаин шавем, ки пойдевори бинои ҳама намуди санъату ҳунар, аз ҷумла сиркро, ҳанӯз дар даврони бостон, ниёгони тамаддунофари мо гузоштаанд. Яъне, дарахти илму адабу санъати на танҳо миллати тоҷик, балки қавму миллатҳои дигари олам низ, реша дар оби ин ду сарчашма дорад.

Боздид аз ду осрхона ва як китобхонаи ҷумҳуриявӣ: Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи таъриху бостоншиносӣ ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон кофист, ки сухани мо дар худ тобиши илмӣ касб кунад. Расму тандисҳои хурд – хурди аз гил ва ё метал сохташудаи аспсаворон, дорбозон, ромишгарон, раққосон, масхарабозон, ҳамчунин тасвирҳои асбобҳои мусиқӣ: даф, нақора, уду чанг ва ғайраро, ки дар осорхонаҳо мебинем ва бозтоби ин ҳамаро, ҳангоми мутолиа, дар осори илмиву адабӣ ва таърихии Рӯдакӣ, Анварӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ибни Сино ва дигар фарҳехтагони миллат дармеёбем, имони комил бар он меоварем, ки сарзамини аҷдодии мо тоҷикон на танҳо зуҳургоҳи санъату ҳунари миллӣ, балки мазҳари тамаддуни умумибашарӣ низ будааст.

Даф, ки намуде аз асбоби мусиқии садоист ва дар осори классикони тоҷику форс зиёд ба чашм мерасад, дар байти зерини устод Лоиқ, ба хотири бозтоб кардани як суннати ҳаррӯзаи суғдиён истифода шудааст:

Суғдиён бар пешвози офтоб
Ҳар саҳар даф мезананд.

Мавриди зикр аст, ки дар замонҳои пеш дорбозону ширинкорон ва раққосону масхарабозон, ки метавон эшонро аҳли санъати сирки он замон ном бурд, таҳти садои даф ҳунарнамоӣ мекарданд.

Устод Турсунзода бошад, дар яке аз шеърҳои худ ромишгарии устод Рӯдакиро чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

Дар он рӯз Рӯдакӣ чун рӯд бинвохт,
Тамоми халқи олам гӯш андохт.

Аз муҳтавои ин байти устод Турсунзода бармеояд, ки устод Рӯдакӣ на танҳо шоири бузург, балки ромишгари беҳамто низ будааст. Гузашта аз ин, ӯ на танҳо барои миллати хеш, балки барои ҳама насли башар шеър навиштаву ромишгарӣ кардааст. Ин гуна мисолҳоро аз осори гузаштагону имрӯзиён зиёд метавон овард, ки башорат аз

шуҳрати санъату ҳунари нотакрору оламгири тоҷикон дар имтидоди таърих аст.

Муаллифони китоби “Цирки тоҷик” перомуни як бозёфти бостоншиносон, ки аз таърихи қадимӣ доштани санъати сирк ҳикоят мекунад, чунин навиштаанд: “...Хусусан, бозёфтҳои археологии Панҷакент ҷолиби диққатанд: Аз ин ҷо муҷассамаи то миён бараҳнаи раққосае пайдо карда шудааст, ки рақси хеле мураккаберо иҷро мекунад. Вай дасти чапашро ба соид гузошта, пои росташро аз зону қат кардааст ва аз болои пои чапаш гузаронда, баданашро ба қафо тоб додааст. Ин рақси мураккаб элементҳои рақси сирки ҳозираро ба хотир меорад” [7. с. 10.]

Адибони забардасти асри XV-и тоҷику форс Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асарҳои алоҳидаи хеш ҳунарнамоии тосбозон (шаъбадабозон), дорбозон, тақлидкорон, лӯъбатбозон, ҳуққабозон, чашмбандҳо ва морбозону маймунбозонро таърифу тавсиф кардаанд. Ҳунарнамоии ин зумра ҳунармандонро мо дар барномаву намоишномаҳои сирки имрӯз низ метавонем тамошо кунем. Фарқ миёни сиркчиёни он замон ва имрӯз дар он аст, ки онон дар ҷашну маросимҳо дар кӯчаву майдонҳо ва дар базму шабнишиниҳои ашрофону шоҳон дар қасру кушкҳо ҳунарнамоӣ мекарданду инон дар ҳар маврид дар саҳнаи махсус (бинои сирк).

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ” ҳикоёти фаровоне перомуни ҳунарнамоии тақлидкорон, масхарабозон, филбозону харбозон, бузбзону шутурбозон ва аспсаворон овардааст. Ҳангоми мутолиаи ин ҳикоёти аҷибу шавқангез саҳнаи сирк пеши назар меояд ва дар он ҳунарнамоии беҳтарин ҳунармандони сирк ҷилвагар мешавад.

Сиркшинос Ҳалима Аламова дар мақолаи хеш таҳти унвони “Бадоеъ- ул- вақоеъ” ва назаре ба оғозгоҳи сирки тоҷик” овардааст: “Аз маълумоти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ маълум мегардад, ки ҳунари ром кардани ҳайвонот дар ҳамаи давру замон во мехӯрад. Инро мо дар “Ҳикояти Бобоҷамол” дида мебароем:

... Ин Бобоҷамол харе ҳам дошт, ки онро Чамандар ном карда буд. Ӯ аз барои вай савте баста буд ва ҳар узве аз аъзои вайро ба чизе ташбеҳ карда, ки аҳли фазлу арбоби фасоҳату балоғат ӯро таҳсин менамуданд. Ӯ оҳанги “Чоргоҳ”-ро бо ғиччак менавохт ва он Чамандар усуле менамуд, ки ақли оқилон ҳайрон мешуд.

Дигар ин, ки ба хар муроҷиат карда мегуфт:

-Эй Чамандар, зани аҷузе, гандапире ошиқи ту шуда ва шефтаи ту гардидааст. Вай ба ҷои об – гулоб, ба ҷои ҷав – мағзи писта, бодоми қандӣ ба ту медиҳад ва туро дар сояи дарахте нигоҳ медорад, ки аз ту бохабар мешавад ва барои ту чули қиматбаҳое месозад, вай ҳаргиз туро бор намекунад, ва ҳамин орзӯ дорад, ки бар ту савор шаваду ба ҳаммом равад.

Ин суханро, ки хар мешунид, ларза бар вай меафтоду меғалтид ва чаҳор дасту пой дароз мекарду нафаси вай мунқатеъ мешуд. Дар ин вақт Бобоҷамол бар сари вай нишаста, навҳа оғоз мекард, ки фиғон аз халқ мебаромад. Баъд боз мегуфт:

-Эй Чамандар, зебое, раъное, болобаланде, абрӯкаманде, лабҳо чу қанде, пистадаҳоне, мурчамиёне, роҳати ҷоне аз ту талаб мекунад, ки аз кӯҳи Мухтор туро санг бор кунад ва ба ҷуволдӯзе пушту паҳлӯи туро фигор кунад ва ҳар ҷафое, ки аз он бадтар набошад, ба ту кунад. Чун аст? Қабул дорӣ?

Ба муҷарради гуфтани ин сухан аз ҷой меҷаст ва ар-ар мекашиду ба гирди маърака мегардид ва корҳое мекард, ки мардум аз ханда беҳӯш мешуданд" [2. с. 66].

Ин гуна мисолҳоро фаровон метавон аз "Футуватномаи султонӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ овард. Ва ин ҳама далели он аст, ки ҳунари сиркбозӣ барои тоҷикон таърихи қадимӣ дорад.

Аз ёддоштҳои баъзе намояндагони санъату ҳунар, ки солҳои 1920 – 1930 дар баъзе рӯзномаву маҷалаҳо ва китобҳо чоп шудаанд, ба хулосае метавон омад, ки нахустин нишонаҳои сирки касбии тоҷик, пас аз пирӯзии Инқилоби Октябр ва таъсис ёфтани Республики худмухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон, дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа зуҳур кардаанд. Тавре муаллифони китоби "Цирки тоҷик зикр мекунанд: - "Солҳои1925-1926 дар Конибодом театри ҳаваскорон ташкил ёфт. Сонитар бо ташаббуси коркунони партиявию комсомолӣ ва муаллимон дар Хоруғ, Ғарм, Ҳоит, Тоҷикобод, Оби Гарм, Қалъаи Хумб ва дигар деҳаю посёлкаҳо театру кружокҳои ҳаваскорони бадеӣ барпо карда мешавад. Соли 1927 дар Душанбе дар назди баталони тирандозии Тоҷикистон ва мактаби советии партиявӣ кружокҳои ҳаваскорони бадеӣ ташкил карда шуданд.

Мо ин ҷо бесабаб аз театру кружокҳои халқӣ гап накушодем: дар он вақт репертуари театр ё кружоки ҳаваскорони бадеӣ танҳо аз номераҳои драмавию консертӣ иборат набуда, инчунин баромадҳои масхарабозон, раққосон ва жонглёрҳоро дар бар мегирифт" [7. с. 19].

Яъне, Сирки тоҷик ҳамзамон бо пешрафту тараққии дигар соҳаҳои санъату ҳунар рушд ёфт. Дар радифи намояндагони намудҳои гуногуни санъату ҳунар сиркбозонро низ мактабхои ҳунарии он замон (кружокҳову театрҳои халқӣ) тарбият карда, ба камол расониданд ва барои таъсис додани Сирки давлатӣ заминаи мусоид фароҳам омад. Бо ибтикори Комиссариати Халқии меҳнати республика ва Шуъбаи тоҷикистонии иттифоқи ходимони санъат 2 июни соли 1929 нахустин коллективи сиркӣ дар Душанбе таъсис меёбад, ки роҳбариашро Г. Роберт ном ҳунарманд бар дӯш доштааст. Сипас, яъне охири ҳамон моҳ "Комиссариати халқии маориф ба инкишофи босуръати санъат диққати калон дода, сирки худро барпо мекунад. Сирки Комиссариати халқии маориф ба зудӣ ҳамаи дастаҳои парокандаи сиркиро маттаҳид намуда, минбаъд расман номи Сирки 1-уми давлатиро гирифт" [7. с. 23].

Мавриди тазаккур аст, ки Сирки тоҷик тӯли мавҷудияти хеш дар замони шӯравӣ чандин маротиба маконашро дигар кард. Пас аз як соли таъсисёбӣ, яъне тобистони соли 1930 Сирки тоҷик ба бинои нав, ки дар шафати Боғи пештараи бинокорон сохта шуда буд, кӯчид. Пас аз он шумори ҳунармандони касбӣ дар он афзуд. Барномаву намоишномаҳои ҷолибу диданӣ таҳия шудаву пешниҳоди ҳаводорони ин намуди санъат гардонида мешуд. Ҳунармандони Сирки тоҷик ба сафарҳои хунарӣ мебаромаданд, сирки миллии тоҷикро ба қавму

миллатҳои гуногуни Иттиҳоди Шӯравӣ муаррифӣ мекарданд. Сиркҳои сайёри ҷумҳуриҳои дигар низ барои ҳунарнамоӣ ба Тоҷикистон меомаданд, бо барномаҳои ҷолиби сиркӣ хотири ҳавдорони санъати сиркро дар Душанбе шод мекарданд. Шумори дилбохтагону дӯстдорони ин намуди санъат рӯз то рӯз дар Душанбе ва дигар манотиқи кишвар меафзуд.

"Охири моҳи октябр (соли 1932) артисти хитоӣ – Ли-фу-шун ва гимнасти ҳавоӣ – Жорж Вильямс ба Душанбе омаданд. Жорж Вильямс дар ҳаво номераи "Ҳалқаи марг"-ро иҷро намуд. Ӯ сонитар директори Сирки давлатии Душанбе таъин гардид" [7. с. 28].

2 апрели соли 1935 Сирки давлатии Тоҷикистон ба бинои нав кӯчид, ки дар паҳлуи майдони варзишии "Спартак" ҷой гирифта буд. Моҳи декабри соли 1977 дар шаҳри Душанбе бинои нави муҳташами ҳозираи Сирки давлатии тоҷик дарҳои худро ба рӯйи мухлисонаш боз мекунад. Аз 23 июли соли 1970 то соли 1991 муассисаи Сирки давлатии шаҳри Душанбе ба системаи "Союзгосцирк" дохил карда шуда буд. Соли 1992 Сирки шаҳри Душанбе ба ихтиёри Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт ва дар базаи он Иттиҳодияи давлатии ҷумҳуриявии «Тоҷиксирк» таъсис дода шуд.

Бо такя ба маводҳои перомуни санъати сирк дар рӯзномаву маҷаллаву китобҳо ба нашррасида ва асноди маҳфуз дар бойгониҳо метавон ҳадс зад, ки дар замони шӯравӣ сирки тоҷик то ҷое пеш рафт, тараққӣ ёфт ва жанрҳои қадимии ин намуди санъат, аз ҷумла расанбозӣ ё дорбозӣ, тосбозӣ ё шаъбадабозӣ, чашмбандӣ, масхарабозӣ, морбозӣ, асպдавонӣ ва ғайраро, ки мероси фарҳангии мо – тоҷикон маҳсуб меёбанд, ба мадуми дигари маскуни Иттиҳоди Шӯравӣ муаррифӣ кард.

### Чеҳраҳои ҳунари Сирки тоҷик дар даврони шӯравӣ

Дар рушди Сирки тоҷик дар даврони шӯравӣ устодони ҳунар: Ҳунарпешаи халқии ҶШС Тоҷикистон Пирназар Юсупов, Ҳунарпешаи хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон Тағоймурод Давлатов, Ҷамолиддин Садриддинов, Назринисо Алиева, Сарват Беҳбудӣ, Абдуҷаббор Турдиев, Барон Даниел ва Вансих Владимир (коргардон), ҳунарпешагон – Раъно Ӯрунова, Оғулхон Тӯраева, Хоҷа Раҳматулло ва нафарони зиёди дигар саҳми босазои хешро гузоштаанд.

Устодони дигар, ба мисли В. Воробёв, В. Валиев, Н. П. Барзилович, А. Дашевский, артисти хизматнишондодаи РСС Молдавия К. Кох, артистон С. Понукалин, Д. Шнейдер, Д. Юмаев ва чанди дигар, пас аз кушода шудани студияи махсуси сиркӣ дар назди Сирки давлатии Душанбе (соли 1968), дар тарбия ва ба камол расонидани хунармандони сирк хидмати бузурге кардаанд.

Махз завқу истеъдоди худодод, заҳмату талошу такопӯи пайваста ва азхудгузаштанҳои эшон дар ҷодаи санъат буд, ки Сирки тоҷикро дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ шинохтанду эътироф карданд ва ба ҳунари волои ин ҳунармандони нотакрор арҷ гузоштанд. Насли калонсоли имрӯз нағз дар хотир дорад, ки солҳои 70-ум, 80-уми асри гузашта Сирки тоҷик шухрати баланд касб карда

буд ва ҳар мавсими намоиш барномаҳои онро мухлисону ҳаводорони ин намуди санъат бесаброна интизорӣ мекашиданд. Махсусан, ҳунарнамоиҳои ҳунармандон Н. Алиева, Т. Холматова, М. Қодирова, дорбозон Сатторовҳо, ширинкорон Ҳ. Ҳасанов, Ҷ. Олимов, Д. Садриддин, Ю. Зубов, жонглёрҳои аспсавор бо роҳбарии Сарват Беҳбудӣ ва ҳунарнамоии устоди Сирки тоҷик Пирназари Сорбон бо "Корвони Помир"-и хеш ҳаргиз аз ёду хотири дилбохтагони санъати сирк сутурда нахоҳад шуд.

**Сирки давлатии Тоҷикистон дар замони истиқлол**

Бо фаро расидани даврони соҳибистиқлолӣ, дар радифи дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, намудҳои гуногуни санъат, аз ҷумла сирк дар Тоҷикистон рӯ ба рушд ниҳод. Мутаассифона, пас аз чанде мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешорӯйи Тоҷикистони тозаистиқлол қарор гирифт. Ба ин сабаб, бархе аз муассисаҳои фарҳангӣ натавонистанд фаъолияти мунтазаму пурсамар дошта бошанд, минҷумла Сирки тоҷик. Соли 1997 "Тоҷиксирк" аз фаъолият боз мемонад ва ҳунармандони он пароканда мешаванд. То соли 2000-ум вазъ ин гуна идома меёбад.

Бо фароҳам омадани шароити мусоид ва дарки он, ки бидуни рушди намудҳои гуногуни санъату ҳунар ягон миллату давлат наметавонад худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунад, Ҳукумати ҶТ аз 7 сентябри соли 2001, таҳти № 431, ба хотири эҳёи санъати Сирки тоҷик, бо истифода аз анъанаҳои миллӣ ва таълими мутахассисони санъати сирк тавассути таъсиси Студияи назди Сирки давлатии Тоҷикистон, қарори худро ба тавсиб мерасонад, ки татбиқи он бар дӯши Вазорати фарҳанги ҶТ во гузошта мешавад. Ба хотири таъсиси студия ва татбиқи амалии қарори мазкури Ҳукумати ҶТ Ашӯр Раҷабов аз коллеҷи сиркию эстрадии шаҳри Тошканд ба Душанбе даъват карда мешавад ва рохбарии Студияи хунарҳои сирки миллиро ба уҳда мегирад. Дар муддати хеле кӯтоҳ ӯ ҷавонписарону духтарони зиёдеро тарбия намуда, ҳамчун мутахассиси санъати сирк ба камол мерасонад. Имрӯз шогирдони тарбиякардааш ҳунармандони варзидаи санъати сирк ҳастанд, ки дар Тоҷикистон ва берун аз он ҳунарнамоӣ мекунанд.

"Ашӯр Раҷабов устоди меҳрубон, вале хеле сахтгир аст. Ӯ худро бе сирк тасаввур карда наметавонад. Шогирдони зиёде дорад. Ба онҳо дарси маҳорат меомӯзонад. ...Ӯ саъйу кӯшиши зиёд дорад, то бо ин ҳунари волои худ ба халқу миллати азизаш хизмат кунад, санъати миллии сирки тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ нишон диҳад" [4. с. 30].

Воқеан, устод Ашӯр Раҷабов, ки имрӯз директори Сирки давлатии Тоҷикистон аст, шогирдони зиёдеро ба мисли Галина Моисенко тарбия кардаву ба воя расонидааст. Шогирдони ӯ, аз ҷумла Г. Моисенко на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар мамолики олам низ дили садҳо мухлисони ин намуди санъатро тасхир кардаву санъати сирки миллии тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд: "Бо тоб хӯрдани ҳалқа пояшро рост мекунад ва бо пошнаи по ҳалқаро дошта меистад. Муддати чанд сония дар чунин ҳолат тоб мехӯрад. Садои мусиқӣ аз кинофилми "Титаник" дар офариниши ин нақши

мураккаб – жанри санъати сирк эквилибристика низ алоқамандиеро дорад. Ҳар ҳаракати ба драматизми баланди бо мусиқӣ омезишёфта нақшро то нуқтаи баланди санъати иҷрокунандагӣ мерасонад. Тоб хӯрдани ҳалқа ва дар он овезон будани Галина таваҷҷуҳу ҳайрати тамошобинонро боз ҳам зиёд менамояд ва ангушт мегазанду офаринаш мехонанд" [5, с.26].

Тайи чанд соли охир аҳли ҳунари Сирки давлатии Тоҷикистон дар бисёр озмунҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангии минтақавию ҷаҳонӣ ширкат варзида, ғолиб омадаанд ва сазовори ҷоизаву шоҳҷоизаҳо гардида, эътибору шуҳрати сирки миллии тоҷикро афзудаанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии тамаддунҳо бидуни истифода аз равандҳои инноватсионӣ наметавон фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳангӣ, бавижа Сирки давлатии Тоҷикистонро тасаввур кард. Бо дарки ин нукта, имрӯзҳо аҳли ҳунар ва дигар кормандони Сирки давлатии Тоҷикистон талош меварзанд, то бо истифода аз навгониҳои техникӣ барномаву намоишномаҳои хешро боз ҳам ҷолибтар таҳия намуда, пешниҳоди мухлисон гардонанд. Ба ин мақсад кормандони сирк на танҳо аз васоити иттилоотӣ – коммуникатсионии мавҷуд: компютер, шабакаи Интернет, принтер, сканер, дастгоҳи аксбардорӣ, дастгоҳи аудиовизуалӣ, таҷҳизоти садобаландкунӣ, созҳои барқии мусиқӣ, чароғҳои рӯшанидиҳанда ва фарофари саҳна дар фаъолияти хеш истифода мебаранд, балки таҷҳизоти ихтироъкардаи хешро бо робита ба талаботи жанрҳои анъанавии миллии сирк мавриди истифода қарор додаанд. "Имрӯз дар сирки тоҷик бисёр асбобҳо ва таҷҳизоте истифода мешавад, ки дар тархрезӣ ва сохтани он Ашӯр Раҷабов ҳиссагузор аст. Инҳо: перш, перши китфӣ, бағалӣ ва пешонӣ, тор, асбобҳои эквилибристикӣ, асбобҳои гимнастикӣ – ҳавоӣ, акробатӣ ва ғайраҳо мебошанд. Ӯ аввалин бор ҳамчун ихтироъкор барои гурӯҳи торбозон асбоби ҳимоявӣ сохтааст" [6. с.30-31].

Ба ин монанд навгониҳову ихтироъкориҳои зиёди кормандони дигарро низ метавон мисол овард, ки дар рангорангиву ҷавобгӯи талаботи маънавии насли имрӯз шудани намоишномаҳои сирки миллии тоҷик мусоидат кадаанд.

Имрӯз шумори ҳайвоноти ромшуда дар сирки тоҷик афзуда, вазъи таъминашон бо ғизо низ рӯ ба беҳбудӣ овардааст.

## Охирсухан

Хулоса, рисолати миллату давлати тоҷик дар замони муосир сохтани давлати мутамаддин аст ва давлати мутамаддинро бидуни рушду тараққии ҳама намуди санъату ҳунар на танҳо наметавон сохт, балки сохтани онро наметавон тасаввур кард. Санъати сирк ҳам чун дигар намудҳои санъату ҳунар дар боло бурдани маърифати ҷомеа ва ба ин васила сохтани давлати мутамаддин нақши бориз дорад ва талош варзидан ба хотири рушди ин намуди санъат дар Душанбе ва дигар манотиқи кишвар ногузир аст.

Натиҷаи омӯзишу пажӯхиши фаъолияти Сирки давлатии Тоҷикистон, моро итминон мебахшад, ки мардуми тоҷик санъати

сиркро чун дигар намудҳои санъату ҳунар дӯст медоранд ва ин намуди санъат дар мамлакати мо фардои дурахшон хоҳад дошт.

## Адабиёт


1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 20 – солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (08. 09. 2011) // Пайванд. – 2011. –№ 17. – С. 15.
2. Аламова Ҳ. «Бадоеъ ул вақоеъ» ва назаре ба оғозгоҳи сирки тоҷик / Аламова Ҳ // Паёмномаи фарҳанг. – 2007.– №10. – С. 58 - 66.
3. Аламова, Ҳ. Афкори сиркшиносӣ дар «Футуватномаи султонӣ» / Ҳ. Аламова Ҳ. // Фарҳанг ва ҳунар. – 2007.–№2. – С. 29-30.
4. Аламова, Ҳ. Ҳунарманд ва омӯзгор / Ҳ. Аламова // Фарҳанг ва ҳунар. – 2009. – №1. – С. 30.
5. Аламова, Ҳ. Ситорае дар санъати сирк / Аламова Ҳ // Тоҷикистон. – 2009. – №1-2. – С. 26.
6. Аламова, Ҳ. Ҳунарманд ва омӯзгор / Аламова Ҳ // Фарҳанг ва ҳунар. – 2009.– №1. – С. 30-31.
7. Сатторов, Қ., Раҳимов И. Цирки тоҷик / Қ.Сатторов, И. Раҳимов. – Душанбе: Адиб, 1988. – 64 с.


**Давлатов Ф., Раджабов А.**

# ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ТАДЖИКСКОГО ЦИРКА И ЕГО НЫНЕШНЕЕ СОСТОЯНИЕ


В статье говорится об истории становления и деятельности Государственного цирка Таджикистана в эпоху Советского Союза и во время независимости республики. В начале статьи коротко рассматривается история таджикского цирка, роль этого вида искусства в воспитании эстетизма и чувства любви к культуре среди молодого поколения и повышения уровня просвещенности населения.

В продолжение статьи обсуждаются вопросы развития циркового искусства в независимом Таджикистане в связке с продвижением и развитием других сфер жизни общества и культурной политики правительства Республики Таджикистан под руководством Основоположника мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона.

В конце статьи анализируется и оценивается плодотворная деятельность Государственного цирка Таджикистана в течение нескольких последних лет, показываются достижения представителей этого культурного учреждения внутри страны и за пределами республики.


**Ключевые слова:** культура, цирк, таджикский цирк, создание, независимость, искусство, представители искусства, сфера, история, достижения, игра, канатоходец, скачки, жонглёры, фокусники, заклинатели змей, кукловоды, клоуны.

**Davlatov F., Radjabjov A.**

### A VIEW TO HISTORY OF TAJIK CIRCUS AND ITS CONTEMPORARY SITUATION

In the article are described short history of State Circus of Tajikistan and its establishment in the Soviet period and independence period of the country. In the beginning of article author discusses the history of Tajik circus and shows the role of this kind of the performance art in the aesthetical and cultural education of the young generation and increasing the public awareness. Following that author discusses the contemporary situation of the Tajik circus art in the independence period, especially he notes the initiatives and cultural politics of the Founder of the national peace and unity, Leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon.

At the end of the article the fruitful activity of the State Circus of Tajikistan for the last few years is analyzed and evaluated, the achievements of representatives of this cultural institution inside the country and outside the country are shown.

**Keywords**: culture, Circus, Tajikistan, establishment, independence, art, history, achievements, game, ropewalking, horse racing, jugglers, magicians, snake charmers, puppeteers, clowns.

**ТДУ 792тоҷик+001(092)+008+37тоҷик+78тоҷик**

**Неккадамов Т.**

## НАҚШИ БАХТУЛҶАМОЛ КАРАМХУДОЕВ ДАР РУШДИ ТЕАТРИ ТОҶИК

*Дар мақола перомуни фаъолияти ҳунарии Артисти халқии РСС Тоҷикистон Бахтулҷамол Карамхудоев сухан меравад. Дар он нахустин рӯзҳои қадам ба ҷодаи ҳунар ниҳодани ин ҳунарманди маъруф зикр гардида,, истеъдоду маҳорат ва фаъолияти ҳунарии ӯ зина ба зина дар алоқамандӣ ба нақши муассири санъати театрӣ дар афзун намудани ҳисси зебоипарастиву фарҳангдӯстии насли ҷавон ва боло бурдани маърифати ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Ҳамчунин, муаллиф фаъолияти Театри мусиқӣ – драмавии шаҳри Хоругро дар робита бо ҳунарнамоии Б. Карамхудоев дар саҳнаи ин театр таҳлил намуда, ҳунари нақшофаринӣ, коргардонӣ ва раққосии ӯро як –як баррасӣ менамояд ва нақшҳои офаридаи ӯро мусбат арзёбӣ мекунад. Дар фарҷом, муаллиф хулоса мебарорад, ки Б. Карамхудоев дар рушди театри тоҷик саҳми босазо дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *тетр, спектакл, пйеса, драма, саҳна, тамошобин, режисёр, актёр, раққос, оҳангсоз, нақш, репертуар, мазҳака, маҳорат.*

### Оғоз

Одатан дар тамоми театрҳои ҷаҳонӣ солҳои сол анъанае ҷорист, ки мавсими нави театриро бо драмаву спектаклҳои писандидаи тамо-

шобинон оғоз менамоянд. Масалан, Театри давлатии академии ба номи Е. Б. Вахтангови шаҳри Москва мавсими нави театриашро бо пйесаҳои «Чайка»-и А. П. Чехов ва «Маликаи Турандот»-и Карел Готси оғоз мекунанд. Ин анъанаи нек дар ҳамаи театрҳои кишварамон ба ҳукми таърих даромада буд ва он чун рамзи театрӣ солҳои сол вуҷуд дошт. Мутаассифона, солҳои охир ин анъанаи хуби театрӣ аз байн рафтааст.

Ҳайати эҷодии Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Меҳрубон Назарови шаҳри Хоруғ ҳам аз солҳои 40-уми асри гузашта мавсими театрии худро бо драма ва спектаклҳои «Қишлоқи тиллоӣ» ё «Тошбек ва Гулқурбон»-и М. Миршакар боз мекарданд. Ин асарҳои саҳнавӣ яке аз беҳтарин кори ин Театр ба ҳисоб мерафт ва ҳангоми намоиш толори он ҳамеша пур аз тамошобин буд.

Аз ҷумла, спектакли «Қишлоқи тиллоӣ»-ро режиссёрон М. Дубровин ва Б. Карамхудоев ҳанӯз моҳи ноябри соли 1944 ба тамошобин пешкаш карда буданд. Оҳангсоз И. Рогалский ҳангоми эҷоди сурудҳо аз оҳангҳои халқӣ хеле моҳирона истифода кардааст. Актёри он солҳо ҷавон Бахтулҷамоли 25-сола дар баробари кори режиссёрӣ, инчунин яке аз нақшҳои асосӣ – Султонбекро бозӣ карда буд. Карамхудоев қаҳрамонашро дар ҳаёти муқаррарии мардуми кӯҳистон борҳо дидааст ва хулқу атвор, шишту хез, муомила бо атрофиёнро хуб омӯхта, ҳамаи инро дар симои Султонбек ба тамошобинон нишон дод.

Актёр дар саҳна озодона бозӣ мекард. Дар назар чунин менамуд, ки офарандагони спектакл як лаҳзаи ҳаёти пешазинқилобии халқи тоҷикро айнан рӯйи саҳна гузошта бошанд.

Ин асар чунон маҳбубият пайдо кард, ки минбаъд мавсими нави театрӣ бо ин спектакл – «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар оғоз меёфт.

Бо гузашти солҳо Карамхудоев нақши Султонбекро такмил дода, онро аз як намоиш то намоиши дигар бо маҳорати фавқулода иҷро мекард ва ин нақшро яке аз нақшҳои дӯстдоштааш ном мегирифт.

### Рӯ сӯйи хуршеди умеду ормонҳо

Бахтулҷамол 17 сол дошт, ки 20 июли соли 1936 дар асоси қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон ва Комитети иҷроияи Совети депутатҳои меҳнаткашони ВАБК дар шаҳри Хоруғ Театри давлатии драмавӣ–мусиқӣ ташкил шуд. 28 августи ҳамон сол пардаи саҳнаи театри нав бо пйесаи «Дохунда» боз шуд. Бахтулҷамоли 17-сола шоҳиди ин чорабинии муҳимми фарҳангӣ гардид, аммо ҳанӯз дарк накарда буд, ки ҳаёти минбаъдааш бо театр сахт алоқаманд мешавад. Албатта, санъат барояш чизи нав набуд. Ҳанӯз айёми таҳсил дар мактаби ҳафтсола (солҳои 1926-1932), Техникуми педагогии шаҳри Хоруғ (солҳои 1933- 1936), фаъолияти муаллимӣ дар мактаби миёнаи ба номи С. М.

Кирови шаҳри Хоруғ (солҳои 1937-1938) аъзои кружоки ҳаваскорони санъат буд ва чун раққос дар байни ҳамкоронаш маъруфият дошт. Ҳунари худодаш аз назари роҳбарияти театр дар канор намонд.

Дар Театри мусиқӣ –драмавии шаҳри Хоруғ солҳои 1940-ум аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ актёру режиссёр, оҳангсозон, мутрибон, сарояндагон ва раққосони ҷавон ба кор ҷалб шуда буданд. Масалан, дар паҳлуи бунёдгузорони санъати Бадахшон Қурбоншо Ноибшоев, Ғуломҳайдар Ғуломалиев, Наврӯзшоҳ Қурбонҳусейнов, Мамадназар Отамов, Қосим Шотемуров, инчунин насли нисбатан ҷавон Меҳрубон Назаров, Алиназар Хоҷаев, Бахтулҷамол Карамхудоев, Савсан Бандишоева, Бибиҷон Шоҷонова, Гулбаҳор Азимхонова, Файз Ҷорӯбов, Дилафрӯз Бекова, Суратмоҳ Нурмамадова, Бобилоҷвар Шонаврӯзова, Одина Ошурмамадов, Гулғунча Қадамшоева, Мавлоназар Шакаринов, Нусайрӣ Одинаев, Гулаёз Наврӯзбеков, Муборакшо Гуленов, Суратмо Давлатова, Хинзо Ёқубова ба кору фаъолияти эҷодӣ пардохтанд.

Бо оғоз ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр эҷодкорон – режиссёрон, актёрон, рассомон, драматургон, оҳангсозону мусиқишиносон, хореографу балетмейстерон аз шаҳрҳои Москва Ленинград ва РСС Украина ба ҷумҳуриҳои нисбатан ороми Осиёи Миёна кӯчонида шуданд. Ба бахти санъаткорони театри навтаъсиси шаҳри Хоруғ режиссёрон Виталий Смирнов, бародарон Матвей ва Иля Дубровинҳо, балетмейстери Театри калони СССР Александр Иванович Протсенко, оҳангсозон ва хормейстерҳо И. И. Рогалский, Л. Панова, Б. Ботов, З. Трохина, рассом Мария Беспалко ва дигарон аз РСС Украина ба шаҳри Хоруғ фиристонида шуданд. Ин ходимони маъруфи санъат дар инкишофи санъати театрӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос хизматҳои шоёне ба анҷом расонидаанд. Масалан, бародарон Матвей ва Иля Дубровин дар баробари ба саҳна гузоштани асарҳои классикони ҷаҳонӣ ва советӣ дар назди театр студияи актёрӣ ва режиссёрӣ ташкил карда, ҷавонони маҳаллиро тарбия мекарданд. Меҳрубон Назаров, Бахтулҷамол Карамхудоев ва Алиназар Хоҷаев ин студияро хатм карда, баъдҳо ба кори режиссёрӣ машғул шуданд.

**Фаъолият дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ**

Дар солҳои вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳайати эҷодии Театри Хоруғ драмаву пйесаҳои ватандӯстона ва зидди фашистони истилогар ба монанди «Гестапо»-и Билл –Белосерковский, «Розия»-и Е. Якубжанов ва Н. Зелеранский ва «Хоби Гитлер»-и Леонид Ленчро ба тамошобинон нишон медоданд. Бахтулҷамоли ҷавон дар ин намоишҳо нақшҳои сарҳадбон – разведчик Чугуев, бригадир Саломбобо ва нақши Адолф Гитлерро офарида буд. Махсусан, нақши саркардаи фашистони немис Гитлер аз пйесаи «Хоби Гитлер»-и Л. Ленч дар иҷрои

актёри ҷавон хеле диққатҷалбкунанда баромада буд. Шахсияти Гитлер барои тамошобинон маълум буд: як симои дағал, худхоҳ, табиатан девонамиҷоз. Ин сифатҳои Гитлерро Б. Карамхудоев тавре дар саҳнаи театр офарид, ки нафрати тамошобинонро овард. Қаҳрамонаш аз зарбаҳои пайдарпай дар фронтҳои ҷанг сахт шикаст хурда, ноумеду пушаймон аст, аммо…

Ё нақши сарҳадбон Чугуев аз драмаи «Гестапо»-и Билл – Белосерковский, ки дар разведкаи гестапои фашистон кору хизмат мекунад, нафрати тамошобинро, нафрати халқи советиро нисбати беадолатӣ, золимӣ ва берaҳмии фашистон дар солҳои ҷанг (1941- 1945) нишон медиҳад.

Шояд тамошобинони он айём дар хотир дошта бошанд, ки бригадир Саломбобо ба мушкилиҳои айёми ҷанг нигоҳ накарда, дар ақибгоҳ бо аъзои бригадааш диловарона меҳнат мекунад ва онҳоро ба умеди ғалаба ва гулгулшукуфии зиндагии ояндаашон ҳидоят мекунад. Ин се асари саҳнавӣ дар он солҳои тақдирсоз ба ҷавонон чунон таъсири сахт расонд, ки онҳо ба комиссариатҳои ҳарбӣ рафта, ариза менавиштанд ва ихтиёрӣ ба ҳимояи Ватан мерафтанд. Умуман, дар солҳои ҷанг репертуари театрро драма, спектакл ва пйесаҳои «Розия»-и Е. Якубжанов ва Н. Зелеранский, «Арӯси панҷсӯма»-и М. Урдубодӣ, «Макр ва муҳаббат»-и Ф. Шиллер, «Хизматгори ду хоҷа»- и К. Голдони, «Табиби зӯракӣ»-и Ж. Б. Молйер, «Майсара»-и Ҳ. Ҳ. Ниёзӣ, «Оршин-мололон»-и У. Ҳоҷибеков ва дигар асарҳои саҳнавӣ дар бар мегирифтанд. Чунин асарҳои саҳнавӣ рӯҳияи мардуми деҳотро дучанд баланд мебардошт ва онҳо бо умеди ғалаба садоқатмандона дар ақибгоҳ меҳнат мекарданд.

Актёри ҷавон Бахтулҷамол Карамхудоев дар аксарияти ин спектаклу драмаҳо нақшҳои асосӣ ё яке аз нақшҳои хотирмонро бозӣ мекард. Вале афсӯс, ки истеъдоди фавқулодаи ӯро танҳо тамошобинони шаҳру навоҳии ВМКБ медиданду халос. Ба ҳамаи ин монеаҳо нигоҳ накарда, актёри ҷавон ҳунару маҳораташро дар санъати рақс ва режиссура низ месанҷид. Аз устодони касбӣ режиссёрон Матвей ва Иля Дубровинҳо, Виталий Смирнов, устоди рақс Александр Иванович Протсенко, ҳофиз ва оҳангсоз Наврӯзшоҳ Қурбонҳусейнов, балетмейстери бомаҳорати театр Мамадназар Отамов ва дигарон ҳунари рақс ва режиссёриро меомӯхт.

Соли 1946 Намоиши рӯзҳои санъати Помир дар шаҳри Сталинобод гузаронида шуд. Театри Хоруғ дар баробари барномаи рангин ва мазмунан бойи консертӣ, инчунин се спектакл – «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар, «Гунаҳкорони бегуноҳ»-и А. Н. Островский ва «Домоди сохта»-и М. Волпин ва Н. Эрдманро дар таҳияи режиссёр М. И. Дубровин ба тамошобинони пойтахт пешниҳод кард.

Беҳтарин актёрони театр дар шоҳасари классикаи рус «Гунаҳкорони бегуноҳ»-и А. Н. Островский дар нақшҳои Кручинина С. – Бандишоева, Незнамов – А. Хоҷаев, Шмага – Б. Карамхудоев, Муров – М. Назаров, Коринка – Н. Шомансурова, Дудукин – Н. Гулмамадов, Виловзоров – М. Атамов, Иван – М. Гуленов, Галчиха – С. Шоисмоилова, Шеловина – Г. Азимхонова баромад карданд.

Бахтулҷамол Карамхудоев ба ғайр аз нақши Шмага аз «Гунаҳкорони бегуноҳ», инчунин бо нақши Султонбек аз драмаи «Қишлоқи тиллоӣ» ҳунарашро нишон дод. Ба тамошобинон ҳарду нақш – Шмага ва Султонбек дар иҷрои артист Б. Карамхудоев хеле писанд омад. Аз хусуси комёбиҳои театр ва шахсан актёрон рӯзномаву маҷаллаҳо тақризу мақолаҳо ба табъ расониданд. Баъди ҷамъбасти Намоиши даҳрӯзаи санъати Помир дар шаҳри Сталинобод дар қатори дигар мукофотгирандагон ба се нафар – Меҳрубон Назаров, Алиназар Хоҷаев ва Бахтулҷамол Карамхудоев унвони Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон дода шуд.

Бахтулҷамол Карамхудоев нақшҳои зиёди асосӣ ва дуюмдараҷа офаридааст. Вале чун сухан аз эҷодиёташ равад, пеш аз ҳама, нақшҳои Султонбек аз «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар ва Шмага аз «Гунаҳкорони бегуноҳ»-и А. Н. Островский дар таҳияи режиссёр М. Дубровин ва нақши Владимир Илич Ленин аз спектаклҳои «Сарбозони Инқилоб» ва «Ҳуррият»-и Ғ. Абдуллоҳ, «Корвони бахт»-и М. Миршакар мавриди таҳлил ва гуфтугӯйи мухлисону мунаққидони театрӣ қарор мегирад.

**Б. Карамхудоев дар нақши В. И. Ленин**

Соли 1970 тамоми халқи Советӣ ба 100-солагии «доҳии пролетариати ҷаҳон» В.И. Ленин тайёрӣ медиданд. Театри шаҳри Хоруғ низ ба ин сана дастовези хуб пешниҳод кард. Ҳайати эҷодии театр бори нахуст ба образи Ленин дар саҳнаи театр мурожиат кард. Режиссёр дар интихоби актёрон, бахусус нақши асосӣ Владимир Илич хато накард. Бахтулҷамол Карамхудоев зоҳиран ба доҳӣ монанд буд. Каме пардози театрӣ ва Ленини тайёр. Вале Ленинро ботинан офаридан ба актёр мушкил буд. Пеш аз оғози корҳои наҷиб ӯро ба Курси олии дусолаи режиссёрии шаҳри Москва фиристониданд. Дар ин муддат Бахтулҷамол Карамхудоев аз педагогҳои барҷастаи санъати театрӣ Борис Смирнов, Алексей Грибов ва Алексей Попов на танҳо чӣ тавр бозӣ кардани нақши Ленин, балки маҳорати актёрӣ, ҳаракат дар саҳна, мимика, тарзи гуфтор, характер ва хислатҳои алоҳидаи қаҳрамони ояндаашро то андозае омӯхт [4].

Устодони москвагиаш ҳидоят карданд, ки Музейи В. И. Ленин дар Майдони Сурх ва Музейи револютсияи Октябрро низ тамошо кунад. Махсусан, ба асбобҳои корӣ, либосҳои муқаррарии Ленин диққат

диҳад. Филмҳои бадеии «Ленин дар Октябр», «Ленин дар соли 1918», «Одами милтиқдор», «Соати бурҷи Кремл», «Дафтари кабуд», «Қалби модар», «Оилаи Уляновҳо» ва «Ленин дар Полша»-ро якчанд маротиба тамошо кард. Ду маротиба Мавзолейи В. И. Ленинро зиёрат намуд.

Ниҳоят, бо як кӯлбори пур аз таассурот ва ҳунар ба шаҳри Душанбе баргашт. Бо ҳидояти устод Меҳрубон Назаров чанд муддат дар Театри Лоҳутӣ аз иҷрокунандаи аввалин нақши В. И. Ленин дар саҳнаи тоҷик Аслӣ Бурҳонов маслиҳату машварат гирифт.

Он солҳо дар репертуари Театри Лоҳутӣ драма ва спектаклҳои «Одами милтиқдор» ва «Соати бурҷи Кремл»-и Н. Погодин (солҳои 1948 ва 1960), «Соли 1919-и фаромӯшнашаванда»-и В. Вишневский (1951), «Туфон»-и Ғ. Абдуллоҳ ва Ш. Қиёмов (1957), «Ҳуррият» ва «Сарбозони инқилоб»-и Ғ. Абдуллоҳ (1964 ва 1970) ва «Корвони бахт»-и М. Миршакар (1970) дохил буданд ва солҳои сол намоиш дода мешуданд. Бахтулҷамол борҳо ин драма ва спектаклҳоро тамошо кардааст ва аз бозии беҳамтои Ленин дар иҷрои устод Аслӣ Бурҳонов ангушти ҳайрат ба лаб бурда, қарсак задааст.

Соли 1970 тамошобинони шаҳру навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баъди сокинони шаҳри Душанбе дар ҷумҳурӣ аввалин шуда, симои муаззами Владимир Илич Ленинро дар иҷрои артист Бахтулҷамол Карамхудоев тамошо карданд. Ҳар даъфае, ки Ленин дар саҳна намудор мешуд, тамошобинон аз ҷой хеста кафкӯбӣ мекарданд. Кафкӯбиҳои бардавоми тамошобин баҳои баландтарине буд ба бозии ӯ.

Саҳнаи Театри шаҳри Хоруғро минбаъд драмаву спектаклҳои «Ҳуррият», «Сарбозони инқилоб», «Корвони бахт», «Байрақи мактаб», «Соати бурҷи Кремл» солҳои сол зеб медоданд.

Бахтулҷамол Карамхудоев баъдҳо нақши Ленинро дар композитсия ва монтажҳои адабӣ-бадеӣ ва мусиқии «Зиндаи ҷовид», «Фарзанди Октябр», «Шуълаи озодӣ», «Тафовути роҳ» ва ғайраҳо иҷро кард. Ӯ чун актёр ва режиссёри серталаб нақши Ленинро аз як спектакл то дигар ё дар композитсияҳои адабӣ-бадеӣ такмил медод. «Хотираҳо дар бораи В. И. Ленин»-ро хонда, хислатҳои аҷиб ва фарққунандаи ӯро пайдо мекард ва ҳангоми нақшофарӣ истифода мебурд.

Сокинони шаҳри Хоруғ нағз дар хотир доранд, ки дар намоиш – парадҳои идона бахшида ба солгарди 7-уми ноябр ва 1-уми май Ленини Бахтулҷамол Кармхудоев ҳамроҳи мардум дар болои мошин, дар пеш, кепкаашро сахт мефишурд ва «Ба пеш, ба сӯи қуллаҳои нави коммунизм» гуфта, иштирокчиёни намоишро рӯҳбаланд мекард.

Бахтулҷамол Карамхудоев аз он ифтихор мекард, ки дар қатори маъруфтарин актёрҳои театри тоҷик Артистони халқии СССР Аслӣ Бурҳонов ва Николай Николаевич Волчков сеюмин ҳунарпешаи те-

атрист, ки симои ҷовидонаи Ленинро дар саҳнаи Театри Хоруғ офаридааст.

Эҷодиёти актёр Карамхудоевро метавон ба якчанд давра ҷудо кард. Якум актёр офарандаи нақшҳои лирикӣ-мусиқӣ –мазҳакавӣ, дуюм офарандаи симои доҳӣ В. И. Ленин дар Театри Боми Ҷаҳон, сеюм Бахтулҷамол Карамхудоев саррежиссёри театр ва ниҳоят раққос –балетмейстер, ба саҳнагузорандаи рақсҳо. Метавон дар сифати ҳар кадоме таҳқиқот бурд ва мақолаи алоҳидае навишт. Ин ҷо дар бораи ҳар кадоме мухтасар маълумот хоҳем дод.

Бахтулҷамол Карамхудоев чун актёр қариб, ки дар 50 спектаклу пйеса ва драма нақшҳои асосӣ ва намоёнро бозӣ кардааст. Инҳо: Султонбек аз «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар, режиссёрон М. Дубровин ва Б. Карамхудоев, Сганареля аз «Табиби зӯракӣ»-и Ж. Б. Молйёр, режиссёр В. Смирнов, Палатоне аз «Хизматгори ду хоҷа»-и К. Голдони, сарҳадчӣ Чугуев аз «Гестапо», Муллорӯзӣ аз «Майсара»-и Ҳ. Ҳ. Ниёзӣ, бобои Заррагул аз «Заррагул»-и М. Волпин ва Н. Эрдман, режиссёр М. Назаров, Миллер аз «Макр ва муҳаббат»-и Ф. Шиллер, Сулаймон аз «Оршин-мололон»-и У. Ҳоҷибеков, Скапен аз «Найрангҳои Скапен»-и Ж. Б. Молйер, бригадир Салимбобо аз «Розия»-и Е.Акубжанов ва Н. Зелеранский, Саттор аз «Арӯси панҷсӯма»-и М. Урдубодӣ, режиссёр М. Дубровин, Гитлер аз «Хоби Гитлер»-и Л. Ленч, Раҳмат аз «Достони Ҳофиз»-и Ф.Тошмуҳаммадов, Хушвахт аз «Тошбек ва Гулқурбон»-и М. Миршакар, режиссёр М. Назаров, Карандишев аз «Духтари бебисот»-и А. Н. Островский, режиссёр Ф. Тошмуҳаммадов, роҳбари ячейкаи ҳизби коргарии Корея аз «Дар ҷануби хаттии 38»-и Тхай Дян Чуна, Кочкарёв аз «Хонадоршавӣ»-и Н. В. Гогол, режиссёр Ф. Тошмуҳаммадов, Шмага аз «Гунаҳкорони бегуноҳ»-и А. Н. Островский, режиссёр М. И. Дубровин, полковники немис аз «Мо аз Боми Ҷаҳон»-и Ғ. Абдуллоҳ, Сурхак аз «Муаллими ишқ»-и М. Миршакар, режиссёр М. Назаров, Сӯфӣ аз «Чанори гӯё»-и Б. Раҳимзода ва С. Саидмуродов, режиссёр Т. Собиров, Холназар аз «Дил-дили Зайнаб»-и Ш. Қиёмов ва А. Мороз, режиссёр Н. Гулмамадов, Бахтиёр аз «Нисо»-и В. А. Виталев, режиссёр А. Раҳмонқулов ва дигар нақшҳо мебошанд.

Ҳунари актёрӣ, режиссёрӣ ва раққосии Артисти халқии РСС Тоҷикистон Бахтулҷамол Карамхудоев ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи санъатшиносон ва театршиносон қарор дошт. Театршиноси маъруф, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Низом Нурҷонов дар сифати нақши иҷрокардааш дар мазҳакаи мусиқии «Заррагул»-и М. Волпин ва Н. Эрдман, таҳияи режиссёр М. Назаров навиштааст: «Дар нақши бобои ҳақиқии Заррагул – мӯйсафеди чашмгурусна Б. Карамхудоев баромад кардааст. Барои омӯхтани характери ин қаҳрамон ак-

тёр аз мушоҳидаҳои шахсӣ нисбати яке аз шиносҳояш–мӯйсафеди мумсик, истифода бурдааст» [3, с. 239].

**Ҳунари режиссёрии Б. Карамхудоев**

Артисти халқии РСС Тоҷикистон Бахтулҷамол Карамхудоев пас аз хатми студия солҳои 1944-1961 маҳораташро дар режиссура низ санҷидааст. Дар баробари таҳияи асарҳои хубу баландмазмуни саҳнавӣ ӯ ба тарбияи шогирдон ҳам машғул шуд ва ба якчанд ҷавонони санъаткор сабақҳои нахустини санъати театриро омӯзондааст. Артистони халқии РСС Тоҷикистон Гурминҷ Завқибеков, Мирзо Мамадазизов, Мусофиршо Маликов ва дигарон аз ҷумлаи шогирдони аввалини Бахтулҷамол Карамхудоев дониста мешаванд.

Яке аз шогирдони номдораш, Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон Савсан Бандишоева он солҳои фаромӯшнашавандаро ба хотир оварда навиштааст:

«…Соли 1946 дар ҳаёти ман хушбахтии калон ба вуқӯъ пайваст. Бори нахуст дар офаридани нақши марказӣ қувваозмоӣ кардам. Ҳангоме, ки коллективи эҷодии театри мо драмаи «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакарро ба саҳна гузошт, режиссёри театр Бахтулҷамол Карамхудоев дар фикри он буд, ки нақши муҳимтарин, нақши духтари дар гирдоби маъюсӣ афтода –Гулбаҳорро ба кӣ супорад. Вақте ки Б. Карамхудоев маро ба наздаш хонду офаридани ин нақшро тавсия намуд, дақиқае ба андеша фурӯ рафтам. Фикр мекардам, ки оё аз иҷрои ин супориши муҳим баромада метавонам ё не?

Илова бар ин, драмаи мазкур дар Намоиши рӯзҳои санъати Помир дар Душанбе, ки тирамоҳи соли 1946 бояд баргузор мегардид, нишон дода мешуд. Аз ин сабаб, офаридани ҳар як нақши драма ба зиммаи ҳунарпешагони беҳтарини театр гузошта шуда буд.

Ҳамин тавр, ман барои офаридани нақши Гулбаҳор амал кардам, бо ёрию ҳамкории режиссёри драма Бахтулҷамол Карамхудоев пайваста машқ мекардам. Истеъдоди худро сайқал медодам. Характери қаҳрамонамро меомӯхтам. Кӯшиши ман барабас нарафт.

…Вақте ки ба шаҳри Сталинобод омада, дар саҳнаи театри республикавӣ драмаи «Қишлоқи тиллоӣ»-ро намоиш додем, ҳунарнамоии ман дар нақши Гулбаҳор ба тамошобинон маъқул омад. Ман симои ин духтари бенаворо бо самимияту муҳаббати бузург офаридам» [1].

Маҳорат ва малакаи режиссёрии Карамхудоев дар муддати кутоҳ маълум гардид. Асарҳои ба саҳна гузоштааш аз тарафи тамошобинон ва мунаққидони театрӣ ҳамеша баҳои баланд мегирифтанд. Минбаъд, чун эҷодкори ботаҷриба дар наздаш вазифа ва нақшаҳои ҷиддитар мегузоштанд. Барои ӯ чун як санъаткори аллакай ба камол ва мартаба расида ҳамааш ҳеҷ буд. Зеро ин устоди саҳна касбашро, театрашро хеле дӯст медошт ва онро хонаи дуюмаш меҳисобид.

Бахтулҷамол Карамхудоев солҳои 1961-1974 сарежиссёри Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Хоруғ буд. Дар ин давра, яъне 13-соле, ки ин масъулияти ҷиддиро ба зиммааш гузоштанд, дар саҳнаи театр зиёда аз 50 асарҳои беҳтарини классикони ҷаҳонӣ, советӣ ва тоҷик гузошта шуданд. «Духтари беҷиҳоз» А. Н. Островский, «Хонадоршавӣ»-и Н. В. Гогол, «Тошбек ва Гулқурбон»-и М. Миршакар, «Меҳмони махфӣ»-и Ш. Қиёмов, «Кӯҳнапараст»-и Ф. Тошмуҳаммадов, «Шуълаи озодӣ»-и Ё. Ашӯрмамадов, «Сирҳои дил»-и Раҳмонов, «Камбағалӣ айб нест»-и А. Н. Островский, «Хизматгори ду хоҷа»-и К. Голдони ва дигар драматургон аз ҳамин номгӯй буданд.

Репертуари театрро асарҳои ҷумҳуриҳои бародар ба монанди «Номуси оила»-и Ҳ. Мухторов (Туркманистон), «Оршин-мололан»-и У. Ҳоҷибеков (Озарбойҷон), «Дуэл»-и Мар Баяҷиев (Туркманистон), «Сирҳои дил» (Ӯзбекистон), «Бемори 199»-и Арутунян (Арманистон), «Ман, модаркалонам, Илико ва Илларион»-и Н. Думбадзе (Гурҷистон) боз ҳам тамошобобу рангинтар мекарданд.

Ин буд, ки номашро чун режиссёри сермаҳсул ва ботаҷриба дар қатори саррежиссёрони Театри Хоруғ дар давраҳои гуногун Шариф Бақоев, Виталий Смирнов, Матвей ва Иля Дубровинҳо, Меҳрубон Назаров, Феликс Тошмуҳаммадов, Назаршо Гулмамадов, Алиризо Раҳмонқулов, Қадамшоҳ Халилов ва дигарон ёдрас мешаванд.

**Маҳорати раққосии Б. Карамхудоев**

Артисти халқии РСС Тоҷикистон Бахтулҷамол Карамхудоевро дар Бадахшон ба ҷуз аз ҳунари актёрӣ ва режиссёрӣ боз чун раққоси бомаҳорат ва ба саҳнагузорандаи рақсҳо хуб мешинохтанд. Агар ӯ дар 20 соли актёрӣ (1941-1961) дар саҳнаи театр зиёда аз 50 образҳои ҷолибу хотирмон офарида бошад, пас чун балетмейстер беш аз чил рақсҳои тоҷикӣ ва дигар халқҳои Иттифоқи Советиро дар саҳна гузоштааст. Худ низ рақсҳои машҳури помирӣ – «Калтакбозӣ», «Уқоббозӣ», «Рақс бо шамшер», «Рақси аспак», «Рақси помирӣ», «Чӯпонӣ», «Киш-киш» ва дигар рақсҳоро хеле устокорона ва дилангез иҷро мекард.

Доктори илми санъатшиносӣ, профессор Низом Нурҷонов дар бораи актёри гуногунхарактер ва раққоси боистеъдод буднаш чунин навишта буд: «Артистони шинохтаи театр С. Бандишоева, Б. Карамхудоев, Б. Алифбекова, С. Шоисмоилова, Г. Азимхонова бо ҳисоботи эҷодӣ баромад мекунанд.

Дар консертҳо ва шабҳои эҷодӣ артистон суруд мехонанд, рақс мекунанд ва аз нақшҳои дӯстдоштаашон порчаҳо иҷро мекунанд.

Бахтулҷамол Карамхудоев актёри барҷастаи нақшҳои мазҳакавӣ ва характернок….дар байни халқ боз чун раққос, иҷрокунандаи моҳири рақс бо калтак ва дигар рақсҳои помирӣ машҳур аст» [3, с.240].

**Мукофоти амал**

Бахтулҷамол Карамхудоев иштирокчии фаъоли Даҳаи санъати халқи тоҷик дар шаҳри Москва соли 1941 ва Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар шаҳри Москва соли 1957 мебошад. Баъди хатми даҳа, соли 1957, дар қатори дигар иштирокчиёни фаъол ӯ бо ордени «Байрақи сурхи меҳнат» мукофотонида шудааст.

Барои саҳми беандозааш дар инкишофи санъати касбии тоҷик ҳанӯз соли 1946 бо унвонҳои Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон ва Артисти халқии РСС Тоҷикистон (1962), медалҳои «Барои меҳнати шоён дар Ҷанги Бузурги Ватании 1941-1945» (1945), «Барои меҳнати шоиста. «Ба муносибати 100-солагии зодрӯзи В.И.Ленин» (1970), «Ветерани меҳнат» (1986), Грамотаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (1965), орденҳои «Нишони фахрӣ» (1950), «Байрақи сурхи меҳнат» (1957) сарфароз гардонида шудааст.

Номи Артисти халқии РСС Тоҷикистон Бахтулҷамол Карамхудоев дар қатори актёрони машҳури театру кино дар донишномаи бузурги «Большая Советская Энциклопедия» (ТА) омадааст:

«Дар Театрҳои Тоҷикистон актёрони дорои салиқаи ба худ хос, аз лиҳози эҷодӣ  фаръӣ, вале соҳиби услуби ягонаи нақшофарӣ ҳунарнамоӣ мекунанд.

Дар байни устодони санъати театрӣ (1975): артистони халқии СССР А. Бурҳонов, Н. Н. Волчков, Т. Фозилова, артистони халқии РСС Тоҷикистон Б. Алифбекова, М. Воҳидов, Т. Ғаффорова, М. Иброҳимова, Г. Завқибеков, Б. Карамхудоев….» [2, с.73].

**Фарҷом**

Бахтулҷамол Карамхудоев панҷоҳ соли умри пурбаракаташро (солҳои 1936-1986) барои инкишофи театри тоҷик ва тарбияи шогирдони сазовор сарф кардааст ва чун яке аз бунёдгузорони санъати касбӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистон шинохта мешавад.

Ин марди ҳунар 12 ноябри соли 1990 дар синни 71-солагӣ дар зодгоҳаш - шаҳри Хоруғ вафот кард. Аз байн қариб 30-сол гузашт, аммо номи неки ин санъаткори бузург аз хотирҳо зудуда намешавад. Дар маҳфилу ҷашнҳои фарҳангӣ шогирдонаш ҳатман номи некашро зикр мекунанд.

**Адабиёт**


1. Бандишоева С. Саҳифае аз китоби умр // Комсомоли Тоҷикистон.–1974. – 29 май.
2. Большая Советская Энциклопедия. – Москва: Советская энциклопедия, 1966. – С.73.
3. Нурджанов Н. Таджикский театр. – Москва: Искусство, 1968 – 260 с.
4. Шоҳхуморов Ш. Роҳ ба сӯи ситораҳо // Бадахшон. – 2005.– 13 феврал.

**Неккадамов Т.**

## РОЛЬ БАХТУЛДЖАМОЛА КАРАМХУДОЕВА В РАЗВИТИИ ТАДЖИКСКОГО ТЕАТРА

В статье речь идет о профессиональной деятельности Народного артиста Таджикской ССР Бахтулджамола Карамхудоева.

В статье говорится о первых шагах этого известного деятеля искусства, о его таланте, мастерстве и деятельности в связке с его заметной ролью в театральном искусстве и вкладе в повышение эстетизма и чувства любви к культуре среди молодого поколения и общества.

Также автор анализирует деятельность Музыкально-драматического театра города Хорог в связи с выступлением Б. Карамхудоева на сцене этого театра, положительно оценивая его актерские, режиссерские качества, а также танцорский талант.

В конце автор делает вывод, что Б. Карамхудоев внес в развитие таджикского театра заметный вклад.

**Ключевые слова**: театр, спектакль, пьеса, драма, сцена, зритель, режиссёр, актёр, танцор, композитор, роль, репертуар, музыка, талант.

**Nekqadamov T.**

## THE ROLE BAKHTULJAMOL KARAMKHUDOEV IN THE DEVELOPMENT OF THE TAJIK THEATER

This article is dedicated to the professional activity of people's artist of the Tajik SSR Bakhtuljamol Karamkhudoev. The article talks about the first steps of this famous artist, his talent, skill and activity in conjunction with his prominent role in the theatrical art and contribution to the increase of aestheticism and a sense of love for culture among the younger generation and society.

The author also analyzes the activities of the Theater of musical and drama of the Khorog city in connection with the performance of B. Karamkhudoev on the stage of this theater, positively assessing his acting, directing qualities, as well as dance talent. In the end the author concludes that B. Karamkhudoev contributed to the development of the Tajik theater a significant contribution.

**Keywords**: theatre, performance, play, drama, stage, spectator, director, actor, dancer, composer, role, repertoire, music, talent.

ТДУ 002+07+05+9тоҷик+659.127.4+655.4/5

**Муродов М.**

# БАЪЗЕ АНДЕШАҲО ДОИР БА ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ ВА ДУРНАМОИ ОН

*Тӯли се-чор соли охир дар ҳошияи Лоиҳаи илмии «Вазъ ва дурнамои матбуоти маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омӯзишҳои илмиву амалии зиёде сурат гирифтанд, ки дар самти муайян намудани тавсифи умумии нашрияҳои музофотӣ, таҳлилу баррасӣ ва нишон додани вазъ ва ҳолати имрӯзаи онҳо аз аҳамият холӣ нест.*

*Ин мақола як навъ ҳосили ин пажӯҳишҳо аст, ки дар заминаи сафарҳои илмӣ, мушоҳидаҳои инфиродӣ, пурсишҳои сотсиологӣ ва таҳлилу баррасиҳои адабиёти назарӣ ба анҷом расидааст. Омӯзиши шароиту имконоти корӣ ва лабораторияи ҳайати эҷодии идораи нашрияҳои даврии музофоти кишвар нишон дод, ки аксари ин типи нашрияҳо аз нигоҳи таърихӣ, ҷараёни фаъолият, вазъ ва ҳолат умумият доранд. Дар таъсис ва ташаккулу инкишофи онҳо омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳизбӣ таъсиргузор будааст, истиқлолияти давлатии Тоҷикистон барои таҳаввули ин типи матбуоти даврӣ заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овард.*

*Ҳоло дар ҷумҳурӣ 73 нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои маҳаллӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 18 нашрия ба вилояти Суғд, 29 нашрия ба вилояти Хатлон, 13 нашрия ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 9 нашрия ба ВМКБ ва 4 нашрия ба шаҳри Душанбе рост меоянд. Ба ғайр аз ин дар баъзе музофоти кишвар нашрияҳои соҳавию хусусӣ низ нашр мешаванд.*

*Бо ин вуҷуд фаъолияти нашрияҳои маҳаллӣ чандон мувофиқи матлаб набуда, вазъи нигаронкунанда доранд. Ба чунин вазъ гирифтор шудани ин типи матбуотро ба омилҳои гуногун: барҳам хӯрдани сохтори шӯравӣ ва сар задани нооромиҳо дар кишвар; корношоям гардидани дастгоҳҳои чопӣ, дар баъзе ноҳияҳо фурӯхта шудани чунин таҷҳизот; аз ҷониби мақомоти маҳаллии шаҳру ноҳияҳо барои чопи нашрияҳо ҷудо нагардидани маблағи кофӣ; сари вақт бо маош таъмин нашудани кормандон; ба кори нашрияҳо камтар ҷалб шудани рӯзноманигорони ҷавон, кам шудан таваҷҷуҳи мардуми маҳал ба нашрияҳои худӣ ва амсоли ин метавон нисбат дод.*

*Дар мақола ин ва дигар омилҳои мушкилзо дар такя ба вазъ ва ҳолати нашрияҳои алоҳида ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ ва хулосабарорӣ шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *масъала, вазъ, матбуоти маҳаллӣ, омилҳо, таҳлил, баррасӣ, пурсиши сотсиологӣ, мушоҳида, ташаккул, инкишоф, шароит.*

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тавлид ва ташаккулу инкишофи ҳар гуна зуҳурот ба омилҳои иҷтимоӣ, талаботи замон ва рӯҳияи мардум вобастагӣ доштааст. Аз ҷумла, пайдоиши матбуоти даврӣ низ ба ин омилҳо алоқамандӣ дорад. Матбуоти даврӣ умри беш аз 500-сола дорад, ки дар ин муддат навъу намудҳои гуногунро соҳиб гардидааст. Яке аз намудҳои матбуоти даврӣ матбуоти маҳаллӣ аст.

Ин типи матбуоти даврӣ дар кишвари мо баъд аз ташкили Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон, ки ба сохтори ҳудуди ҷуғрофию иҷтимоӣ асос гузошт, ба вуҷуд омад. Маҳз ин омил боис гардид, ки аз оғози даҳсолаи 1930 таваҷҷуҳ ба таъсиси ин типи матбуоти даврӣ бештар шавад. Дар ибтидои ин даҳсола ҳизб ва ҳукумати вақт тамоми ташкилотҳои ибтидоии худро вазифадор намуд, ки баҳри таъсис намудани нашрияҳои маҳаллӣ – шаҳриву ноҳиявӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти онҳо тадбирҳо андешанд. Дар роҳи иҷрои ин нишондод дар соҳаи матбуоти даврӣ як қатор қарорҳо, аз ҷумла «Дар бораи аз нав ташкил намудани шабакаи газетаҳо ба муносибати барҳам дода шудани округҳо» (11 августи 1930), «Дар бораи кори партиявӣ-оммавӣ дар ҳудуди фаъолияти МТС-ҳо» (16 октябри соли 1930), «Дар бораи кадрҳои коркунони газета» (11 ноябри соли 1930), «Дар бораи кори газетаҳои районҳои қишлоқӣ ва матбуоти поёнӣ» (18 январи соли 1931), «Дар бораи беҳтар намудани газетаҳои районӣ» (21 апрели соли 1931) қабул карда шуд.

Тавре дар «Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» омадааст: «Аввалин нашрияи маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар Чумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон «Ҳақиқати Суғд» аст, ки рӯзи сешанбеи 25 марти соли 1930 таҳти унвони «Роҳи колхозчӣ» таъсис ёфтааст. Баъдан нашрияҳои «Қизил нишон» (7 ноябри соли 1930, ноҳияи Нов, ҳоло Спитамен), «Садои Конибодом» (26 феврали соли 1931 бо номи «Болшевики Конибодом»), «Насими Исфара» (24 апрели соли 1932 бо номи «Коммунисти Исфара»), «Зарафшон» (моҳи майи соли 1932 таҳти унвони «Коммунисти Зарафшон») ва ғайра пайиҳам таъсис ёфтанд ва нашр гардиданд» [11, с. 4].

Дар марҳалаҳои инкишофи ҷомеаи шӯравӣ нашрияҳои маҳаллӣ тадриҷан инкишоф ёфта, фосилаи чопи онҳо дар ҳафта ба 5 рӯз (даҳсолаҳои 1970-1980) ва теъдоди нашрашон то 40 ҳазор нусха («Ҳақиқати Ленинобод», 1980) расид. Доманаи мавзӯоти ин намуди нашрияҳо васеъ гардида, аз ҳудуди маҳал берун шуд. Дар инъикоси мавзӯву масъалаҳои иҷтимоӣ аз имконоти жанрҳои гуногуни публитсистӣ истифода мешуд.

Дар ибтидои даҳсолаи 1990 танҳо дар вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) 12 рӯзномаи шаҳриву ноҳиявӣ нашр мешуд, ки муассисони нашрияҳо кумитаҳои ҳизби коммунистии маҳал ва шӯроҳои вакилони халқии шаҳру ноҳияҳо буданд. Ин рӯзномаҳо бо теъдоди аз 4 ҳазор то беш аз 17,5 ҳазор нусха ҳафтае се маротиба ба табъ мерасидаанд.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон барои рушди матбуоти даврӣ, аз ҷумла нашрияҳои маҳаллӣ заминаҳои ҳуқуқии фаъолиятро фароҳам овард. Қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳа, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи матбуоти даврӣ, дастрасӣ ба иттилоот, таъбу нашр, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии васоити ахбори омма, ташкил ва баргузор намудани нишастҳои матбуотӣ дар кору фаъолияти ВАО ва таъминоти он бо иттилоот мусоидат намуд.

Дар заминаи ин ва дигар омилҳо дар низоми матбуоти маҳаллии кишвар нашрияҳои нав таъсис ёфтанд, аксари нашрияҳо табдили ном карда, ба рӯҳияи замон ва талаботи давр мувофиқ

шуданд. Аз ҷумла, дар вилояти Суғд 16 декабри соли 1992 рӯзномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд – «Тирози ҷаҳон», 1 сентябри соли 1994 нашрияи «Чашмаи Шаҳристон», моҳи феврали соли 1997» Паёми Кӯҳистон», 21 марти соли 1998 «Соҳил», 20 июли соли 2002 «Паёми Бӯстон», сентябри соли 2011 «Навиди Истиқлол» нашр гардида ба майдони матбуоти музофот шомил гардиданд. Дар тӯли солҳои истиқлолият дар вилояти Хатлон рӯзномаҳои «Дӯстлик» (декабри соли 1991), «Нури Сарбанд» (6 ноябри соли 1997), «Бешкент» (1999) ва маҷаллаҳои «Мактаб» (2005), «Сафо» (2011), дар Бадахшон «Субҳи Помир» (1992), «Оинаи зиндагӣ (25 июни соли 1999) таъсис ёфта ба фаъолият шурӯъ карданд. Ҳамзамон дар ноҳияҳои навтаъсис, нашрияҳои қаблан аз фаъолият бозмонда барқарор карда шуданд.

Ин ва дигар нашрияҳо тадриҷан ташаккулу инкишоф ёфта, чун воситаҳои муҳимми иттилоотрасонӣ дар тарғибиву ташвиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷассуми набзи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ дар маҳаллоти кишвар кӯшиданд ва ба қадри имкон дар ин самт саҳим ҳам гардиданд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 73 нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимиятҳои маҳаллӣ мавҷуд аст, ки 18 нашрия ба вилояти Суғд, 29 нашрия ба вилояти Хатлон, 13 нашрия ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 9 нашрия ба ВМКБ ва 4 нашрия ба шаҳри Душанбе рост меояд. Ба ғайр аз ин дар музофоти кишвар нашрияҳои соҳавию хусусӣ ва амсоли ин низ нашр мегарданд. Масалан, танҳо дар вилояти Суғд дар маҷмӯъ 68 рӯзномаву маҷалла фаъолият мекунад.

Дар замони муосир бо вуҷуди бартарӣ пайдо кардани ВАО-и электронӣ, матбуоти даврӣ, аз ҷумла матбуоти маҳаллӣ чун як рукни муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа ҷиҳати таъмини иттилоъ, таҳлилу баррасии масъалаҳои муҳимми ҷомеа, таҳкими асолати милливу давлатдорӣ, баланд бардоштани сатҳи огаҳии мардум, ташаккули афкори оммавӣ ва умуман, таъмини фазои иттилоотии кишвар нақш дорад.

Бо ин вуҷуд омӯзиши масъала, шиносоии бевосита бо шароити кории нашрияҳои алоҳида, пурсишу суҳбатҳо бо сармуҳаррирон ва кормандони ин типи нашрияҳои даврӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти нашрияҳои маҳаллӣ чандон мувофиқи матлаб набуда, вазъи нигаронкунанда доранд. Ба чунин вазъ гирифтор шудани ин типи матбуот ба омилҳои гуногун вобаста аст.

Аввалан, бо барҳам хӯрдани сохти шӯравӣ ва сар задани носомониҳо дар кишвар раванди фаъолият дар матбуоти маҳаллӣ суст гардида, тадриҷан дар баъзе манотиқ ба ҳукми фаромӯшӣ рафт; баъдан, фаъолият накардани нашрияҳо боиси фарсуда ва корношоям гардидани дастгоҳҳои чопӣ, дар баъзе ноҳияҳо фурӯхта шудани чунин таҷҳизот ва ҳатто чопхонаҳо гардид; сеюм, аз ҷониби мақомоти маҳаллии шаҳру ноҳияҳо барои чопи нашрияҳо маблағи кофӣ ҷудо намешуд, дастрасии коғаз ва дигар асбоби чоп душвор гардид; чаҳорум, кормандон сари вақт бо маош таъмин намешуданд, ки сабаби аз кор рафтани муҳаррирон ва рӯзноманигорони соҳибтаҷриба гардид; панҷум бо сабаби ноором иҳо ва мушкилоти зиндагӣ таваҷҷуҳи мардуми маҳал ба нашрияҳои худӣ кам шуд. Ин ва амсоли ин омилҳо

дар даҳсолаи аввали истиқлолияти кишвар барои дар фазои иҷтимоӣ ва касбии муосир мавқеъ пайдо кардани ин типи нашрияҳо монеаҳо эҷод карданд.

Бо ин ва дигар далоил, ки дар заминаи пажӯҳишҳо ва мушоҳидаҳои илмии тавассути сафарҳои хидматӣ ҳосил шудаанд, метавон хулоса кард, ки матбуоти маҳаллӣ дар замони муосир натавонистааст он чуноне ки мебояд, таъйиноти худро ба ҷо орад. Ин таъйинот, пеш аз ҳама, ба роҳ мондани чопи мунтазам, қонеъ намудани талаботи иҷтимоӣ, хосса хонандагони воқеӣ ба иттилооти рӯз ва ба ин васила мусоидат намудан ба вусъати маънавии аудитория аст. Агар нашрия ба чунин талабот ҷавобгӯ шавад, он ба худ хонанда пайдо мекунад. Агар муштариёни нашрия зиёд гарданд, хараҷоти он то андозае пӯшонида мешавад.

Баъд аз ба эътидол омадани оромӣ дар кишвар ва пояҳои устувори иқтисодӣ гузоштан ба рушди он таваҷҷуҳ ба нашрияҳои маҳаллӣ нисбатан бештар шуда бошад ҳам, вазъ чандон хуб нашуд. Соли 2011 Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи як Лоиҳа аксари нашрияҳои ноҳиявиро бо компютер ва принтер таъмин намуд, ки андаке пеш бурдани кори нашрияҳоро мусоидат намуд. Баъдтар баъзе нашрияҳои даврӣ дар заминаи маблағҳои худӣ шароити техникиашонро нисбатан беҳтар намуда бошанд, бархи дигар бо ҳамон компютерҳо кор мекунанд.

Мушоҳидаву омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки нашрияҳои вилоятӣ ва шаҳрии вилоятҳо шароит кор ва имконоти чопашон чандон бад нест. Чунончи, К. Комилов навиштааст: «рӯзномаҳои шаҳрӣ бинобар беҳтар будани шароити иқтисодиву иҷтимоӣ дар шаҳр имконияти аз ҳисоби буҷети маҳал таъмин будан бо маблағро доранд, ки аз ин кафолати мунтазам ба табъ расидани онҳо таъмин мегардад» [1, с. 312 ]. Аз ин рӯ, ин нашрияҳо аз нигоҳи гуногунии мавзӯву мундариҷа ва дастрасӣ ба хонанда нисбат ба нашрияҳои ноҳиявӣ бартарӣ доранд. Масалан, дар шаҳри Хуҷанд 3 нашрияи вилоятӣ: «Ҳақиқати Суғд», «Согдийская правда», «Суғд ҳақиқатӣ» ва 8 нашрияи шаҳрӣ: «Тирози ҷаҳон»», Паёми Истаравшан», «Садои Конибодом», «Насими Исфара», «Зарафшон», «Соҳил», «Паёми Бӯстон» ва «Навиди Истиқлол» фаъолият мекунанд, ки аксарияташон аз чунин имконот бархӯрдор мебошанд.

Аз маълумоти пурсишномаҳо маълум гардид, ки сармуҳаррирони аксари ин нашрияҳо ҳамеша дар фикри боз ҳам пурзӯртар намудани мавқеи рӯзнома дар фазои иттилоотии вилоят ва шаҳру ноҳияи худ мебошанд. Онҳо аз усулҳои инноватсионии газетасозӣ, ҷалби хонанда ва ба даст овардани эътимоди мардум то ҳадди имкон истифода мекунанд. Масалан, нашрияҳои «Насими Исфара», «Садои Конибодом», «Паёми Спитамен» ва «Зарафшон» дар назди даромадгоҳи идораи худ, муассисаву корхонаҳои бузург, ҷойҳои серодам ва бозорҳо шиору овезаҳои тарғиботии рӯзномаҳоро мисли «Арзонтарин ва хонотарин», «Мубаллиғи ваҳдат», «Оинаи ҳақиқат», «Тозатарин хабар», «Ҳамқадами ҳаёт», «Гуфтугӯи ошкоро», «Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар Исфара», «Саҳнаи эҷод», «Адабиёт ва ҳунар», «Минбари афкори созанда», «Бозори эълонҳо», «Бозгӯи таърих» ва амсоли ин насб гардонидаанд, ки ҷиҳати ҷалби мардум ба

истифодаи минбари рӯзнома бетаъсир буда наметавонад. Ҳамчунин бархе аз ин нашрияҳо роҳи бо қувваи худ паҳн намудани рӯзномаашонро пайдо намудаанд.

Аз нашрияҳои шаҳрӣ, ба хусус нашрияҳои дар маркази вилоят фаъолиядошта вазъият ва шароити кориашон беҳтар аст. Масалан, дар шаҳри Хуҷанд Кохи матбуоти вилоят мавриди истифода қарор дорад, ки аз нигоҳи фазову шароит ва имконоти корӣ ҷавобгӯйи талаботи замон аст. Муҳаррирон лаёқати хуби сарварӣ доранд, пешрафти корро дар ҳавасмандгардонии кормандон бо мукофотпулӣ ва омӯзишҳову сафарҳои хидматии пурсамар медонанд. Онҳо баланд бардоштани сифати нашрияҳоро вазифаи аслии худ дониста, дар ҳамабастагии рақибона бо васоити ахбори оммаи гуногун роҳ усулҳои замонавии пешрафти корро ҷӯё мешаванд.

Тартиби кор дар ин рӯзномаҳо ба тарзи мухталиф ба роҳ гузошта шудааст. Кормандони эҷодии рӯзнома барои таҳияи шумораҳои навбатӣ дар баробари истифода аз неруи худӣ, ҳамчунин аз нигоштаҳои мухбирони ҷамоативу мактубҳои хонандагон ба таври васеъ истифода мебаранд. Ба таври мисол, нашрияи «Ҳақиқати Суғд» дар шашмоҳаи аввали соли 2016) аз хонандагони худ зиёда аз 900 мактуб гирифтааст. Мақомоти Ҳукумати вилоят ва маҳаллӣ муҳарриронро мувазафф намудааст, ки ба рӯҳияи иҷтимоии мундариҷаи нашрияҳо эътибори хос диҳанд, аз маводиби интиқодӣ васеъ истифода намоянд.

Суҳбату пурсишҳо нишон дод, ки асоси муваффақияти кор муносибати хуб бо ҳамкорон ва дастгирии эшон аст. Сарфи назар аз маоши паст кормандон аз муҳиту шароити корӣ шиква надоранд, зеро муҳаррирони нашрияҳо ва ҳамчунин роҳбарияти вилояту шаҳр то ҳадди имкон ба рӯзноманигорон ғамхориҳо зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, барои ҳавасмандии рӯзноманигорон ҳукумати вилоят бо қарори махсус ба рӯзноманигорони эҳтиёҷманд қитъаҳои замини наздиҳавлигиро ҷудо намудааст. Дар рӯ ба рӯи Кохи матбуоти вилоят дар масофаи ҳамагӣ чанд километр барои мухбирони вилоятӣ маҳаллаи матбуотчиён бунёд гардидааст. Бо дастгирии Ҳукумати вилоят «Ҳақиқати «Суғд» ҳафтае се маротиба ва «Тирози ҷаҳон» ҳафтае ду маротиба ба нашр мерасанд.

Як муваффақияти ин нашрияҳо боз дар он аст, ки онҳо новобаста аз таъйиноти расмиву мақомотиашон дар интихоб ва интишори мавод маҳдудият надоранд. Дар саҳифаҳои онҳо маводибе низ мавриди инъикос қарор мегирад, ки ҷанбаи маърифатиаш бештар аст. Барои эҷодкорон саҳифаҳои махсус ихтисос дода шудааст. Масалан, дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати суғд» гӯшаҳои «Сафинаи Сайҳун» «Меҳрпайванд», «Чаманоро», «Парастуи навбол», «Тозабаҳор», «Розу ниёзи мардум», «Минбари шумо» ва амсоли ин маъмул гардидааст, ки аз як тараф, рангорангии маводи, аз сӯйи дигар, ба завқу рағбати хонандаи гуногун мувофиқ будани мундариҷаи рӯзномаро нишон медиҳад. Маҷаллаи «Паёми Суғд» махз бо хусусияти фарҳангиву адабӣ дар миқёси вилоят ва берун аз он махбубият пайдо кардааст.

Дар маркази вилояти Хатлон шаҳри Бохтар 3 нашрияи вилоятӣ: «Хатлон», «Новый Хатлон», «Дӯстлик» ва нашрияи шаҳрии «Набзи Бохтар» фаъолият мекунанд.

Дар муқоиса бо нашрияҳои вилояти Суғд вазъ ва шароити корӣ дар ин нашрияҳо чандон хуб нест. Дар ин ҷо имконияти аз услҳои инноватсионӣ кор гирифтан камтар аст. Аммо шароит ва имонияти нашрияҳои вилоятӣ назар ба ҳолат ва фазои кории рӯзномаи шаҳрии «Набзи Бохтар» беҳтар аст. Тамоми нашрияҳои зикршуда айни замон ҳафтае як маротиба ба табъ мерасанд, ки дар муқоиса бо нашрияҳои ҳамтипи вилояти Суғд як ва баъзан ду маротиба камтар аст. Хатлон калонтарин вилояти ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад ва дар тӯли як ҳафта дар ин минтақа лак-лак воқеиёти иҷтимоӣ рух медиҳанду, масъалаҳои зиёд тақозои ҳаллу фаслро ба миён мегузоранд. Аз ин рӯ, дар як ҳафта як маротиба чоп шудани нашрияҳои вилоятӣ талаботи иҷтимоии рӯз ва рӯҳияи иттилоотиву маънавии хонандагонро қонеъ гардонида наметавонанд. Ин ва дигар ҳолатҳо тақозо менамояд, ки чопи нашрияҳои вилоятии ин минтақаи калонтарини кишвар ҳафтае ду-се маротиба ба роҳ монда шавад.

Аз 29 нашрияи ин вилоят «Кулябская правда», «Навиди Кӯлоб», «Нури Норак» ва «Нури Сарбанд» нашрияҳои шаҳрӣ буда, 22 нашрияи дигар мақоми ноҳиявӣ доранд. Новобаста аз он ки нашрияҳои шаҳру навоҳии ин вилоят аз мушкилот орӣ нестанд, онҳо фаъолият худро идома дода, ба қавле аз мавҷудияти худ дарак медиҳанд. Агар дар нашрияҳои вилояти Суғд мушкилот дар нисбатан якранг будани мундариҷаи нашрияҳои ноҳиявӣ, теъдоди нисбатан ками нашр ва фосилаи чоп алоқаманд бошад, дар нашрияҳои шаҳриву ноҳиявии вилояти Хатлон дар баробари ин қазияҳо набудани шароит ва имконоти чопи рӯзномаҳо ва пахши онҳо низ зам шудааст. Масалан, «Навиди Кӯлоб» бинои махсуси худро надорад. Он дар бинои Кумитаи омори минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иҷоранишин аст. Ду утоқи корие, ки ходимони нашрия фаъолият мекунанд, на он қадар шароити хуб доранд» [14, с.106 ].

Дар вилояти Суғд нашрияҳои маҳаллӣ аз 700 то 6250 нусха интишор гардида, ағлаб тавассути хизматрасонии “Почтаи тоҷик” дастраси муштариён мегарданд. Баъзе нашрияҳо роҳҳои алтернативии ба хонанда дастрас намудани шумораҳои худро низ ба нақша гирифтаанд.

Теъдоди чопи нашрияҳои Хатлон аз 500 то 8300 нусха буда, на ҳамаи нашрияҳо аз хизматрасонии “Почтаи тоҷик” истифода мекунанд. Баъзе рӯзномаҳо дар баробари он ки дар вақташ чоп намешаванд, сари вақт дастраси хонанда намегарданд.

Дар масъалаи саривақт ба муштариён расондани рӯзномаҳо нашрияҳои шаҳрӣ чандон проблема надоранд, зеро аксари хонандагони онҳо сокинони шаҳрҳо ва атрофи он мебошанд, ки дар сурати фаъолияти номунтазами Департаменти давлатии Почтаи Тоҷик муштариён барои дастрас намудани нашрия бевосита ба идораи он муроҷиат карда метавонанд. Нашрияҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ ин имконро надоранд ва саривақт ба муштариёни маҳалҳои дурдаст дастрас карда намешаванд.

Паҳлуи дигари мушкилоти нашрияҳои маҳаллӣ ба кори онҳо чандон дилгарм набудани ҷавонон аст. Аксари кормандони ин типи нашрияҳоро калонсолон ташкил медиҳанд. Ҷавононе, ки ба идораҳои нашрияҳо ба кор меоянд, ҳам аз нигоҳи савияи касбӣ, ҳам аз нигоҳи ҷаҳонбинӣ ва ҳам аз нигоҳи кор бо васоити техникии замонавӣ, истифодаи усулҳои инноватсионӣ чандон омода нестанд. Барои далел аксари кормандони рӯзномаи ӯзбекии «Дӯстлик» собиқадоронанд ва нашрия аз кадрҳои ҷавони журналистӣ, ки бо забони ӯзбекӣ эҷод карда тавонанд, танқисӣ мекашад.

Зимнан, рӯзноманигорони ботаҷриба ба сатҳу сифати мавод, риояи меъёрҳои касбӣ, услуби нигориш, қоидаҳои имлоии забон диққати ҷиддӣ медиҳанд, қонунмандиҳои интихоби мавод, коркард ва таҳияи онро хуб медонанд, психологияи хонадагонро ба осонӣ дарк мекунанд. Бо ин вуҷуд набудани рӯзноманигорони ҷавон ва ё кам ҷалб шудани онҳо ба кори нашрияҳои маҳаллӣ ба сар задани чанд мушкилоти боис гардида метавонад. Аввалан, анъанаи рӯзноманигорӣ, таҷрибаи босамари корӣ ва қонуниятҳои мактабҳои эҷодӣ идома ва инкишоф намеёбад; баъдан дар мундариҷа ва шаклу мазмуни рӯзномаҳо тағйироти сифатии ба талабот ва рӯҳияи замон созгор кам рух медиҳад ё тамоман ба вуҷуд намеояд; сониян, нашрияҳо аз омилҳои замонавии ҷалби хонанда, муассисаву ташкилотҳо, корхонаҳо, соҳибкорони инфиродӣ камтар истифода намуда, роҳҳои замонавии дарёфти маблағро камтар ҷӯё мешаванд. Ин ва амсоли ин омилҳо тақозо менамояд, ки ба ин масъала бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кард.

Вазъи касбии нашрияҳои маҳаллӣ тақозо менамояд, ки масъалаи ҷудо намудани квота барои таҳсил дар макотиби олии рӯзноманигорӣ ва ҷалби ҳатмии онҳо ба кори рӯзномаҳои маҳаллӣ мадди назари Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ва Вазорати маориф ва илми кишвар қарор дода шавад.

Як сабаби камтар ҷалб шудани рӯзноманигорони ҷавонон ба нашрияҳои маҳаллӣ сатҳи пасти маош аст. Ҳисоби миёнаи маоши кормандони аксари нашрияҳои ноҳиявӣ то 500 сомонӣ ва нашрияҳои шаҳрӣ зиёда аз 700 сомонӣ буда, ағлаби онҳо имконияти зиёд кардани маошро надоранд.

Маблағи обуна харҷи баъзе нашрияҳоро ба мушкилӣ пӯшонад ҳам, фоидаи ночиз мемонад. Масалан, тавре К. Комилов ҳисоб кардааст «дар рӯзномаи «Соҳил» маблағи обуна дар як сол то 70 ҳазор сомонӣ аст. Дар маҷмӯъ, ёрдампулӣ ва маблағи обуна 125 ҳазор сомонӣ буда, ба ҳар шумора 2 400 сомонӣ ва ба 4 шумора дар як моҳ қариб 9 600 сомонӣ рост меояд. Қариб 2000 сомонӣ аз ин маблағ барои чопи рӯзнома дар матбаа ва хизмати почта сарф гардида, аз маблағи монда ба 8 нафар кормандони эҷодӣ ва техникии нашрия маош дода мешавад. Ҳисоби миёнаи маош 500 сомонӣ аст» [1, с. 318 ].

Вазъияти нашрияҳои дигар низ чунин аст. Омӯзишҳои 2 сол қабл нишон дод, ки маблағи солонаи обунаи муштариёни «Набзи Қӯрғонтеппа» – 40-42 ҳазор сомонӣ буда, бо 56 - 60 ҳазор сомонӣ аз буҷаи ҳокимияти давлатии шаҳр ҷудо мегардад ва аз ҳисоби чопи эълонҳо 1 – 2 ҳазор сомонӣ фоида медидааст. Бо ин вуҷуд ин маблағ тамоми хароҷоти нашрияро пӯшонида наметавонад.

Нашрияҳои даврӣ наметавонанд нархи обунаро баланд бардоранд, зеро сатҳи зиндагии сокинони деҳот ба ин имкон намедиҳад. Онҳо мебояд роҳҳои дигарро ҷӯё шаванд.

Натиҷаи омӯзишҳои сотсиологии нашрияҳои маҳаллӣ нишон дод, ки вазъи матбуот дар музофот на он қадар хуб аст. Нашрияҳои даврӣ ҳанӯз ҳам бо сифати хеле паст ва ғайримунтазам интишор мешаванд, мундариҷаи онҳо чандон рангоранг нест, дар инъикоси мавзӯъҳо ва чопи нашрияҳо ҳанӯз қолабҳои кӯҳна корбаст мешаванд. Иллати дар чунин ҳолат қарор доштани матбуоти маҳаллӣ таъмин набудани нашрия ва нашриётҳо бо технологияи нави чопӣ, паст будани маоши кормандон, нарасидани кормандони тахассусӣ, алоқаи ноустувор бо аудитория ва монанди ин мебошад.

Дар шароити муосир рушди матбуоти даврӣ, аз ҷумла нашрияҳои маҳаллӣ бидуни истифодаи технологияи фановарӣ (инноватсионӣ) ғайриимкон аст. Хуб аст, ки бо таҷдиди иқтисодиву иҷтимоии соҳа нашрияҳои даврӣ ва муассисаҳои табъу нашр ба ин раванд тадриҷан ворид мешаванд ва аз авомили он баҳра мегиранд. Аммо ҷараёни ташкили чунин шароиту муҳит ва ворид шудан ба он дар маҳаллоти кишвар яксон набуда, ба тарзи мухталиф сурат мегирад.

Ташкили чунин шароит ба ду паҳлу иртибот дорад. Паҳлуи аввал идораҳои нашрияҳои даврӣ аст, ки дар он ҷо рӯзномаҳо таҳия мешаванд. Имрӯз бо шарофати рушди техника ва технологияи касбӣ, хосса барномаҳои компютерӣ шумораҳои рӯзномаҳо пурра дар идораи нашрияҳо саҳифабандӣ шуда ороиш меёбанд. Дар ин кор нақши тарроҳ бузург аст. Чи қадаре ки ӯ аз усулҳои компютерии газетасозӣ бохабар бошад, ҳамон қадар шаклу симои нашрия ҷолиб ва муассир мегардад. Паҳлуи дигар, матбаа аст, ки шакл ва усулҳои гуногуни чоп дорад. Аксари нашрияҳо дар ҳар ду ҷиҳати мушкилӣ доранд. Бо сабаби набудани саҳифабанди ҳирфаӣ ағлаби нашрияҳои ноҳиявӣ қолаби якхела доранд, дар онҳо шаклҳои замонавии дизайну ороиш камтар истифода мешавад. Ба қавли А. Қутбуддинов “Ороиши рӯзномаҳо рӯҳияи рӯзномаро камтар фаро мегиранд” [3, с. 99]. Ҳамзамон дар аксари ноҳияҳо имкони чопи рӯзнома вуҷуд надорад, зеро ё матбаа нест ва ё он фаъолият намекунад ва ё нархи чопи рӯзномаҳо нисбат ба матбааҳои шаҳри Душанбе гаронтар аст. Масалан, дар матбааи Хоруғ чопи як шумораи ноҳиявӣ, ки мутаносибан 750 нусха аст, нисбат ба матбааҳои шаҳри Душанбе то 200 сомон қиматтар мебошад. Аз ин рӯ, онҳо ҳавасманданд, ки нашрияашонро дар Душанбе чоп кунанд. Чунин ҳолат ба аксари нашрияҳои ноҳиявӣ хос аст. Ин аст, ки чопи нашрияҳои баъзе ноҳияҳо то ҳол мавсимӣ буда, ағлаб бо шарофати таҷлили ҷашну санаҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ ба табъ мерасанд.

Мушкилоти дигаре, ки имрӯз барои аксари нашрияҳои маҳаллӣ хос шудааст, кам гардидани эътимоди мардум аз нашрияҳо аст. Мардум бо нашрияҳо ҳамкорӣ намекунанд, ба ин минбар чандон бовар надоранд, нисбати он бетаваҷҷуҳанд. Ин мушкилот низ ба чанд омил алоқаманд аст. Агар аз як тараф, сатҳи пасти зиндагии мардум сабаби ин мушкилӣ бошад, аз тарафи дигар, дастраси ҳамагон будани воситаҳои дигар ахбори омма аст. Ҳамзамон ба завқи хонандагон,

хусусан ҷавонон мувофиқ набудани матолиби нашрияҳо боис ин мушкилӣ гардидааст.

Ҷойи баҳс нест, ки нашрияҳои ноҳиявӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳалҳоро инъикос мекунанд, аммо фикри хонандаро ҳам бояд кард. Рӯзномаи ноҳиявӣ оинаи маҳал аст. Он бояд дар баробари масъалаҳои иҷтимоӣ зиндагии мардум ва мушкилоти деҳотро низ фаро гирад. Тавассути барқарор ва маъмул гардонидани саҳифа ва ё гӯшаҳои махсус амсоли фарҳангу адаб, рушди маҳал ва ғайра мундариҷаи нашрияҳоро рангин бояд гардонид.

Дар Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардид. Дар ин замина мақомоти ҳокимиятҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар ҳошияи ин тадбир ҷоннок кардани кори рӯзномаҳои маҳаллӣ ва аз моҳномаву гоҳнома ба ҳафтавор табдил додани онҳоро низ ба нақшаҳои чорабиниҳои худ дохил кунанд. Нашрияҳои даврӣ вазифадор шаванд, ки ҷараёни амалишавии чорбиниҳои марбут ба рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумиро пайваста дар саҳифаҳои худ инъикос намоянд, ҳунарҳои мардумӣ ва ҳунармандони маҳалли худро тарғиб кунанд, бо чопи маводи таҳлилӣ дар ҳалли мушкилоти деҳот ва рушди он саҳм гузоранд.

## Адабиёт


1. Комилов, К. Вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ дар даврони истиқлол. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 328 с.
2. Қутбиддинов, А. Вазифаҳои дирӯзу имрӯзи матбуоти маҳаллӣ // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №1.– С. 268 -273.
3. Қутбиддинов, А. Нигоҳе ба фаъолияти ду нашрияи маҳаллӣ // Паёмномаи фарҳанг.–2018. – №3. – С. 87 - 99.
4. Маъмурзода, Н. Журналистикаи Хатлон: вазъият, тамоюл ва дурнамои рушд. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 205 с.
5. Муродов, М. Матбуоти маҳаллӣ дар шароити имрӯз // Илм ва ҳаёт, 2016. – №1. – С.1 - 4.
6. Муродов, М. Дар талоши фановарӣ // Паёмномаи фарҳанг, 2016. – №2 (34). – 88 - 95.
7. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуот.–Душанбе: Аржанг, 2017.– 220 с
8. Муродов, М., Қутбиддинов А. Таъйиноти дирӯз ва имрӯзи матбуоти маҳаллӣ // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №1 (37). – С. 55-64.
9. Муродов, М., Ғоибов, С. Аз ташаккул ва инкишофи нашрияҳои даврии водии Зарафшон.– Осор, ч.4.–Душанбе: Аржанг, 2017.– С. 206 – 261.
10. Муродов, М., Ғоибов С. «Паёми Кӯҳистон» ва мушкилоти интишори он // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №2 (38). – С. 20-25.
11. Муродов, М., Қутбиддинов, А., Ҷумъаев, М., Исоев, Қ. Маълумотномаи матбуоти маҳаллӣ. – Душанбе: Аржанг, 2018.–200 с.
12. Муродов, М., Қутбиддинов А. Баъзе омилҳои рушди матбуоти маҳаллӣ // Паёмномаи фарҳанг.–2018. – №1. – С. 29-38.

13. Ҷумъаев, М. Ҳамқадами Мирзочӯл // Паёмномаи фарҳанг. – 2017. – №2 (38). – С. 32-37.

14. Ҷумъаев, М. Чанд андеша перомуни нашрияи "Навиди Кӯлоб" // Паёмномаи фарҳанг. – 2018. – №4 (44). – С. 103 - 113.

**Муродов М.**

## НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ О СОВРЕМЕННОМ СОСТОЯНИИ МЕСТНОЙ ПЕЧАТИ И ЕЁ ПЕРСПЕКТИВАХ

За последние три-четыре года на основе научного Проекта «Состояние и перспективы местной периодической печати Республики Таджикистан»(2016 – 2020) исследователями было уделено большое внимание изучению проблемы современного состояния местной печати и опубликовано несколько аналитических статей. Данные публикации посвященные изучению общей характеристики районных газет и выявления их современного состояния имеют определенное значение.

Данная статья является результатом вышеупомянутого исследования и написана на основе исследовательской работы научной экспедиции, социологических опросов, индивидуальных наблюдений, анализа и рассмотрения теоретической литературы. Изучение условий, возможностей редакций и текущей работы творческих коллективов периодических изданий регионов показало, что большинство подобных типов изданий с точки зрения истории, процесса деятельности и состояния имеют общие черты. В их возникновении, формировании и развитии влияли политические, социальные и партийные факторы.

В данное время в республике зарегистрировано 73 периодических изданий Местных органов исполнительной власти. В том числе: 18 изданий в Согдийской области, 29 изданий в Хатлонской области,13 изданий в районах республиканского значения, 9 изданий в ГБАО и 4 издания в городе Душанбе. А также, в некоторых регионах страны издаются отраслевые и частные газеты и журналы.

Вместе с тем, отмечает автор, деятельность местной перодической печати не вполне совпадает с современными требованиями общества и выражает беспокойство по поводу его текущего состояния. В появлении данной ситуации влияли такие факторы как: распад СССР и последующее постсоветское развитие страны; разрушенние типографические аппарати в некоторых районов продование такие техники; со страни местной власти районов и городов не виделялось дастотачное сумми; не вовремя обеспечение заработной платы работников; мало привлечение молодых журналистов к работы издании; уменшение внимание местных насиление к своих издании и т.д.

В сатье автор подробно и аргументированно излагает основные факторы которые способствовали современному плачевному состоянию местной периодической печати Республики Таджикистан и предлагет свои рекомендации в положительном решении данной проблемы.

**Ключевые слова:** проблема, ситуация, местная периодическая печать, факторы, анализ, рассмотрение, социологический опрос, наблюдение, формирование, развитие, условия.

**Murodov M.**

## SOME THOUGHTS ON CURRENT STATE OF THE LOCAL PRESS AND ITS PERSPECTIVES

In the last 3-4 years, on the basis of research project "The contemporary situation and Prospects of the local periodical press of the Republic of Tajikistan" (2016–2020) were paid great attention to studying the problems of the local press and based on this study were published several publications. These publications in the field of defining the general characteristics of district newspapers and identifying their current state is of significant importance.

The article is the results of this research and it was formed on the basis of scientific fieldworks, sociological surveys, individual observation, analysis and consideration of theoretical literature. The study of the conditions, opportunities and laboratory work of the creative team of the periodic publication of the regions showed that most of these type of publication in terms of history, the process of activity and the state has common features. Their emergence, formation and development were influenced by political, social and political factors, the state independence of Tajikistan in the evolution of this type of periodicals created the legal basis.

At present, 73 editions of the local authorities are registered in the country. from this number 18 edition belong to Sughd region, 29 edition to the Khatlon region, the 13 edition to areas the subordination of the country, 9 edition to Badakhshan Autonomous Mountainous Region and 4 editions are in the city of Dushanbe. In addition, special and private newspapers and magazines are published in some regions of the country.

Despite of this activity, the local publication does not fully coincide with the current demand of the society and expresses concern. The emergence of such situation was under influence of such factors: the disintegration of the Soviet structure and the initiative concern in the country; inoperability of printing tools in some areas promowanie such techniques; pages with local authorities of districts and cities did not videsos dostatochnoe Sumi; not timely provide wage employees; not enough to attract young journalists to work in publishing; decrease the attention of the local population to their publication, etc.

In the article these and other factors of the problems on the basis of the situation and conditions of work of separate editions are analysed in detail and author comes to the concrete conclusions.

**Keywords:** local press, newspaper, journal, problem, situation, factors, analysis, consideration, sociological survey, development, conditions.

ТДУ 002+07+0тоҷик+655.4/5+03+65.012.124

**Ҷумъаев М.**

# ЧАШМАНДОЗЕ БА ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ НАШРИЯИ «КУЛЯБСКАЯ ПРАВДА»

*Дар мақола дар бораи нашрияи минтақавии ҷамъиятиву сиёсии «Кулябская правда» («Ҳақиқати Кӯлоб»)-и шаҳри Кӯлоб сухан меравад. Таъкид карда мешавад, ки таърихи матбуоти маҳаллии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз соли 1933 огоз ёфта, то ибтидои солҳои 40-уми асри ХХ дар ин минтақа як нашрияи вилоятӣ ва 8 рӯзномаи ноҳиявӣ вуҷуд дошт, ки ин барои таъсиси нашрияи русии «Кулябская правда» замина буд. Муаллифи мақола дар бораи таърихи таъсис ва роҳи тайкардаи нашрияи «Кулябская правда» («Ҳақиқати Кӯлоб»), бахусус давраҳои фаъолияти нашрия то замони истиқлолият сухан ронда, охири солҳои 70-ум ва солҳои 80-уми асри ХХ-ро давраи шукуфоии фаъолияти нашрия арзёбӣ менамояд. Дар ин давра нашрия ҳам бо теъдоди зиёд ба табъ мерасиду ҳам дар байни хонандагон маҳбубият дошт. Робитаи рӯзнома бо хонандагон хуб ба роҳ монда шуда буд, на танҳо проблемаҳои ҳаёти мардум дар саҳифаҳои он инъикос мегардиданд, балки барои ҳалли ин проблемаҳо чораҳои дахлдор андешида мешуд. Дар давоми фаъолияти нашрия дар идораи он журналистони гуногунмиллат заҳмат кашидаанд, ки саҳми онҳо на танҳо дар ҷолибу хонданбоб баромадани нашрия, балки дар тарбияи кадрҳои журналистикаи маҳаллӣ низ калон мебошад. Дар замони истиқлолият, махсусан дар солҳои ноороимиҳои кишвар нашрия ягона манбаи иттилои муътамад дониста мешуд.*

*То моҳи июли соли 2002 рӯзномаи «Кулябская правда» пурра бо забони русӣ нашр мешуд. Имрӯз нашрия бо ду забон – русию тоҷикӣ мавод чоп мекунад, аммо дар он ба маводи русӣ афзалият дода мешавад. Бо ду забон интишор гардидани нашрия тақзои давру замон дониста мешавад. Вазъи кунунии нашрия ҳамсони дигар нашрияҳои минтақа арзёбӣ мегардад.*

***Калидвожа:*** *матбуоти маҳаллӣ, ҳокимият, проблема, забон, инъикос, гоя, ҷамъият, заминаи моддиву техникӣ, таъсис, ташаккул, истиқлолият, такягоҳи боэътимод, журналист, фаъолият, таҳлил.*

## Муқаддима

Матбуот на танҳо нерӯи пешбарандаи ҳаёти ҷомеа, балки ташаккулдиҳандаи афкори солим ба ҳисоб меравад. Зиёиёни пешқадами миллати мо ҳанӯз дар ибтидои асри ХХ тавассути Эрону Туркия, Ҳиндустон ва минтақаҳои Тотористону Қавқози Россияи подшоҳӣ бо матбуот ошно гардида, дар пешрафти ҳаёти ҷомеа нерӯи фавқулода доштани онро эҳсос карда буданд [ниг.: 10, с. 5-66]. Ба ҳаёти мардуми мо ин навъи маҳсулоти чопӣ дар ибтидои даҳсолаи дуюми асри гузашта ворид гардида бошад ҳам, барои ташаккули ҳамаҷонибаи матбуоти тоҷик дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ заминаи мусоид фароҳам омад. Матбуоти тоҷик маҳз дар ҳамин давра симои миллӣ касб намуд. Ҳарчанд дар замони шӯравӣ ба матбуот аз рӯйи

принсипи ленинии *«Рӯзнома ташвиқотчии коллективӣ, тарғиботгари коллективӣ ва ташкилотчии коллективӣ»* муносибат карда мешуд, нақши он на танҳо дар тарғиби идеологияи Ҳукумати Шӯравӣ ва Ҳизби ҳукмрони коммунисту ҳидоят ба иҷрои қарору супориш ва дастурҳои ҳукумати шӯравӣ, балки дар бунёди ҷомеаи нав, тарбияи инсони соҳибмаърифат, инъикоси созандагиву бунёдкориҳои давру замон, баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум ниҳоят бузург аст. Бахусус дар замони таҳаввулотҳои бузурги сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, тағйир ёфтани самтҳои пешрафти ҷомеа, дигар шудани идеяҳо ва ба вуҷуд омадани афкори нави иҷтимоӣ аҳамияти матбуот дар ҷомеа меафзояд [ниг.: 11, с.. 3]. Чунон ки маълум аст, дар қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон нахустин рӯзнома бо забони миллии мардуми ин сарзамин 15-уми марти соли 1925 бо номи «Иди тоҷик» (баъдан «Бедории тоҷик», «Тоҷикистони советӣ», «Тоҷикистони шӯравӣ» ва феълан «Ҷумҳурият») аз чоп баромадааст [ниг.: 10, с. 5-66] ва бо назардошти дигаргуниҳои инқилобӣ ва таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии солҳои 20-уми асри гузашта, дар ин давра арзи ҳастӣ кардани матбуоти миллии тоҷикро падидаи ниҳоят муҳим арзёбӣ кардан мумкин аст [ниг.: 12]. Метавон гуфт, ки дар давоми панҷ соли минбаъда дар ҷумҳурии он замон навтаъсиси Тоҷикистон матбуоти ҷумҳуриявӣ ба қадри зарурӣ ташаккул ёфт, заминаи моддиву техникии он беҳтар гардид, мутахассисони соҳа тарбия карда шуданд. Баъдан аз солҳои 30-юми асри ХХ шохаи дигари матбуоти миллӣ – матбуоти маҳаллӣ арзи ҳастӣ намуд.

Дар солҳои 20-уми асри гузашта, дар баъзе аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя, махсусан дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон нашрияҳои маҳаллӣ арзи ҳастӣ карда буданду барои тарғиби ғояҳои инқилобӣ ва бартариҳои сохти нави ҷамъиятӣ дар байни меҳнаткашони деҳот саҳми назаррас мегузоштанд, яъне барои таъсиси матбуоти сатҳи поёнӣ ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, ки ба ҳайати Иттиҳоти Шӯравӣ шомил буданд, таҷрибаи кофӣ вуҷуд дошт [1, с. 14]. Дар ҳаёти мардуми ҷумҳурии мо низ дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта дигаргуниҳои азим ба амал омаданд: сохти нави ҷамъиятӣ бомаром қомат афрохта, афзалияти онро мардум ба хубӣ эҳсос менамуд, хоҷагиҳои коллективӣ таъсис дода мешуданд, тамоми нерӯи давлату ҳукумати Тоҷикистони навтаъсис барои саводнок кардани аҳолӣ равона гардида буд. Инқилоби маданӣ ба ҳёти мардум ворид мешуд. Аз тарафи дигар, тамоми дигаргуниҳоеро, ки дар маҳалҳо ба амал меомаданд, дар саҳифаҳои матбуоти ҷумҳуриявӣ инъикос кардан ва ҳатто ҷой додан ғайриимкон буд. Барои тарғиби чунин дигаргуниҳои ҳаёти нав шохаи дигари матбуоти миллӣ – матбуоти маҳаллӣ нақши муҳим бозида метавонист. Аз ин рӯ, таъсиси матбуоти маҳаллӣ дар ин давра тақозои замон буд.

### Аз таърихи таъсиси матбуоти маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб ва заминаҳои таъсиси «Кулябская правда»

Солҳои 30-юми асри ХХ-ро метавон давраи таъсису ташаккули матбуоти маҳаллӣ дар Тоҷикистон номид, зеро дар ин давра дар аксар воҳидҳои маъмурии қаламрави ҷумҳурӣ рӯзномаҳои маҳаллӣ ташкил карда шуданд. Дар баъзе воҳидҳои маъмурӣ дар ибтидои солҳои 30-

юм дар беъзеи дигар дар нимаи дуюми ин даҳсола рӯзномаҳо таъсис дода шуданд [ниг.: 5]. Мувофиқи маълумоте, ки дар мақолаи «Матбуот ва оинаи замон» аз тарафи Ҳ. Офтобликоӣ дар нашрияи «Навиди Кӯлоб» аз 7-уми марти соли 2018 дарҷ гардидааст, дар шаҳри Кӯлоб аз соли 1928 то соли 1932 рӯзномае бо номи «Маҳви бесаводӣ» чоп мешудааст. Ҳадафи таъсиси ин нашрия ҳар чӣ зудтар саводнок кардани мардум ва баланд бардоштани маърифати заҳматкашон буд [7; 14, 103]. Агар чунин бошад, метавон гуфт, ки барои таъсиси матбуоти маҳаллӣ дар ин минтақаи ҷумҳурӣ ҳанӯз аз охири солҳои 20-уми асри XX замина гузошта шуда буд.

Соли 1931 дар шаҳри Кӯлоб бунёди матбаа оғоз мегардад. Ба кор даромадани ин матбаа барои минбаъд дар ин шаҳр ба роҳ мондани чопи нашрияҳои даврӣ шароити мусоид фароҳам овард [ниг.: 13, с. 15]. Моҳи марти соли 1933 дар шаҳри Кӯлоб нашрияи «Роҳи ленинӣ» таъсис дода мешавад. Ин нашрия баъдтар «Ҳақиқати Кӯлоб» унвон гирифта, пас аз таваққуфи беш аз 20-сола аз 1-уми январи соли 1976 боз бо номи «Роҳи ленинӣ» ба табъ мерасад. Аз моҳи феврали соли 1993 ҳамчун нашрияи шаҳрӣ бо номи «Навиди Кӯлоб» чоп мешавад [ниг.: 14, с. 104-105; 7]. Умуман, аз маълумоте, ки дар асари «Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» дарҷ гардидааст, чунин бармеоянд, ки аз соли 1933 то ибтидои солҳои 40-уми асри XX дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба ғайр аз «Роҳи ленинӣ» 8 рӯзномаи ноҳиявӣ таъсис дода шудааст [ниг.: 5, с. 75-139]. Нашрияҳои «Ҳосил учун» (феълан «Истиқлол»-и ноҳияи Темурмалик, таъсисаш – 1-уми январи соли 1935), «Зарбдори Данғара» (феълан «Симои Данғара»-и ноҳияи Данғара, таъсисаш – 1-уми майи соли 1935), «Болшевики Ховалинг» (феълан «Ҳақиқати Ховалинг»-и ноҳияи Ховалинг, таъсисаш – моҳи ноябри соли 1935), «Пахтачӣ» (феълан «Гулистон»-и ноҳияи Фархор, таъсисаш – соли 1935), «Барои колхози болшевикӣ» (феълан «Насими Терай»-и ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, таъсисаш – соли 1936), «Коммунисти Муъминобод» (феълан «Субҳи меҳнат», таъсисаш 1-уми августи соли 1937), «Навиди Балҷувон»-и ноҳияи Балҷувон (таъсисаш – соли 1938), «Стахоновчӣ»-и ноҳияи ноҳияи Восеъ (феълан «Гулхани Восеъ», таъсисаш – соли 1940) аз он ҷумла мебошанд [ниг.: 5, с. 75-139]. Аз маълумоти боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки то солҳои 40-уми асри XX дар минтақаи Кӯлоб матбуоти маҳаллӣ ба таври зарурӣ ташаккул ёфта, заминаи моддиву техникии он нисбатан беҳтар гардид. Кормандони эҷодиву техникии соҳа низ ба андозаи зарурӣ тарбия карда шуданд, ки ин ҳама барои таъсиси нашрияи «Кулябская правда» («Ҳақиқати Кӯлоб») заминаи мусоид фароҳам овард.

**Аз таърихи таъсиси «Кулябская правда»**

Чунонки аз номи нашрияҳои дар боло зикршуда аён аст, дар ин давра нашрияҳои маҳаллии минтақаи Кӯлоб асосан бо забонҳои мардуми маҳалии ин минтақа – тоҷикиву ӯзбекӣ ба табъ мерасиданд. Ҳарчанд аҳолии русзабони минтақа зиёд гардида, талабот ба забони русӣ сол то сол меафзуд, то солҳои 40-уми асри XX дар минтақаи Кӯлоб нашрияи алоҳида бо забони русӣ вуҷуд надошт. Таъсиси нашрияи маҳаллӣ бо забони русӣ дар ин минтақа ба давраи ниҳоят душвор – ба замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки бузургтарин фоҷеаи таърихи инсо-

ният мебошад, рост омад. Шумораи якуми рӯзномаи «Кулябская правда» 7-уми феврали соли 1944 аз чоп баромад, дар замоне, ки соли чоруми ин фоҷеаи мудҳиши башарият ҷараён дошт ва халқҳои гуногунмиллати давлати паҳновари Шӯравӣ алайҳи фашизми олмон ва иттифоқчиёни он ҷоннисорона мубориза мебурданд. Албатта, дар чунин шароити ниҳоят душвор таъсиси нашрияи чопӣ дар як гӯшаи дурдасти давлати паҳновари шӯравӣ аз нақши калон доштани матбуот дар ҳаёти мардум ва ҳамчунин аз таваҷҷуҳи махсуси давлату ҳукумат ба пешрафту ташаккули ин навъи маҳсулоти чопӣ гувоҳӣ медиҳад. Шояд як сабаби таъсиси ин нашрия дар он буд, ки мардум дар ин замони пурошӯб низ аз хондан дар канор набошанд, ба воситаи матбуот аз вазъи мамалакат огоҳ бошанду бо ин роҳ дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии мамлакат иштирок намоянд. Нашрияи «Кулябская правда» то соли 1945 ҳафтае се маротиба бо теъдоди 2000 нусха ба табъ мерасид.

Таърихи нашрияи «Кулябскаи правда» аз чунин давраи душвор оғоз гардид. Аз ручӯи таърихӣ ба нашрия аён мешавад, ки он аз давраи таъсис ба муддати 17 сол (то соли 1961) ба таври мунтазам интишор гардидааст. Муассиси нашрия Кумитаи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб ва Шӯрои вакилони халқи вилояти Кӯлоб буд. Дар давраи камолоти маънавӣ бо сабаби барҳам хӯрдани вилояти Кӯлоб чопи рӯзнома ба муддати 15 сол қатъ мегардад. Соли 1974 вилояти Кӯлоб аз нав ташкил карда мешавад ва соли 1976 чопи рӯзномаи «Кӯлябская правда» барқарор мегардад. Дар ин давра низ барои дубора ба роҳ мондани чопи нашрия Кумитаи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб ва Шӯрои депутатҳои халқи вилоят ташаббус нишон доданд, зеро дар он давра нашрияҳои даврӣ барои тарғиби идеологияи ҳизби коммунист нақши калон бозида, такягоҳи боэътимоди ҳизби ҳукмрон ва аслиҳаи пуриқтидори идеологии ҳокимият ба ҳисоб мерафтанд. Аз ин рӯ, барои бо теъдоди зиёд ба табъ расидани рӯзнома ва саривақт дастраси мардум гардидани он мақомоти ҳизби коммунист дар вилояти Кӯлоб ва Шӯрои депутатҳои халқи вилоят кӯмаки моддию маънавии худро дареғ намедоштанд. Илова бар ин дар идораи рӯзнома ҳайати муътабари кормандон ҷамъ омада буданд. Ҳамаи ин имкон медод, ки рӯзнома дар як ҳафта 5 маротиба бо теъдоди зиёд нашр гардад.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки давраи шукуфоии нашрияи «Кулябская правда» аз охири солҳои 70-ум то охири солҳои 80-уми асри XX ба ҳисоб меравад. Дар ин давра нашрия на танҳо бо теъдоди зиёд чоп мешуд, балки дар байни хонандагон низ аз маҳбубияти хос бархӯрдор буд. Он аз даст ба даст гашта, ҳар як шумораашро ҳадди ақал 3-4 нафар мутолиа менамуд ва дар ҳоле, ки нашрия аз 12 то 15 ҳазор нусха ба табъ мерасид, миқдори хонандагони он то 50 ҳазор нафар ва аз он ҳам зиёдро ташкил медод. Як сабаби маҳбубияти нашрия дар байни мардуми вилоят ба робитаи мустаҳками идораи нашрия бо хонандагон буд. Нашрия на танҳо проблемаву мушкилоти ҳаёти мардумро дар саҳифаҳояш инъикос менамуд, балки ҳар як хонандаи доимии нашрия имкон дошт, ки бо рӯзноманигорони касбие, ки дар идораи рӯзнома фаъолият менамуданд, алоқаи доимӣ барқарор намуда, ҳамчун мухбири ҷамоатӣ барои ҳалли мушкилоти соҳаҳои мухталифи ҷомеа саҳмгузор бошад. Ҳар як хонанда эътимоди комил дошт,

ки муроҷиат ба идораи рӯзнома аз мадди назар дур нахоҳад монд ва нисбат ба он чораи дахлдор андешида хоҳад шуд. Ҳамчунин беҳтарин қайду мақолаҳои хонандагон дар саҳифаҳои рӯзнома ҷой дода мешуданд. Ба ибораи дигар, принсипи робитаи бевоситаи рӯзнома бо хонанда на дар сухан, балки дар амал мавҷуд буд. Дар ин давра дар идораи нашрияи «Кулябская правда» журналистони ниҳоят бомаҳорату пуртаҷриба ва соҳибистеъдод кору фаъолият менамуданд, ки эшон на танҳо дар инъикоси муҳимтарин рӯйдодҳои ҷомеа ва таҳлилу баррасии проблемаву мушкилоти ҳаёти мардуми вилоят саҳми арзанда мегузоштанд, балки бо майлу рағбати тамом журналистони ҷавонро тарбия менамуданд. Дар ин ҷода саҳми сармуҳаррири нашрия Г. Е. Гоновичев, муовини сармуҳаррир Т. Г. Гобеев, котиби масъул Б. Б. Битсоев, мудирони шуъбаҳо С. П. Сухоян, Т. Л. Дикаев, Л. Чигрин ва Г. Элбаум махсусан калон аст. Маҳз ба шарофати дастгириву ғамхории эшон дар идораи нашрия гурӯҳи журналистони маҳаллӣ тарбия ёфтанд, ки Рустам Абдуллоев, Холбой Қурбонов, Аъзам Абдусаломов ва Рустам Одинаев аз он ҷумла мебошанд. Рустам Абдуллоев баъдан дар вазифаи мухбири махсуси нашрияи бонуфӯзи «Коммунист Таджикистана» фаъолият намуда, Холбой Қурбонов муҳарририи «Кулябская правда»-ро ба зимма гирифт, Аъзам Абдусаломов бошад муовини котиби масъули ин нашрия буд. Эшон аз аввалин журналистони маҳаллие мебошанд, ки дар рӯзномаи русзабон фаъолият намуда, аз худ қобилияту маҳорати баланди касбӣ нишон додаанд.

Умуман, дар солҳои 70-уму 80-уми асри гузашта дар фаъолияти пурсамари нашрия журналистони гуногунмиллат заҳмат кашидаанд, ки дар ин радиф русҳои минтақаи Сибир Георгий Гоновичев, Юрий Волочин, Владимир Боярчиков, Александр Морозов ва ҳамсари ӯ Зинаида Степановна Ширяева, украинҳо Владимир Панков, Вячислав Ивашенко, латиш Мидос Урбановичус, осетинҳо Таймураз Гобеев, Борис Битсоев, чечен Тургун Дикаев, ӯзбекҳо Ҳайдар Ҷӯраев ва Баҳром Тағойбековро ном бурдан муикин аст. Дар баробари эшон журналистони шинохтаи тоҷик Дмитрий Илич Гойфман, Всеволод Федорович Юрескул ва Рустам Якубович Содиқов низ барои болоравии нуфӯзи эҷодии нашрия ва ҳам барои тарбия намудани насли ҷавони журналистон заҳмат мекашиданд. Ҳамзамон диловарию мардонагии бонувонеро, ки дар ин давра дар нашрия фаъолият намудаанду заҳмати гарони журналистиро бар дӯш доштанд, ёдовар шудан ба маврид аст. Галина Элбаум, Нина Михайловна Суханова, Лариса Павловна Рамонова ва Татяна Кузменко аз он ҷумла мебошанд, ки вазифаи барои худ муқаддаси журналистиро сарбаландона адо мекарданду хонадагони нашрия заҳматҳои эшонро то ба имрӯз дар ёд доранд. Дар баробари эшон журналистони соҳибқалами маҳаллӣ Рустам Абдуллоев, Александр Абдусаломов, Давлатмурод Ҷумъаев ба воя расида, дар ҷодаи душвори журналистӣ устуворона қадам мемонданд ва барои рангину ҷолиб ва хонданбоб баромадани рӯзнома саҳм мегузоштанд [ниг.: 4].

Бозсозии горбачёвӣ, ки дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта оғоз гардид, ба пароканда шудани кишвари абарқудрати шӯравӣ оварда расонд. Дар ибтидои солҳои 90-ум понздаҳ ҷумҳурии ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз пайи дигар худро мустақил эълон

намуданд. Тоҷикистон низ аз ин раванд дар канор намонд ва 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд. Вале солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ барои мардуми мо душвориҳои зиёд овард: ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боиси талафоти ҷонӣ ва хисороти зиёди моддиву маънавӣ гардид. Он замон махсусан вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаи Кӯлоб (собиқ вилояти Кӯлоб) ниҳоят душвор буд. Маҳз дар чунин шароити ҳассос рӯзномаи «Кулябская правда» дар шиносномааш шиори «Пролетарии всех стран соединяйтесь!» («Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо муттаҳид шавед!»)-ро бо шиори барои он давру замон ниҳоят муҳимми «За гражданское единство и согласие!» («Барои иттиҳод ва ризояти шаҳрвандӣ!») иваз намуд. Албатта, иваз кардани як шиор бо шиори дигар ба назар кори содаву осон менамояд, вале дар шароити душвори он замон ин амал барои коллективи кормандони «Кулябская правда» ниҳоят душвор буд. Он аз ҳайати кормандони идораи рӯзнома масъулияти бузургро тақозо мекард, зеро дар шароити он замон ноил шудан ба иттиҳоду ризояти шаҳрвандӣ ниҳоят душвор ба назар мерасид. Бо вуҷуди ин, фаъолияти коллективи кормандони идораи рӯзнома ҳам дар ин давра ва ҳам дар солҳои баъдӣ барои расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ равона гардида буд. Эшон тамоми донишу имконият ва маҳорати эҷодии худро ба он равона карда буданд, ки барои оромии ҷомеа ва ноил шудан ба ваҳдати комил, заррае ҳам бошад, ҳисса гузоранд. Барои расидан ба ин ҳадаф сухани созанда нақши калон мебозид. Кормандони нашрия инро хуб дарк карда, маҳз бо сухани созанда идеяи ваҳдати миллиро тарғиб менамуданд.

Дар солҳои фоҷеабори ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1993), ки вилояти собиқи Кӯлоб як муддат дар муҳосираи иқтисодӣ қарор дошт, рӯзномаи «Кулябская правда» дар қаламрави вилоятҳои сибиқи Кӯлобу Қӯрғонтеппа (феълан вилояти Хатлон) ягона нашрияе буд, ки ба таври мунтазам нашр мегардид. Дар он замон рӯзнома ягона сарчашмаи боэътимоди иттилоъ дониста мешуд. Дар саҳифаҳои нашрия на танҳо рӯйдодҳои вилояти Кӯлоб, ки муҳосираи шадиди иқтисодӣ қарор дошту мардуми он аз норасоии маводи ғизоӣ, ба хусус аз нарасидани нон азият мекашид, балки рафти амалиёти мусаллаҳонаи ҷонибҳои даргир ва ҷараёни музокироти сулҳи байни тарафҳо мунсифонаву холисона инъикос меёфт. Дар иртибот ба ин, зикри як нуктаи хеле муҳим баёнгари нуфузи рӯзнома дар он замон мебошад: тирамоҳ ва зимистони соли 1992 – замоне ки вилояти Кӯлоб дар муҳосираи шадиди иқтисодӣ қарор дошт, барои таъмини эҳтиёҷоти мардум бо нон аз маркази вилояти Ленинобод (феълан вилояти Суғд) шаҳри Хуҷанд ба ин минтақа танҳо тавассути ҳавопаймо орд интиқол дода мешуд. Дар он замон радиову телевизиони ҷумҳурӣ дар дасти мухолифин буд ва ахборе, ки аз вилояти Кулоб тавассути радиову телевизион пахш мегардид, ниҳоят муғризона ва ғайримуътамад буду мардум ба он бовар намекарданд. На танҳо дар ҳудуди имрӯзаи вилояти Хутлон, балки дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ танҳо ба ахбори «Кулябская правда» эътимод кардан мумкин буд. Аз ин рӯ, ҳавонавардоне, ки ба ин минтақа орд меоварданд, қабл аз бозгашт ба шаҳри Хуҷанд аз дӯконҳои рӯзномафурӯшӣ тамоми нусхаҳои «Кулябская правда»-ро харида ба Хуҷанд мебурданд. Ҳатто баъзан, агар дар нуқтаҳои рӯзно-

мафурӯшӣ нашрияро пайдо кардан ғайриимкон мешуд, ҳавонавардон барои дастрас кардани «Кулябская правда» ба идораи рӯзнома омада, таъкид медоштанд, ки мардуми шимоли ҷумҳурӣ маҳз аз саҳифаҳои «Кулябская правда» аз воқеоти ин минтақа огоҳӣ пайдо мекунанд.

Дар ибтидои солҳои 80-уми асри XX бо сабаби аз олам гузаштани Муншиёни умумии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ Леонид Брежнев ва Юрий Андропов 40-солагии «Кулябская правда» қайд карда нашуд. Ҷашни нимасрагии нашрия низ ба давраи душвори солҳои 90-ум рост омад. Ҳанӯз дар саросари ҷумҳурӣ оромии мутлақ фаро нарасида буд. Гурӯҳҳои сияҳкор даст ба куштору ғорат мезаданду ҳанӯз ваҳдати комили миллӣ ва сулҳи фарогир ба даст наомада буд. Бо вуҷуди ин, 50-солагии рӯзномаи «Кулябская правда» соли 1994 таҷлил гардид. Бахшида ба нимасрагии «Кулябская правда» як шумораи рӯзнома (№ 6 (5323), 8 феврали соли 1994) ҷашнӣ ба табъ расид. Дар ин шумора сухани муҳаррир Рустам Одинаев зери унвони «Будь с нами, читатель!» («Бо мо бош, хонанда!») ба табъ расидааст, ки дар он мухтасар дар бораи роҳи тайкардаи рӯзнома ва душвориҳое, ки кормандони нашрия дар муддати фаъолияти он рӯ ба рӯ шудаанд, сухан меравад [ниг.: 6]. Дар маводи ин шумораи ҷашнӣ ҳамчунин дар бораи он сухан меравад, ки кормандони нашрия дар давоми мавҷудияти он ҳақиқати воқеиро инъикос намуда, барои ҳимояи манфиатҳои мардуми заҳматкаш кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд. Кӯшишҳои нашрия барои ҳифзи арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва тарғиби ғояҳои ватанпарварию башардӯстӣ дар байни мардум назаррас арзёбӣ гардидааст. Таъкид карда мешавад, ки маҳз аз ҳамин сабаб «Кулябская правда» дар байни мардум маҳбубият пайдо карда, дӯсдоштатарин ва серхонандатарин рӯзнома гардид [ниг.: 4].

Ба қавли яке аз собиқадорони нашрия Татяна Кузменко рӯзномаро дар Кӯлоб ҳама дӯст медоштанд ва ҳар шумораи онро бесаброна интизор мешуданд. Дар саҳифаҳои он на танҳо аз ҳаёти иқтисодиву кишоварзӣ ва фарҳангии минтақа ахбори тоза нашр мегардид, балки маводи муаллифони беруна низ ҷой дода мешуд. Аз ҷумла, устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуддоҳи Рӯдакӣ бо нашрия ҳамкории зич доштанд [ниг.: 2].

Соли 2004 дар арафаи 60-солагии «Кулябская правда» нашрияро Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намуда, барои беҳтар гардидани фаъолияти он маблағи грантӣ ҷудо намуд. Ба шарофати ин фаъолияти нашрия беҳтар гардид, таҷҳизоти ҳозиразамон ва техникаи зарурӣ дастрас карда шуд. Имкон пайдо шуд, ки аз ин ҳисоб ҳам ба кормандони рӯзнома ва ҳам ба муаллифони ғайриштатӣ, ки маводи эшон дар саҳифаҳои рӯзнома ба табъ мерасид, ба муддати ду сол ҳаққи қалам дода шавад. Дар баробари ин ороиш ва сифати рӯзнома низ беҳтар гардид.

То моҳи июли соли 2002 рӯзномаи «Кулябская правда» пурра бо забони русӣ нашр мешуд. Дар шумораи 14-15 (5520)-и нашрия аз 11 июли соли 2002 маводи тоҷикӣ низ ба назар мерасад, аммо шиносномаи нашрия он замон дузабона нест [ниг.: 3]. Имрӯз низ нашрия бо ду забон – русию тоҷикӣ мавод чоп мекунад. Шиносномаи нашрия низ бо ду забон аст: дар шиносномаи нашрия аввал бо ҳуруфи нисбатан хурд номи тоҷикии нашрия – «Ҳақиқати Кӯлоб» ва дар поёни он бо

ҳарфҳои калон варианти русӣ – «Кулябская правда» ҷой дода шудааст. Рӯзнома бо ду забон – русӣ ва тоҷикӣ мавод чоп кунад ҳам, дар он ба маводи русӣ афзалият дода мешавад. Ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки аз давраи таъсис то ба имрӯз номи нашрия иваз нагардидааст.

Баъди дузабона шудани нашрия журналистони соҳибтаҷриба Мисралӣ Сониев, Сайид Раҳмонов, Зафархон Муродов ва Раҳматалӣ Назриев ба кор ҷалб гардиданд. Кормандони ҷавони нашрия Ситорабону Одинаева ва Дилшод Мирзоев дар баробари фаъолияти хабарнигорӣ ихтисоси дизайну ороиши рӯзнома ва оперетори компютериро омӯхта, барои ҷолибу рангин ва бо ороиши хуб баромадани нашрия мусоидат менамоянд.

Нахустин сармуҳарири нашрияи «Кулябская правда» маълум нест. Баъдан дар солҳои мухталиф Владимир Флоров, Георгий Гоновичев, В. В. Воробёв, Холбой Қурбонов, В. В. Красотин, Ҳайдар Ҷўраев сармуҳарририи нашрияро ба зимма доштаанд. Аз моҳи ноябри соли 1991 Рустам Одинаев ин вазифаро ба дӯш дорад.

Муассисони нашрия Мақомоти иқроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва ҳайати эҷодии нашрия ба ҳисоб меравад. Он нашрияи минтақавии ҷамъиятиву сиёсӣ ба ҳисоб рафта, таҳти № 0057/рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст. Дар идораи нашрия 10 нафар фаъолият менамоянд, ки 6 нафари онҳо кормандони эҷодӣ мебошанд. Аз моҳи июли соли 2017 то моҳи июли соли 2018 нашрия аз ҳисоби маблағи лоиҳаи Фонди «Руский мир» бо теъдоди 2000 нусха дар як ҳафта як маротиба дар қоғази андозааш А3 дар ҳаҷми 12 саҳифа ба табъ мерасид. Айни замон адади нашри он 1000 нусхаро ташкил дода, ҳафтае як маротиба дар қоғази андозааш А3 дар ҳаҷми 8 саҳифа дар матбааи ноҳияи Восеъ нашр мешавад. Миқдори обунаи он 700 нусхаро ташкил медиҳад. Дар давоми фаъолияти худ рӯзномаи «Кулябская правда» якчанд маротиба ғолиби озмунҳои ҷумҳуриявӣ гардида, дар озмунҳои умумииитифоқӣ дипломҳо ба даст овардааст.

Нишонӣ: шаҳри Кӯлоб, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 34.

E-mail: k.pravda@mail.ru

**Вазъи кунунии нашрия**

Вазъи кунунии «Кулябская правда»-ро метавон то андозае ҳамсони вазъи имрӯзаи дигар нашрияҳои маҳаллии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон арзёбӣ намуд. Идораи нашрия ба қадри ҳол бо техникаи компютерӣ таъмин мебошад. Аз ҳисоби маблағҳои кӯмаки Созмони Амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо ва Фонди «Русский мир» барои кормандон шароити эҷодиву техникӣ фароҳам оварда шудааст. Ин имкон медиҳад, ки саҳифабандӣ ва дизайни нашрия дар идораи он анҷом дода мешавад. Бо вуҷуди ин сармуҳаррири нашрия Рустам Одинаев аз шароити феълии нашрия қаноатманд нест. Номбурда зимни пурсиш ба мо иброз дошт, ки шароити корӣ дар идораи рӯзнома на он қадар ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ аст: ду-се утоқи корие, ки дар ихтиёри нашрия мебошанд, хеле хурд буда, тамоми кормандони эҷодиву техникӣ дар онҳо ғунҷида наметавонанд, идораи нашрия ба техникаву таҷҳизоти ҳозиразамон ва нақлиёт эҳтиёҷ дорад [8]. Дар як сол ҳукумати шаҳри Кӯлоб барои нашрия ҳамагӣ 120 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ

ҷудо менамояд, ки он барои пардохти маоши кормандон ва андози нашрия сарф мешавад. Газета эълону реклма чоп мекунад ва аз ин ҳисоб маблағи ночиз ба даст меояд.

Дар идораи нашрия имкони дастрасӣ ба шабакаи Интернет вуҷуд дорад ва кормандони нашрия дар фаъолияти худ аз он истифода мебаранд [8; 9]. Имрӯз дар тамоми дунё дар баробари чопу ба таври классикӣ паҳн кардани матбуоти даврӣ ташкили сомонаҳои интернетӣ ва ба таври мултимедиявӣ паҳн намудани ахбор роиҷ гардидааст, аммо нашрияи «Кулябская правда» то ба ҳол сомонаи интернетии худро надорад. Ҳол он ки мавҷуд будани сомонаи интернетӣ сафи хонандагони нашрияро зиёд намуда, маҳбубияти онро дар байни аудитория афзун мегардонад.

Дар саҳифаҳои нашрия ба инъикоси муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру минтақаи Кӯлоб таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Иштирок дар курсу семинарҳои омӯзишӣ ва фаъолияти амалии журналистӣ сарчашмаи омӯзиши касбии кормандони нашрия ба ҳисоб рафта, онҳо доир ба мавзӯъҳои мухталиф ва тамоми самтҳое, ки барои нашрияи ҷамъиятиву сиёсии минтақвӣ хос мебошанд, мавод эҷод менамоянд [8]. Умуман, дар саҳифаҳои нашрия рангорангӣ ва гуногунжанрии мавод таъмин мебошад. Аз рӯйи имконият ба кормандон дар баробари маош ҳаққи қалам ва дар арафаи иду ҷашнҳои миллӣ мукофотпулӣ низ пардохта мешавад.

Миқдори обунаи нашрия 450 нафарро ташкил медиҳад, ки ин барои як минтақаи аҳолиаш 208 ҳазор нафар ниҳоят кам мебошад. Синну соли кормандони нашрия аз 30-сола боло аст. Ҷавонон майлу рағбати дар нашрия кор кардан надоранд. Аз як тараф, кам будани музди меҳнат ва, аз тарафи дигар, қобилияту маҳорати эҷодии ҷавонон сабаби ин мебошад. Дар рӯзнома бахусус мутахассисони русидон намерасанд. Ҷавононе, ки факултаи филологияи руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро хатм менамоянд, барои дар рӯзнома кор кардан омода нестанд. Аз ин рӯ, сармуҳаррири нашрия Рустам Одинаев ва муовини ӯ Зафар Муродов, ки мутахассисони варзида мебошанд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар идораи нашрия ҷавонони русидонро тарбия намуда ба воя расонанд.

## Хулоса

Аз баррасии мухтасари фаъолияти нашрияи «Кулябская правда» ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Ҳарчанд дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аввалин рӯзнома моҳи марти соли 1933 бо номи «Роҳи ленинӣ» ба табъ расидааст у то солҳои 40-уми асри XX дар ин минтақа ба ғайр нашрияи зикршуда 8 рӯзномаи ноҳиявӣ фаъолият мекард, нашрияҳои ин минтақа то ин давра асосан бо забони мардуми бумӣ – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба табъ мерасиданд;
2. Нахустин нашрияи маҳаллӣ бо забони русӣ дар ин минтақа – «Кулябская правда» мебошад, ки 7-уми феврали соли 1944 ба табъ расидааст;
3. Дар чунин шароити душвор таъсис ёфтани нашрияи минтақавии «Кулябская правда» баёнгари нақши калони матбуот дар

ҳаёти мардум ва таваҷҷуҳи зиёди давлату ҳукумати Шӯравӣ ба ин навъи маҳсулоти чопӣ мебошад;

4. Ҳарчанд нашрияи «Кулябская правда» пас аз 17 соли таъсис бо сабаби барҳам хӯрдани вилояти Кӯлоб ба муддати 15 сол нашр нагардидааст, пас аз таъсиси дубора дар як муддати кутоҳ дар байни хонандагон маҳбубият пайдо менамояд;

5. Аз охири солҳои 70-ум то охири 80-уми асри гузаштаро давраи шукуфоии нашрияи «Кулябская правда» номидан мумкин аст, зеро дар ин давра он ҳам бо теъдоди зиёд ба табъ мерасиду ҳам дар байни хонандагон маҳбубияти зиёд дошт. Иртиботи нашрия бо хонандагон низ ниҳоят хуб ба роҳ монда шуда буд;

6. Дар давоми фаъолияти нашрия дар идораи он журналистони гуногунмиллат заҳмат кашидаанд, ки саҳми онҳо на танҳо дар ҷолибу хонданбоб бароmадани нашрия, балки дар тарбияи кадрҳои журналистикаи маҳаллӣ низ калон мебошад;

7. Дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ кормандони нашрия барои ноил шудан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ва таъмини оромии ҷомеа бо сухани созандаи хеш саҳми назаррас гузоштаанд. Маҳз дар ҳамин давра маҳбубияти рӯзномаи «Кулябская правда» дар байни мардум зиёдтар гардид ва хонандагон чопи ҳар шумораи онро бесаброна интизор мешуданд;

8. Аз 11-уми июли соли 2002 нашрия бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад, вале дар он ба маводи русӣ афзалият дода мешавад. Бо ду забон интишор гардидани нашрия тақзои давру замон мебошад;

9. Вазъи кунунии нашрия ҳамсони дигар нашрияҳои минтақа буда, он на танҳо ба дастгирии молиявӣ, балки ба кадрҳои ҷавону лаёқатманд эҳтиёҷ дорад;

10. Дар шароити кунунӣ барои беҳтар шудани фаъолияти нашрия ва зиёд намудани адади чопи он на танҳо дастгирии давлатӣ, балки дуруст ба роҳ мондани фаъолияти менеҷментиву маркетингӣ ва таъсиси сомонаи интернетии нашрия ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Адабиёт**

1. Комилов, К. Вижагиҳои матбуоти маҳуллӣ дар даврони истиқлол (дар мисоли вилояти Суғд) / К. Комилов. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 328 с.

2. Кузменько, Т. Газета молодости нашей… / Т. Кузменько // Кулябская правда. – 1994. – 8-15 февраль.

3. Кулябская правда. – 2002. – 11 июль.

4. Курбанов, Х. Вместе дуружная семья / Х. Курбанов // Кулябская правда. – 1994. – 8-15 февраль.

5. Муродов, М., Қутбиддинов, А., Ҷумъаев, М., Исоев, Қ. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон. Донишнома / М. Муродов, А. Қутбиддинов, М. Ҷумъаев, Қ. Исоев. – Душенбе: Аржанг, 2018. – 200 с.

6. Одинаев, Р. Будь с нами, читатель / Р. Одинаев // Кулябская правда. – 1994. – 8-15 февраль.

7. Офтоблиқоӣ, Ҳ. Матбуот ва оинаи замон / Ҳ. Офтобликӣ // Навиди Кӯлоб – 2018. – 7 март

8. Пурсишномаи № 12.1 // Бойгонии муаллиф.

9. Пурсишномаи № 12.2 // Бойгонии муаллиф

10. Усмонов, И., Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.

11. Суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик / Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С. 3-20.

12. Ҳайдаров, Г., Абдуллоев, С. Аз таърихи матбуоти маҳаллӣ / Г. Ҳайдаров, С. Абдуллоев // Тоҷикистони Советӣ. – 1974. – 11 сентябр.

13. Чеҳраи Хатлон. Мураттиб ва муҳаррир Н. Маъмурзода. – Душанбе: Русская литература, 2013. – 562 с.

14. Ҷумъаев, М. Чанд андеша перомуни нашрияи «Навиди Кӯлоб» / М. Ҷумъаев // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2018. – № 4 (44). – С. 102-112.

**Джумаев М.**

## НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ ИЗДАНИЯ «КУЛЯБСКАЯ ПРАВДА» («ҲАҚИҚАТИ КӮЛОБ»)

В данной статье речь идёт о региональной общественно-политической газете «Кулябская правда» («Ҳақиқати Кӯлоб»). Подчеркивается, что история местной печати Кулябского региона Хатлонской области начинается с 1933 года и до начало 40-х годов XX века в этом регионе опубликовались 8 районных газет. Все эти усилия были фундаментом для формирования русскоязычной газеты «Кулябская правда». Автор анализируя историю возникновения, формирования и этапы развития «Кулябской правды», отмечает, что с конца 70-х до конца 80-х годов XX века оценивается как процветающим периодом названной газеты. В этот период газета опубликовалось достаточно с большим тиражом и заслуживал всеобщего признание среди население региона. Взаимный связь между редакции газет и читателям стало очень плодотворным. На страницах газеты не только отражались жизненные проблемы населения региона, но и предпринимались необходимые меры для их решения. В течение существование «Кулябской правды» в ее редакции дружно работали журналисты – представители разных народов и вносили свои достойные вклады не только для привлечения внимания читательской аудитории к газете, но в воспитании местных кадров по журналистке. В период независимости, особенно в годы политических сопротивлений 90-х годов прошлого века газета «Кулябская правда» была единственным источником достоверной информации не только в пржней Кулябской области но и в других южных регионах Таджикистана. До июля 2002 года «Кулябская правда» издавалось только на русском языке. В данное время газета опубликуется на двух языках – таджикский и русский, но в ее страницах преобладают публикации на русском языке. Распространение газеты на двух языках считается требованием времени. Нынешнее положение «Кулябской правды» оценивается как положения других изданий региона.

**Ключевые слова:** местная печать, власть, проблема, язык, отражение, идея, общество, материально-техническая база, учреждение,

формирование, независимость, надежная упора, журналист, деятельность, интерпретация.

**Jumaev M.**

## SOME THOUGHTS ABOUT THE PUBLICATION "KULYABSKAYA PRAVDA" ("KULOB TRUTH»)

In this article are discussed the regional public-political newspaper "Kulyabskaya pravda" ("Kulob truth"). It is emphasized that the history of the local press of the Kulob region of Khatlon region begins in 1933 and until the beginning of the 40s of the twentieth century 8 regional newspapers were published in this region. All these efforts were the foundation for the formation of the Russian-language newspaper "Kulyabskaya pravda". The author analyzes the history, formation and stages of development of the "Kulyabskaya pravda", notes that from the late 70's to the late 80's of the twentieth century is estimated as a prosperous period of the newspaper. During this period, the newspaper was published with a large circulation and deserved universal recognition among the population of the region. The mutual relationship between newspaper editors and readers has become very fruitful. The newspaper not only reflected the vital problems of the population of the region, but also took the necessary measures to solve them. During the existence of this newspaper in its office worked together journalists, representatives of different nations and they put their worthy contributions not only to attract the attention of the readers to the newspaper, but in the education of local personnel on the journalist. During the period of independence, especially during the years of political resistance in the 90s of the last century, the newspaper "Kulyabskaya pravda" was the only source of reliable information not only in the former Kulob region but also in other southern districts of Tajikistan. Until July 2002, "Kulyabskaya pravda" was published only in Russian. At this time, the newspaper publishes in two languages – Tajik and Russian, but its pages are dominated by publications in Russian. The distribution of the newspaper in two languages is considered a requirement of the time. The current situation of "Kulyabskaya pravda" is similar situation of other publications of the region.

**Keywords**: local press, "Kulyabskaya pravda", newspaper, problem, language, society, material and technical base, formation, independence, reliable emphasis, journalist, activity, interpretation.

ТДУ 8тоҷикф+398тоҷик+37тоҷик+008+9тоҷик+82.09

Муродов М., Аминов А.

# РАҲНАМОИ МУФИД
## (Чанд андеша доир ба китоби Р. Раҳмонӣ Шинохти адабиёти гуфторӣ пас аз истиқлоли Тоҷикистон.– Душанбе: ДМТ, 2018.–152 с.)

Ба гуфти Р. Раҳмонӣ «Адабиёти гуфторӣ», ки бо истилоҳоти адабиёти халқ, адабиёти даҳанакӣ, адабиёти шифоҳӣ, эҷодиёти даҳанакии халқ, адабиёти омма, фарҳанги мардум, фолклор ва амсоли ин низ ёд мешавад, таърихи тӯлонӣ дошта, зуҳури он ба пайдоиши нутқи инсон иртибот мегирад. Дар тӯли таърихи инсоният чунин осор дар заминаи омилҳои рухдодӣ ва таҷрибаи ҳаётӣ тавлид шуда, шакл гирифта, ба зиндагии омма тавъам гардида, ҳамеша шарики ғаму шодии мардум будааст. Ҳамзамон осори шифоҳӣ ҳамчун ганҷинаи халқ дар баланд бардоштани рӯҳияи мардум, дилгармии эшон ба зиндагӣ ва талқини эҳсоси зебопарастиву адабдӯстии халқ нақши муҳим доштааст. Гузашта аз ин осори гуфторӣ аз сарчашмаҳои муҳимми адабиёти навишторӣ ва анвои дигари эҷод маҳсуб меёбад.

Ин ва дигар ҷиҳатҳои судманд ва аҳамиятноки адабиёти шифоҳӣ боис гардида, ки таваҷҷуҳи аҳли илми суханварӣ ба он бештар ва барои ҷамъовариву омӯзиши чунин осор имконоту шароитҳо фароҳам оварда шавад. Ҷамъоварӣ ва омӯзиши ин навъи осор аз солҳои 20-уми қарни XX шурӯъ гардида, дар даҳсолаҳои минбаъда идома ёфтааст. Баъд аз солҳои 1960 бо шарофати фолклоршиносони номдор Р. Амонов, В. Асрорӣ ва дигарон ин соҳаи илми тоҷик шакл гирифта, мактабҳои бузурги фолклоршиносӣ ба вуҷуд омаданд, ки ҳам дар тарбияи шогирдон (фолклоршиносони ҷавон) ва ҳам инкишофи илми адабиёти гуфторӣ нақши муҳим гузоштаву мегузоранд. Вижагиҳои хоси ин мактаб ва ҳамчунин насли пеш аз он дар он буда, ки онҳо дар баробари навиштани асарҳои илмӣ бештар ба ҷамъоварии осори гуфторӣ машғул шуда, захираи бузурги осори шифоҳиро сабту китобат кардаанд. Ин захираи бузург барои насли замони истиқлол ба сифати манбаи омӯзиш қарор гирифта, барои ба вуҷуд омадани пажӯҳишҳои зиёд замина фароҳам овардааст. Ин аст, ки дар муқоиса ба насли аввал имрӯз ҷавонон таҳти раҳнамоии калонсолон бештар ба фаъолияти илмӣ машғуланд.

Китоби олими пуркор, доктори илмҳои филология, профессор Равшан Раҳмонӣ зери унвони «Шинохти адабиёти гуфторӣ пас аз Истиқлоли Тоҷикистон», ки соли 2018, дар ҳаҷми 152 саҳифа аз ҷониби матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нашр гардидааст, пажӯҳишҳои фолклоршиносони тоҷикро, ки тӯли замони истиқлол анҷом ёфтаанд, дар бар мегирад. Муаллиф ба таври хронологӣ ва усули таърихнигорӣ осори пажӯҳишии дар замони истиқлол ба анҷом расонидаи олимони тоҷикро, доир ба адабиёти гуфторӣ, ки дар шакли китобу рисола ба табъ расидаанд, илман хулоса намудааст.

Китоб аз сарсухан, ҳашт бахш, хулоса ва китобнома иборат буда, мақолоти он аз ҷиҳати мазмун, муҳтаво ва мантиқ ба ҳам алоқаманданд. Дар сарсухан зарурияти интишори китоб, шаклу сохтор ва аҳаммияти назарии он ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ шудааст. Эпиграфе, ки дар сарсухани китоб аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомали Раҳмон оварда шудааст, бори дигар ҳушдор медиҳад, ки баҳри муаррифии кишвар дар арсаи байналмиллалӣ муҳақиқони соҳаро зарур аст, ки ҳарчи бештар омӯзишу таҳқиқи фарҳанги миллиро ба роҳ монанд ва ба ин васила «ба фарҳанги миллӣ, суннату анъанаҳо ва ҷашну оинҳои мардумӣ умри дубора бахшанд».

Дар бахши аввали китоб, ки «Марҳалаҳои пажӯҳиши адабиёти гуфторӣ то Истиқлоли Тоҷиккистон» ном гирифтааст, таҳқиқотҳои то замони соҳибистиқлолӣ шакл гирифта, мавриди шинохти умумӣ қарор гирифтааст. Муаллиф корҳои гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши адабиёти гуфтории тоҷиконро то замони истиқлол ба се марҳалаи асосӣ ҷудо намуда, ҳар кадоме аз ин марҳилаҳоро бо нишон додани вижагиҳои умда ва хос ба баррасӣ кашидааст. Агар марҳилаи аввал бо гирдоварӣ ва нашри осори гуфторӣ фарқ кунад, дар марҳилаи дуюм равишҳои гирдоварии матнҳо, усулҳои коркарди онҳо шакл гирифтааст. Дар марҳилаи сеюм (1950-1991) илми фолклоршиносии тоҷик ташаккул ва инкишоф ёфтааст.

Пажӯҳишҳои адабиёти гуфтории пас аз замони истиқлол низ ба се марҳала ҷудо карда мешаванд. Марҳалаи аввал солҳои 1991-1999, марҳалаи дуюм солҳои 2000-2009 ва марҳалаи сеюм солҳои 2010-2018-ро фаро мегирад. Марҳалаи аввал ба давраи ноорομиҳои кишвар рост меояд. Бо вуҷуди душвориҳо фолклоршиносони тоҷик фаъолияти илмиву амалии худро идома дода, ба гирдовариву пажӯҳиш ва интишори ганҷинаи халқ машғул шудаанд, маҷмӯаҳои зиёди адабиёти гуфторӣ, хосса фолклори музофоти кишвар таҳия ва нашр гардидаанд.

Пажӯҳишҳои марбут ба адабиёти гуфтории марҳалаи дуюм бо он фарқ мекунанд, ки доманаи мавзӯот нисбатан васеъ шуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ бартарӣ пайдо кардааст. Дар муқоиса ба давраи аввал дар ин марҳала омӯзиши эҷодиёти гуфтории мардумӣ хеле пеш рафта, рисола ва маҷмӯаҳои нисбатан калонҳаҷм рӯйи чоп омадаанд. Ҳар сол ба таври мунтазам доир ба адабиёти гуфтории тоҷикон таълифоте дар шакли маҷмӯа ва ё монография нашр шудааст.

Дар солҳои 2010-2018 ҷусторҳои илмӣ доир ба адабиёти гуфторӣ идома ёфта, вусъат пайдо кардааст. Ҳам дар факултети филологияи ДМТ, ҳам дар донишгоҳҳои дигари кишвар, ҳам дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адбабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, ҳам дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги ҶТ пажӯҳишҳои фолклоршиносӣ ва мероси фарҳанги моддӣ ба анҷом расонида шудаанд. Муаллиф ба тамоми ин пажӯҳишҳо аз назари нақдӣ муносибат намуда, ҳолат ва вазъияти онҳоро мухтасаран таҳлилу арзёбӣ намудааст, ки аз аҳаммияти илмиву дастурӣ холӣ нест.

Р. Раҳмонӣ ҳамчун донандаи хуби соҳа ва таҳлилгари тавоно тамоми адабиёти дар ин марҳалаҳо аз ҷониби фолклоршиносони номӣ, ҷавон ва навомӯз доир ба ин ё он бахши адабиёти гуфторӣ нашр

гардидаро баррасӣ намуда, бо зикри номи муаллифон, унвони асарҳо, шакл ва таъйиноти осор, соли нашр, муҳтаво ва амсоли ин тарҳи умумии чунин таҳқиқотро пешорӯйи хонанда намудааст.

Дар бахшҳои дигари китоби мавриди назар – «Пажӯҳишкадаи Мардумшиносӣ ва «Мардумгиёҳ»», «Дифои рисолаҳои илмӣ пас аз Истиқлоли Тоҷикистон» ва «Тадрис ва тиҳқиқи адабиёти гуфторӣ» ҷанбаҳои гуногуни шинохти адабиёти гуфторӣ таҳқиқу таҳлил шудааст. Аз ҷумла, дар мақолаи аввал доир ба заминаҳои таъсиси гоҳномаи илмӣ-оммавии фолклории «Мардумгиёҳ» (1993-2003), нақши он дар инъикоси масъалаҳои фолклоршиносӣ ва тарғиби осори шифоҳии мардуми тоҷик маълумоти муфассали илмӣ ироа гардидааст.

Мавзӯи баҳси мақолаи дуюм ба сатҳ ва ҳолати дифои рисолаҳои илмӣии пас аз Истиқлоли Тоҷикистон дифоъшуда иртибот дорад. Муаллиф аҳматҳои зиёди пажӯҳишҳои диссертатсиониро таъкид намуда, мутолиаи фаровон доштани муҳаққиқро зарур меҳисобад. Сипас дар бораи рисолаҳои илмии то охири соли 2018 аз ҷониби муҳаққиқони гуногун дифоъшуда, бо зикри номи муҳаққиқон, мавзӯи рисолаҳо, дараҷаи илмии онҳо, роҳбарони илмӣ ва санаҳои ҳимоя маълумоти библиографӣ медиҳад. Дар охири ин бахш аз муҳаққиқони ҷавоне, ки феълан аз пайи таҳқиқотҳои илмиан низ ёдовар шудааст.

Дар бахши «Равобити байналмиллалии фолклоршиносон» ҳамкориҳо ва робитаҳои байналмиллалии фолклоршиносони тоҷик пас аз истиқлолияти кишвар маълумот баррасӣ гардидааст. Бо шарофати истиқлолияти кишвар дар ин даврон олимони тоҷик имкон пайдо карданд, ки дар ҳамоишҳои илмии байналмиллалӣ бевосита иштирок ва суханронӣ намоянд, фаъолияти эҷодиашонро вусъат бахшанд, осори худро дар хориҷи кишвар ба табъ расонанд. Гарчанде доманаи ҳамкориҳои фолклошиносону мардумшиносон дар ин давра мамолики гуногунро фаро мегирад, аммо дар ин самт кишварҳои ҳамзабон – Эрону Афғонистон афзалият доранд.

Бахши ниҳоии китоб, ки «Тадрис ва тиҳқиқи адабиёти гуфторӣ» ном дорад, ба вазъи таҳқиқи эҷодиёти гуфторӣ ва таълими он дар муассисаҳои олии кишвар бахшида шудааст. Пас аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон донишгоҳу омӯзишгоҳҳои зиёде таъсис ёфтаанд ва дар аксари онҳо таълими адабиёти гуфторӣ ба роҳ монда шуд. Муаллиф вазъи кунунии таълими эҷодиёти гуфториро дар муасисаҳои таҳсилоти олии илмии кишвар, бахусус дар факултети филологияи ДМТ ва шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ баррасӣ намуда, корҳои дар ин самт баанҷомрасидаро зикр мекунад.

Аз таҳлилу арзёбиҳои муаллиф бармеояд, ки дар даврони истиқлол таҳқиқоти эҷодиёти гуфторӣ вусъат пайдо карда дар муқоиса ба замони гузашта хеле рушд кардааст. 316 номгӯйи адабиёт, ки бо забонҳои тоҷикиву хориҷӣ дар охири асар китобнома шудааст, далели ин гуфта буда метавонад. Китоб барои муҳақиқони соҳа ҳамчун дастури бузурги библиографии тавсифӣ хизмат карда метавонад.

Умуман, дар китоби мазкур осори адабиёти гуфторӣ ва мақолаҳои илмиву омавии олимони фолклоршинос ба таври обзорӣ – кутоҳу машаххас арзёбӣ шудааст, ки дар самти омӯзиши эҷодиёти гуфтории тоҷикон ва мероси фарҳангии эшон дастоварди тозаи илмӣ

мебошад. Он бо маълумоти фаровон, низоми таҳлил ва муносибати эҷодӣ як навъ дастури раҳнамоест, ки даричаи олами илми фолклоршиносии замони муосири тоҷикро барои муҳаққиқон ва алоқамандони осор ва фарҳанги мардумӣ боз мекунад. Гузашта аз ин ин асар барои муҳаққиқони ҷавон дар бобати муайян кардани дараҷаи омӯзиши ҳар гуна мавзӯи марбут ба адабиёти гуфторӣ раҳнамои муфид аст.

Китоб бо вуҷуди фарогири тамоми дастовардҳои замони Истиқлол дар соҳаи эҷодиёти гуфторӣ бо теъдоди кам – 100 нусха нашр шудааст. Умед аст, ки муаллиф имкон пайдо карда, чопи такрории онро бо теъдоди нисбатан зиёд ба роҳ мемонад.

**ТДУ 02+002+07+03+9тоҷик+655.4/5**

**Ҷумъаев М.**

# АНДАР ПАЖӮҲИШИ ВИЖАГИҲОИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛӢ

**(Чанд андеша дар бораи китоби «Вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ дар даврони истиқлол» (дар мисоли вилояти Суғд) / муаллиф ва мураттиб К. Комилов, муҳаррир М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 328 с.)**

*Дар тақриз китоби «Вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ дар даврони истиқлод» (дар мисоли вилояти Сугд) баррасӣ шудааст. Ин китоб аз пешгуфтор ва чор қисм иборат буда, дар он роҷеъ ба 18 нашрияи шаҳру навоҳӣ, нашрияҳои бачагона ва соҳавии вилояти Сугд маълумот дода шудааст. Маълумоти мухтасар роҷеъ ба мавқеи ҷойгиршавӣ ва аҳолии шаҳру ноҳия, ки қабл аз барррасии ҳар як нашрия зикр гардидааст, хонадаро бо воҳиди маъмурӣ шинос менамояд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар бораи таърихи таъсис, марҳилаҳои ташаккулу инкишоф, мавзӯву мундариҷа, шеваи инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва истифодаи жанрҳои публитсистӣ маълумоти муфассали илмӣ ироа намояд. Таърихи ташаккули нашрияҳои даврии шаҳриву ниҳоявии вилояти Сугд ба ду давра – замони шӯравӣ ва даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф шуда, хусусиятҳои хоси ҳар як давра муайян карда шудааст. Муқарриз дар баробари муваффақиятҳо нуқсону камбудиҳои асар ва зарурати дар нашрҳои минбаъда ислоҳ намудани онҳоро таъкид намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *матбуоти маҳаллӣ, мавзӯъ, мундариҷа, жанр, таҳқиқ, таҳлил, баррасӣ, арзиш, проблема, хусусият.*

Матбуоти маҳаллӣ ҷузъи муҳимми таркибии матбуоти умумиллӣ ба ҳисоб меравад. Ин намуди матбуот дар кишвари мо таърихи қариб 90-сола дорад. Дар бораи пайдоиш, таҳаввулу ташаккул, хусусият ва нақши ин типи матбуот дар пешрафти ҷомеа то замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муҳаққиқон баъзе андешаҳо баён гардида бошад ҳам. ағлаб умумианд. Истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам овард, ки ба ин шохаи матбуот таваҷҷуҳи илмӣ зоҳир карда шавад. То ба имрӯз доир ба матбуоти маҳаллӣ чандин мақолаи илмӣ ба табъ расида, ҳамчунин таҳқиқотҳои монографӣ

анҷом дода шудааст. Бо вуҷуди ин, бисёр паҳлуҳои матбуоти маҳаллии кишвар ҳанӯз мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтааст.

Бо мақсади омӯзиши вазъ ва дурнамои матбуоти маҳаллӣ аз соли 2016 инҷониб дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ПИТФИ) Лоиҳаи илмӣ-тадқиқотӣ амал мекунад. Дар доираи ин лоиҳа мақолаҳои зиёди илмӣ ва се асари алоҳида ба табъ расидааст, ки «Вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ дар даврони истиқлол» (дар мисоли вилояти Суғд) аз ин ҷумла аст. Мураттиб ва муаллифи ин китоб номзади илмҳои филология Каримбой Комилов буда, ағлаби маводи он ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Ҳамчунин мақолаҳои ҷудогонаи асар аз тарафи Эҳсон Раҷабов (се мақола), Уғулой Қоситова ва Абдуқодир Шехов (якмақолагӣ) навишта шудаанд.

Китоби мазкур аз пешгуфтор ва чор қисм иборат аст. Дар пешгуфтор, ки «Матбуоти маҳаллии вилояти Суғд қисми таркибии матбуоти тоҷик» унвон дорад, дар бораи матбуот ҳамчун саромади журналистика ва мавқеи он дар шароити пешрафти технологияи иттилоотӣ сухан рафта, таъкид карда мешавад, ки бо вуҷуди пешрафти техникаву технологияи иттилоотӣ матбуот на танҳо аз байн нарафт, балки заминаи техникии он мустаҳкам гардида, дар фазои иттилоотӣ мавқеи устувор пайдо намуд ва таъсири он ба ҷомеа бештар гардид. Матбуоти маҳаллии тоҷик чун қисми таркибии матбуоти умумимиллӣ дар замони шӯравӣ – дар солҳои сиюми асри XX арзи вуҷуд карда, дар даврони истиқлолияти давлатӣ заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти он мустаҳкам гардид. Имрӯз ҳамаи 18 шаҳру навоҳии вилоят соҳиби нашрияҳои худӣ мебошанд, ки як қисми онҳо дар замони истиқлолият ташкил карда шудаанд. Муаллиф корҳои илмии марбут ба таҳқиқи матбуоти маҳаллии вилояти Суғд ба анҷомрасидаро мухтасаран баррасӣ намуда, таъкид мекунад, дар шароите, ки истифодабарандаи иттилоъ ба рӯйдоду ҳодисаҳои маҳалли зисти худ мароқи бештар зоҳир менамояд, матбуоти маҳаллӣ дар инъикоси чунин ҳаводис нақши назаррас дошта метавонад. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши вазъи кунунӣ ва дурнамои матбуоти маҳаллӣ, ба хусус матбуоти маҳаллии вилояти Суғд саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Қисми аввали китоб «Нашриёҳои шаҳрии вилояти Суғд» унвон дошта, дар он роҷеъ ба нашриёҳои «Тирози ҷаҳон»-и Хуҷанд, «Паёми Истаравшан»-и Истаравшан, «Садои Конибодом»-и Конибодом, «Насими Исфара»-и Исфара, «Зарафшон»-и Панҷакент, «Соҳил»-и Гулистон, «Паёми Бӯстон»-и Бӯстон ва «Навиди истиқлол»-и Истиқлол маълумот дода шудааст.

Қисми дуюми асар дар бораи нашриёҳои ноҳиявии вилояти Суғд – «Хуҷанд»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, «Паёми Спитамен»-и ноҳияи Спитамен, «Иқбол»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов, «Машъал»-и ноҳияи Мастчоҳ, «Зарбдор»-и ноҳияи Зафаробод, «Набзи Деваштич»-и ноҳияи Деваштич, «Шуҳрати Ашт»-и ноҳият Ашт, «Меҳнат»-и ноҳияи Айнӣ, «Чашмаи Шаҳристон»-и ноҳияи Шаҳристон, «Паёми Кӯҳистон»-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ маълумот медиҳад.

Қабл аз пешниҳоди мавод дар бораи нашрияи ҳар як шаҳру ноҳия роҷеъ ба мавқеи ҷойгиршавӣ, аҳолӣ, таъсис ва ВАО-и он шаҳру ноҳия маълумоти мухтасар дода шудадаст, ки чунин маълумот хонан-

даро бо воҳиди маъмурӣ шинос менамояд. Баъдан дар бораи таърихи таъсис, марҳилаҳои ташаккулу инкишоф, мавзӯву мундариҷа ва корбасти жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳо сухан меравад. Таърихи ташаккули нашрияҳои даврии шаҳру навоҳии вилояти Суғд ба ду давра – замони шӯравӣ ва даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилабандӣ шуда, хусусиятҳои хоси ҳар як давра нишон дода мешавад. Муаллифон маъруфияти нашрияҳо ва нуфузи бештар пайдо кардани онҳоро дар байни хонандагон ба таҷрибаи кории кормандон, интихоби дурусти ҳайати эҷодӣ, фаъолияти оқилонаи роҳбарӣ вобаста медонанд. Татбиқи унсурҳои инноватсионии маркетингиву менеҷметӣ дар фаъолияти нашрияҳо, дастгирии ҳакуматҳои маҳаллӣ, ҷалби ҳар чи бештари реклама, озодии бештар додан ба фаъолияти нашрияҳои маҳаллӣ ва вобастагии камтар доштани онҳо ба мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, зиёд намудани миқдори обуна ва маблағи он, таҷдиди сиёсати иттилоотӣ аз ҷумлаи омилҳои пешрафти нашрияҳо, зиёд гардидани адади нашр ва ба вуҷуд омадан тағйироти сифатию миқдорӣ дар онҳо арзёбӣ мегардад. Нашрияҳои шаҳриву ноҳиявӣ пурра дар тобеияти муассисони худ – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо қарор доранд, вале дар шароити кунунӣ ин мақомот барои беҳтар намудани вазъи молиявии нашрияҳои худ имкони ҷудо кардани маблағи зиёд надорад. Аз ин рӯ, чунин тобеият на ба манфиати нашрияҳо буда метавонаду на ба манфиати ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо. Агар ба матбуоти маҳаллӣ мустақилияти бештар дода шавад, онҳо метавонанд, сохтори идории худро таҷдид намуда, аз пайи дарёфти реклама шаванд ва аз ҳисоби чопи реклама маблағи иловагӣ ба даст оранд, ки ин ҳам боиси беҳтар шудани сифати нашрияҳо мегардаду ва ҳам ба рангину ҷолиб ва хонданбоб баромадани маводи онҳо замина фароҳам меорад.

Рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявӣ симои ҳар шаҳру ноҳия мебошад, ки муассисон дар муайян намудани мавқеъ ва сиёсати иттилоотии онҳо нақши муассир дошта метавонанд. Масъалаҳое, ин навъи матбуот баррасӣ ва инъикос менамояд, матбуоти сатҳи ҷумҳуриявию вилоятӣ инъикос карда наметавонад. Таваҷҷуҳи ин навъи матбуот бештар ба ҳалли проблемаҳои маҳал равона карда шавад, зеро хонандаи он одатан мардуми маҳал мебошанд, ки дар саҳифаҳои рӯзнома инъикос гардидани проблемаву мушкилоти ҳаёти худро интизоранд. Аз ин рӯ, бо мардуми маҳал қарин будани нашрияҳои даврии маҳаллӣ ва инъикоси проблемаву мушкилоти онҳо аз муваффақияту маҳбубияти ин навъи матбуот дар байни хонандагон дониста мешавад. Маҳз сиёсати консервативии ҳукуматҳои маҳаллӣ боиси он гардидааст, ки ин нашрияҳо имрӯз проблемаҳои маҳалро ба таври бояду шояд инъикос накарда, роҳбарони ин ё он ниҳоди шаҳриву ноҳиявиро, ки ҳалли масъалаҳо ба онҳо вобаста аст, мавриди танқид қарор дода наметавонанд. Ҳамин аст, ки рӯзномаи маҳаллӣ вазифаи худро иҷро ё он чизе, ки хонанда интизор аст, дар саҳифаҳои худ инъикос карда наметавонад. Куҳнаву фарсуда гардидани базаи техникии нашрияҳои маҳаллӣ, ночиз будани кӯмакпулии муассисон, кам будани маоши кормандон, нарасидани кадрҳои журналистӣ, дар идораи нашрияҳои маҳаллӣ хоҳиши кор кардан надоштани ҷавонон аз зумраи мушкилоти мавҷуда дониста мешаванд. Ҷалби ҷавонони лаёқатманде, ки тавонанд қолабҳои

куҳнаро шикаста, дар фаъолияти нашрияҳои маҳаллӣ имкониятҳои нави инноватсионии маркетингиву менеҷментиро ба роҳ монанд ва бо ин восита шаклу мундариҷаи ин нашрияҳоро тағйир диҳанд, ба инъикоси проблемаҳои маҳал рӯ овардани нашрияҳои шаҳриву ноҳиявӣ, тағйир додани муносибати муассисон нисбат ба нашрияҳои маҳаллӣ, пешниҳоди имтиёзҳо, аз ҷумла бо назардошти ҳимояи манфиатҳои мардум ва таъмини фазои итттилоотӣ аз андоз озод намудани ин типи нашрияҳо аз омилҳое дониста мешаванд, ки боиси ба вуҷуд омадани тағйироти миқдориву сифатӣ дар матбуоти маҳаллии сатҳи шаҳриву ноҳиявӣ гардида метавонанд.

Қисми сеюми асар дар бораи мутбуоти бачагонаи вилояти Суғд мебошад. Дар ин қисм дар бораи таърихи таъсис, марҳилаҳои рушд, мазмуну мундариҷа, шаклу ороиш ва сифати нашрияҳои бачагонаи «Лочин», «Ворисони Суғд» ва «Корвони умед» маълумот ҷой дода шудааст.

Қисми чорум «“Саломат бошед” – нашрияи тиббии вилоят» унвон дошта, ба нашрияи омавии соҳаи тандурустии вилояти Суғд бахшида шудааст. Дар он дар бораи таърихи таъсис, хусусиятҳои шакливу ороишӣ, мазмун ва мундариҷа, нақши нашрия дар инъикоси рӯйдодҳои соҳа ва проблемаҳои ҳифзи сиҳатии омма пажӯҳиш анҷом дода шуда, маводи шумораҳои алоҳидаи нашрия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Китоб бо мақолаи «Вазъ ва дурнамои матбуоти маҳаллии вилояти Суғд» хотима меёбад. Дар он зикр шудааст, ки муассисон бояд ба кормандони нашрияҳои маҳаллӣ дар интихоби мавзӯъ, воқеъбинона инъикос намудани мушкилоту проблемаҳо ва муносибати интиқодӣ намудан ба камбудиҳои ҷойдошта монеа эҷод накунанд. Сармуҳаррирони нашрияҳо низ бояд ҳангоми интишори мавод майлу хоҳиши хонандагонро ба эътибор гиранд. Дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ таъсис додани сомонаҳои интернетии нашрияҳои маҳаллӣ ҳам яке аз роҳҳои иртибот бо хонандагон ба ҳисоб рафта, ҳам боиси зиёд шудани аудиторияи ин навъи матбуот мегардад. Ҳамчунин сатҳ ва арзиши хизматрасонии почта низ барои дастрас намудани матбуоти маҳаллӣ ба хонандагон аҳаммияти калон дорад. Дар шароите, ки аксари нашрияҳои маҳаллӣ дар ҳолати ногувор қарор доранд, нархи хизматрасонии почта низ ниҳоят гарон мебошад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, роҳҳои алтернативии паҳн намудани матбуоти маҳаллӣ ҷустуҷӯ ва истифода карда шавад. Дар хотима зарурати мавҷуд будани нашрияҳои маҳаллӣ дар фазои иттилоотии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зарур дониста мешавад, зеро дар шароити рақобати иттилоотӣ агар нашрияҳои маҳаллӣ аз байн раванд, ҷойи холии фазои иттилоотии маҳалҳоро ахбори бегона пур менамояд, ки ин ба мафкураи аҳолии маҳал таъсири манфӣ хоҳад расонд.

Албатта, таҳлилу баррасии тамоми паҳлуҳои фаъолияти нашрияҳои даврии шаҳру ноҳияҳои як минтақаи кишвар дар доираи як асар аз имкон берун аст. Бо вуҷуди ин, китоби «Вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ дар даврони истиқлолол» (дар мисоли вилояти Суғд)-ро дар маҷмӯъ як асари пажӯҳишӣ номидан мумкин аст, ки дар он доир ба матбуоти маҳалии як минтақа маълумот ҷамъ оварда шудааст. Чопи чунин асар аз чанд ҷиҳат муҳим мебошад:

– Дар бораи таърихи пайдоиш ва ташаккули матбуоти маҳаллии шаҳру навоҳии як минтақа маълумоти нисбатан мукаммал медиҳад:

– Барои таҳқиқотҳои густурдаи илмӣ дар ин самт замина фароҳам оварда, кори муҳаққиқони соҳаро осон менамояд;

– Дар ин замина дар бораи матбуоти маҳалии минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ чунин асарҳо навиштан имконпазир аст;

– Аз рӯйи маводи он дар факултету шуъбаҳои журналистика курсу семинарҳои махсуси таълимӣ метавон ҷорӣ намуд;

– Маводи дар асар ҷамъовардашударо ҳангоми таҳқиқи бисёр масъалаҳои назарияи журналистика ва таърихи матбуоти тоҷик дар замони истиқлол истифода бурдан мумкин аст;

– Донишҷӯён факултету шуъбаҳои журналистика ва унвонҷӯёни соҳа маводи онро ҳангоми навиштани корҳои эҷодиву илмӣ истифода карда метавонанд;

– Таваҷҷуҳи масъулини шаҳру ноҳияҳоро барои бартараф намудани проблемаҳои матбуоти маҳаллӣ ва ҳалли мушкилоти он ҷалб хоҳад намуд.

Умуман, асари «Вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ дар даврони истиқлол» (дар мисоли вилояти Суғд)-ро метавон асари муҳимми таҳқиқотӣ дар соҳаи журналистика номид. Бо вуҷуди ин, дар асар баъзе ғалату камбудиҳо ба назар мерасад, ки дар нашрҳои минбаъда ислоҳ намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Агар дар бораи нашрияҳои вилоятии «Ҳақиқати Суғд», «Согдийская правда» ва «Суғд Ҳақиқатӣ» низ маълумот дарҷ мегардид, он матбуоти маҳаллии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро дар бар мегирифт ва хонанда аз он дар бораи матбуоти се сатҳи вилояти Суғд мавод дастрас карда метавонист;

2. Дар фасли «Истифодаи жанрҳо дар нашрияи “Тирози ҷаҳон”» танҳо дар бораи жанрҳои хабарӣ – навъҳои хабар ва мусоҳиба сухан меравад. Мавқеи дигар жанрҳо аз мадди назар дур мондааст. Хуб мебуд, мавқеи жанрҳои дигари матбуот – таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Дар сурати маълумот надодан дар бораи дигар жанрҳо номи фаслро «Истифодаи жанрҳои ахборӣ дар нашрияи “Тирози ҷаҳон”» гузоштан мумкин буд;

3. Баъзе маводи асар бо хулоса ҷамъбаст намешавад. Масалан, маълумоте, ки дар бораи нашрияи «Тирози ҷаҳон» аст, хулоса надорад, аммо маводе, ки дар бораи «Паёми Истаравшан» маълумот медиҳад, на танҳо хулоса дорад, балки дар ин мавод барои беҳтар гардидани мазуну муҳтавои нашрия пешниҳодоти муаллиф низ ҷой дода шудаанд;

4. Таносуби мавод дар асар риоя намешавад. Масалан, маводи ба нашрияи «Зарафшон»-и шаҳри Панҷакент бахшидашуда ҳамагӣ 9 саҳифа мебошаду маводи ба «Соҳил»-и шаҳри Гулистон бахшидашуда 16 саҳифаро дар бар мегирад. Ҳол он ки он ки «Зарафшон» собиқаи қариб 80-сола дораду «Паёми Бӯстон» ҳамагӣ 21 сол қабл таъсис дода шудааст. Ба ҳамин монанд ба нашрияи «Соҳил», ки собиқаи 17-сола дорад, нисбат ба «Зарафшон»-и дорои таърихи тӯлонӣ 8 саҳифа бештар мавод бахшида шудааст;

5. Шумораи якуми нашрияи «Зарбдор»-и ноҳияи Зафаробод на моҳи декабри соли 1968, балки 1-уми январи соли 1968 аз чоп барома-

дааст. Ин шумора дар бойгонии Хонаи китоби Тоҷикистон мавҷуд аст ва ҳатто муаллифи ин сатрҳо маводи ин шумораро пурра таҳлил намудааст;

6. Дар ҷобаҷогузории мавод хронология риоя нашудааст, хуб мешуд дар аввал нашриёҳои собиқадор ҷой дода мешуданду баъдан бо навбат нашриёҳои собиқаашон камтар;

7. Муалифон адабиёти умуминазарии муҳаққиқону назариячиёни журналистикаи тоҷикро доир ба матбуоти маҳаллӣ истифода карда бошанд ҳам, таҳқиқоти солҳои охир дар бораи матбуоти маҳаллӣ анҷомдодаи кормандони шуъбаи ахбори омма ва табъу нашри ПИТФИ аз madди назари эшон дур мондааст. Ҳол он ки тайи се соли охир аз тарафи ходимони шуъбаи ахбори омма ва табъу нашри ПИТФИ роҷеъ ба матбуоти маҳаллӣ, бахусус дар бораи матбуоти шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи вилояти Суғд чандин мақолаи илмӣ ба табъ расонда шудааст, ки истифода аз онҳо мазмун ва мундариҷаи асарро боз ҳам рангинтару ғанитар менамуд;

8. Дар баробари вазифаҳои иттилоотию таҳлилӣ, иртиботию ташкилотчигӣ, иҷтимоиву муттаҳидсозӣ, тарбиявию маърифатӣ, фароғатию истироҳатӣ, рекламавию маълумотдиҳӣ ва сиёсиву сафарбаркунӣ, ки муаллифон зикр намудаанд, яке аз вазифаҳои дигари идораи нашриёҳои маҳаллӣ тарбияи кардҳои ҷавони рӯзноманигорӣ ва ба майдони эҷод овардани қаламкашони боистеъдод мебошад. Ба ибораи дигар, нашриёҳои маҳаллӣ ҳамчун як навъ мактаби омода намудани захираҳои кадрӣ барои матбуоти сатҳи болоӣ ба ҳисоб меравaнд. Беҳтарин қаламкашоне, ки дар мактаби эҷодии нашриёҳои шаҳриву ноҳиявӣ тарбия меёбанд, баъди сайқал додани донишу маҳорати эҷодии худ фаъолияташонро дар ВАО-и чопӣ ва электронии сатҳи вилоятиву ҷумҳурӣ идома медиҳанд, ки ин низ набояд аз madди назар дур монад.

Вале нуқсонҳои ҷузъии зикршуда ҳаргиз қимати илмиву амалии асарро кам нахоҳанд кард. Маълумоти дар он дарҷгардида барои устодону донишҷӯён ва аспирантону муҳаққиқони соҳаи журналистика ниҳоят муфид мебошад.

**ТДУ 598+9тоҷик+008+37тоҷик+59тоҷик**

**Раҳимов И.**

# ПАЖӮҲИШЕ СУДМАНД ОИД БА НАВРӮЗ ВА ДИГАР ҶАШНҲОИ МИЛЛӢ

*(Тақриз ба китоби Дилшод Раҳимӣ Наврӯз, Меҳргон ва ҷашнҳои дигари ниёгон. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 304 с.)*

Дар арафаи ҷашни Сада хабари нашр шудани китоби Дилшод Раҳимӣ таҳти унвони «Наврӯз, Меҳргон ва ҷашнҳои дигари ниёгон» расонаӣ гашт ва хеле мехостам, ки ин китобро ба даст гирам. Хушбахтона, китобро дастрас ва мутолиа кардам ва дар ин ҷо доир ба ин асар назари худро баён мекунам.

Китоб аз пешгуфтор ва се рисола иборат буда, рисолаи якум «Наврӯз ва суннатҳои он», рисолаи дуюм «Меҳргони заррин» ва рисолаи сеюм «Ҷашнҳои дигари ниёгони тоҷикон» ном дорад. Бахши ҳаҷман фарогири китоб рисолаи якум буда, дар он маълумоти мушаххас доир ба Наврӯз оварда шудааст. Нисбат ба китобҳо ва мақолаҳои дигаре, ки доир ба Наврӯз баҳс мекунанд, рисолаи номбурда афзалияти бештареро молик аст ва онро метавонем, ки дастоварди илмии муаллиф дар шинохти Наврӯз номем. Воқеан, Наврӯз ҷашне аст чандҳазорсола ва дар баробари ин ҷашне аст, ки бояд онро аз сари нав, бо тафаккури нав, бо андешаи нав шиносем, зеро Наврӯз ошнои деринаи миллати мо аст, ки бояд бештар аз пештар онро шиносем.

Наврӯз омили муҳимми муттаҳидкунандаи сокинони ҳар минтақаи Тоҷикистон ва дар баробари ин баҳамоварандаи мардумони гуногунмиллату гуногунзабон аст. Ана ҳамин хусусияти Наврӯз – омили муттаҳидкунандаи мардум дар рисолаи якуми китоби Д. Раҳимӣ ба таври васеъ инъикос гаштааст. Хонанда дар он Наврӯзи як минтақаро не, балки Наврӯзеро эҳсос мекунад, ки дар тамоми ҳудуди тоҷикнишин онро ҷашн мегиранд: аз қуллаҳои Бадахшон то Хатлону Ҳисору Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Истаравшану Конибодом, Сӯху Раштон, Фарғона ва амсоли инҳо.

Рисолаи якуми китоб «Наврӯз ва суннатҳои он» аз шонздаҳ фасл иборат буда, доир ба таърихи Наврӯз, суннатҳои наврӯзӣ, дастархони наврӯзӣ, шугунҳои наврӯзӣ ва бозтоби Наврӯз дар фолклори тоҷик баҳс мекунад. Муҳтавои фаслҳои «Заминаҳои асотирии Наврӯз», «Муайян кардани замони фарорасии Наврӯз дар гоҳшумориҳои мардуми тоҷик», «Ҷойгоҳи рамзҳо дар Наврӯзи тоҷикон», «Ҳафт син ё дастархони наврӯзӣ», «Шугун ва боварҳои марбут ба Наврӯз», «Наврӯзи Бадахшон – Шогун баҳор» натиҷаи таҳқиқоти муаллиф аст, ки ба илми тоҷик сухани нав, далели нав дар шинохти Наврӯз пешниҳод карда, андешаҳои ғалат перомуни масъалаҳои роҷеъ ба ин ҷашни суннатиро ислоҳ мекунад ва воқеияти илмиро пеши рӯи хонанда мегузорад.

Дар китоби Авасто истилоҳи Наврӯз ба кор нарафтааст. Ҳамчунин муҳаққиқ Д. Раҳимӣ таъкид мекунад, ки дар ин китоби куҳани гузаштагон доир ба фуруд омадани фравартиҳо – арвоҳ маълумот дода шудааст. Ҳамин тавр, фуруд омадани фравартиҳо дар моҳи охири соли куҳан ҷашн гирифта шуда, даҳ рӯз идома мекард ва андеша чунон буд, ки дар ин фасл рӯҳи одамону рустаниҳо ба ҷунбиш медароянд. Дар ин рӯзҳо маросимҳои бузургдошти арвоҳи гузаштагон баргузор мегашт. Ин андешаи асотирии мардуми ориёӣ то кунун дар минтақаҳо боқӣ монда, дар баъзе ҷойҳо дар айёми наврӯзӣ барои хурсанд кардани арвоҳи гузаштагон нӯкча фурӯзон мекунанд (ниг.: с.43).

Наврӯз рамзҳои худро дорад, ки ин масъала низ дар китоб зикр гаштааст. Дар минтақаҳои Тоҷикистон дар Наврӯз ба рӯи дастархони ҷашнӣ тухми мурғ мегузоранд, гоҳо тухмро ранг мекунанд, кӯдакон тухмҷанг мекунанд. Аммо мардум рамзи чӣ будани тухми мурғро дуруст гуфта наметавонад. Дилшод Раҳимӣ ба ин масъала низ таваҷҷуҳ кардааст ва рамзи махсус доштани тухми мурғро чунин шарҳ медиҳад. «Дар суфраи наврӯзӣ, ки дарбаргирандаи ашёи рамзӣ мебошад, аз даврони қадим ниҳодани тухми мурғ расм буд. Онро ба хотири Аҳура Маздо мегузоштанд, ки рамзи офариниш ба шумор мерафт» (с.125). Ба

андешаи Д. Раҳимӣ яке аз рамзҳои дигари наврӯзӣ сафедӣ аст, яъне ашёе, ки ранги сафед доранд ва ё дохилашон сафед аст. Себу сири дастархони наврӯзӣ ҳам ранги сафед дорад. Ба андешаи муҳаққиқ ранги сафедро ниёгони тоҷикон ҳамчун рамзи сулҳу осоиштагӣ ва кушоиши кор шуморида, дар таҳияи хӯроку либос ва ороиши хона аз он ба таври васеъ истифода мекарданд. Одатан, ширу ширбиринҷ ва ғизоҳои сафеди наврӯзӣ рамзи покӣ ва тозагиро доштааст. Дар баробари ин худи ҷашни Наврӯз рамзи баракату фаровонӣ дониста мешавад.

Дар қисмати марбут ба дастархони наврӯзӣ муаллиф таъкид менамояд, ки дар байни тоҷикон оростани дастархони «ҳафт син»-у «ҳафт шин» нисбатан баъдтар пайдо шудааст. Ниёгони мо бештар дар дастархони наврӯзӣ табақи ҳафтмева, хӯрокҳои ғалладор ва сафедрангро мегузоштанд.

Дар рисолаи аввал дар фасли «Муайян кардани замони фарорасии Наврӯз дар гоҳшумориҳои мардуми тоҷик» Д. Раҳимӣ ба масъалаи тақвимҳои мардумӣ таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои худро баён кардааст. Гарчанд ки дар бораи тақвимҳои наврӯзӣ олимони зиёде таҳқиқот кардаанд, ин қисмати асарро як навъ ҷамъбасткунандаи он мавзӯъ номидан мумкин аст. Ба андешаи Д. Раҳимӣ тақвими «Офтоб дар мард» як навъ тақвиме аст, ки алҳол дар Бадахшон ва баъзе қисматҳои Покистону Афғонистон аз он истифода мебаранд. Тибқи ин тақвим офтоб якчанд рӯз дар қисматҳои гуногуни бадани инсон (мард) қарор мегирад. Мутобиқи тасаввуроти тоҷикон се рӯзи қарор гирифтани офтоб дар дил – Сари сол ва ё худ Наврӯз аст. Ҳамчунин дар ин фасли китоб одати ситораҳоро дар ҷойҳои махсуси кӯҳистон – Наврӯзгоҳҳо мушоҳида кардану ҷашн гирифтани Наврӯз, расидани сояи офтоб ба нуқтаҳои нишонашуда, муайян кардани Наврӯз аз кӯчбандии ҷонварон ва амсоли инҳо маълумоти аҷиб ва шавқовар гирдоварӣ гаштааст.

Ҳамчунин дар рисолаи якум ба таври муфассал тарзи баргузории Наврӯз дар Бадахшон ва ё худ Шогун баҳор тасвир гаштааст.

Дар рисолаи дуюми китоб, ки «Меҳргони заррин» ном дорад, доир ба ҷанши Меҳргон, таърихи пайдоиш ва дастархони ҷашнии он маълумот дода шудааст. Дар ин рисола низ мисли рисолаи аввал аз сарчашмаҳои тоисломӣ, аз асотири қадимаи ориёӣ, аз асарҳои асримиёнагии арабиву форсӣ ва тоҷикӣ истифода карда, муаллиф андешаҳои худро баён кардааст.

Ин рисола барои муаррифии илмии ҷашни Меҳргон, русуму одоби он дастури хубе буда метавонад. Аммо мушоҳида мегардад, ки мавод доир ба ҷашни Меҳргон нисбати ҷашни Наврӯз камтар аст. Эҳсос мешавад, ки дар ин самт бояд таҳқиқоти майдонӣ, экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва амсоли инҳоро гузаронидан лозим аст.

Муҳаққиқ доир ба суфраи Меҳргон андешаҳояшро баён карда, муайян менамояд, ки дар суфраи ин ҷашн лимӯ, шакар, гули нилуфар, себ, хӯшаи ангур, ҳафт дона муруд, хӯшаи гандум, ойина ва паймонаи тарозуро мегузоштанд. Дар ин бора на ҳама кас маълумот дорад. Ҳамаи ин ашёи номбурда рамзи Меҳр ва ё худ Митро ба шумор рафтааст.

Дар рисолаи сеюми китоб доир ба ҷашнҳои Шаби Ялдо, Сада, ҷашни Ҳут, Исфандормазгон, Тиргон ва ойини Обрезгон маълумот дода шудааст, ки барои аксари хонандагони тоҷик иттилооти нав аст.

Китоб афзалиятҳои фаровон дорад ва дар баробари ин аз баъзе нуқсонҳо орӣ нест. Аз ҷумла, дар он такрори андешаҳо ба назар мерасад. Масалан, доир ба масъалаи асотири ҳафт син ҳам дар қисмати «Заминаҳои асотирии Наврӯз» ва ҳам дар «Ҳафт син» ё дастархони наврӯзӣ» маълумот дода шудааст.

Дигар норасойии китоб ҳаҷман кам будани рисолаҳои дувум ва севум аст. Шояд кам будани мавод ва ё эҳтиёҷи чопи таъҷилии китоб фурсат надодааст, ки доир ба ҷашнҳои Меҳргон, Сада, Шаби Ялдо, Исфандормазгон ва амсоли инҳо маълумоти фарохтаре пешорӯи хонанда қарор бигирад.

Китоби номбурда ҳамагӣ 300 нусха ба нашр расидааст, аммо ин теъдод кам аст. Аз сабаби он ки асар аҳамияти амалӣ ҳам дорад, беҳтар мебуд, ки он ба теъдоди аз ин ҳам зиёдтар ба нашр расад ва масъулони таҳияи чорабиниҳои марбут ба ин ҷашнҳо – кормандони соҳаи фарҳанг, бахшҳои кор бо занон, кор бо ҷомеа ва умуман кулли аҳолӣ аз он истифода баранд.

Тоҷикистон айни замон дар арафаи ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО ворид намудани ҷашнҳои Меҳргон ва Сада қарор дорад ва таълифу нашри чунин китобҳо кӯмак мерасонад, ки ин кор ҳарчи зудтар амалӣ гардад.

Дилшод Раҳимӣ корманди Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот буда, шоҳиди онем, ки дар сафарҳои худ ба шаҳрҳо ва ноҳияҳои Тоҷикистон аз пайи таҳқиқоти фолклорӣ ва этнографӣ мебошад. Умед мекунем, ки китобҳои нави Д. Раҳимиро доир ба ҷашнҳо ва фарҳанги миллӣ мутолиа хоҳем кард.

## МУАЛЛИФОН:

**Абдуллоев А.,** ходими калони илмии ПИТФИ.
**Аминов А.,** мудири шуъбаи илмӣ-методии ПИТФИ.
**Буризода Қ.**, номзади илмҳои таърих, директори Хонаи китоби Тоҷикистон.
**Зубайдов А.,** номзади илмҳои таърих, муовини директори ПИТФИ оид ба илм.
**Мадимарова Г.,** ходими калони илмии ПИТФИ.
**Муллоаҳмад М.** доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АУ ҶТ.
**Муродов М.,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи ахбори омма ва табъу нашри ПИТФИ.
**Набиев В.,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров
**Неккадамов Т.,** ходими калони илмии ПИТФИ.
**Раҳимов И.,** номзади илми филология, декани факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.
**Раҷабов А.,** директори Сирки давлатии Тоҷикистон.
**Титова О.,** ходими Хонаи китоби Тоҷикистон.
**Фармон Ф.,** мудири шуъбаи фарҳанг ва санъатшиносии ПИТФИ.
**Ҷумъаев М.,** номзади илмҳои филология, ходими пешбари илмии ПИТФИ.
**Яздонӣ Ф.,** магистранти соли якуми Донишкадаи давлатии санъат ва дизайни Тоҷикистон.

## АВТОРЫ:

**Абдуллоев А.,** старший научный сотрудник НИИКИ.
**Аминов А.,** заведующий научно-методическим отделом НИИКИ.
**Буризода К.,** кандидат исторических наук, директор Дома книги Таджикистана.
**Джумаев М.,** кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник НИИКИ.
**Зубайдов А.,** кандидат исторических наук, замистителя директора НИИКИ по науке.
**Мадимарова Г.,** старший научный сотрудник НИИКИ.
**Муллоахмадов М.,** доктор филологических наук, Член корреспондент АН Р
**Муродов М.,** доктор филологических наук, профессор, зав. отделом СМИ и издательского дела НИИКИ.
**Набиев В.,** доктор исторический наук, профессор ХГУ им. Бободжон Гафурова.
**Неккадамов Т.,** старший научный сотрудник НИИКИ.
**Раджабов А.,** директор Государственного цирка Таджикистана.

**Рахимов И.,** кандидат филологических наук, декан факультета востоковедения ХГУ имени Б. Гафурова.
**Титова О.,** сотрудник Дома книги Таджикистана.
**Фармон Ф.,** старший научный сотрудник НИИКИ.
**Яздонӣ Ф.,** магистрант первого курса Государственного института изобразительного искусства и дизайна Таджикистана

## AUTHORS:

**Abdulloev A.** Senior researcher of the Centre for cultural heritage of Tajiks.
**Aminov A.**, Head of the Scientific and methodical Department of the RICI.
**Burizoda K.B.,** Candidate in historical studies, Associate Professor. Director of the Book Chamber of Tajikistan.
**Davlatov F.,** Head of the Department of Art and Cultural studies of the RICI.
**Jumaev M.O.** Candidate in philological studies, leading scientific worker at the Department of Mass Media and Publishing issues of the RICI.
**Madimarova G.,** Senior researcher of the Centre for cultural heritage of Tajiks.
**Mulloahmad M.,** Doctor of philological studies, Corresponding member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan.
**Murodov M.,** Doctor of philological sciences, Head of the Department of Mass Media and Publishing issues of the RICI.
**Nabiev V.,** Doctor of Historical Sciences, Professor of Khujand State University named after Bobojon Gafurov
**Nekqadmov T.** Senior researcher of the Department of Art and Cultural studies of the RICI.
**Radjabov A.,** Director of the State Circus of Tajikistan.
**Rakhimov I.,** Candidate of philological sciences, Dean of the faculty of Oriental studies, KSU named after B. Gafurov.
**Titova O.** researcher of the Book Chamber of Tajikistan.
**Yazdoni F.,** first year magistrant of the Tajik State Institute of Art and Design.
**Zubaydov A.** Candidate in historical sciences, Deputy Director of the RICI.

## МУНДАРИҶА

### Фарҳангшиносӣ


**Набиев В.** Фарҳанг ва таҳкими риштаҳои дӯстӣ.....................................5
**Зубайдов А.** Ҳифз ва гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................16


### Мероси фарҳангӣ


**Мадимарова Г.** Боҷайём – мужда аз фарорасии ҷашни Наврӯз дар Бартанг.........................................................................24
**Абдуллоев А.** Вазъи имрӯзаи ҳунари сабадбофӣ дар Тоҷикистон.........29


### Фаъолияти иҷтимоиву фарҳангӣ


**Буризода Қ.** Таърих ва вазъи муосири хадамоти библиографӣ............36
**Титова О.** Фаъолияти инноватсионии Агентии миллии созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – хонаи китоби Тоҷикистон.........................................................................44
**Яздонӣ Ф.** Баррасии бархе аз вижагиҳои ҳунари меъмории Ғуриҳо......52
**Муллоаҳмад М.** Нусхаҳои хаттӣ ва шинохту нигаҳдории онҳо.............60


### Санъатшиносӣ


**Давлатов Ф., Раҷабов А.** Назаре ба таърихи сирки тоҷик ва вазъи имрӯзаи он......................................................................66
**Неккадамов Т.** Нақши Бахтулҷамол Карамхудоев дар рушди театри тоҷик.........................................................................75


### ВАО ва табъу нашр


**Муродов М.** Баъзе андешаҳо доир ба вазъи имрӯзаи матбуоти маҳаллӣ ва дурнамои он....................................................................86
**Ҷумъаев М.** Чашмандозе ба дирӯз ва имрӯзи нашрияи «Кулябская правда»......................................................................97


### Танқид ва китобиёт


**Муродов М., Аминов А.** Раҳнамои муфид.............................................109
**Ҷумъаев М.** Андар пажӯҳиши вижагиҳои матбуоти маҳаллӣ..............112
**Раҳимов И.** Пажӯҳише судманд оид ба Наврӯз ва дигар ҷашнҳои миллӣ.........................................................................118
**Муаллифон**.........................................................................121

## СОДЕРЖАНИЕ

**Культурология**

**Набиев В.** Культура и укрепление узы дружбы……………………………..5
**Зубайдов А.** Сохранение культурных ценностей в свете послания Президента Республики Таджикистан…………………………………….16

**Культурное наследие**

**Мадимарова Г.** Боджайём - известие о наступлении праздника Навруз в Бартанге………………………………………………………….24
**Абдуллоев А**. Современное состояние ремесла плетения корзин……………………………………………………………………29

**Социально-культурная деятельность**

**Буризода К.** История и современное состояние библиографического обслуживания……………………………………..36
**Титова О.** Инновационная деятельность национального агентства международной организации стандартной нумерации книги – дома книги Таджикистана……………………………………………………..…44
**Яздони Ф.** Изучение некоторых особенностей архитектуры Гуридов……………………………………………………………………..52
**Муллоахмад М.** Рукописьное наследие, их исследование и сохранение…………………………………………………………………60

**Искусствоведение**

**Давлатов Ф., Раджабов А.** Взгляд на историю Таджикского цирка и его нынешнее состояние…………………………………………66
**Неккадамов Т.** Роль Бахтулджамола Карамхудоева в развитии таджикского театра…………………………………………………….…75

**СМИ и издательское дело**

**Муродов М.** Некоторые размышления о современном состоянии местной печати и её перспективах…………………………………………86
**Джумаев М.** Чашмандозе ба дирӯз ва имрӯзи нашрияи «Кулябская правда» («Ҳақиқати Кӯлоб»)………………………………...97

**Критика и библиография**

**Муродов М., Аминов А.** Полезное путеводитель..................................109
**Джумъаев М.** Об иследование особеннности местной печати...........................................................................................................112
**Раҳимов И.** Полезное исследование об Навруза и другие национальние праздники..................................................................118
**Авторы**.........................................................................................................121

## CONTENTS

### Cultural studies

**Nabiev V. N**. Culture and strengthening of bonds of friendship ...............5
**Zubaydov A.** Safeguarding of the cultural values within the Address of President of the Republic Tajikistan ..............................................16

### Cultural heritage

**Madimariova G.** Bojayam – harbinger of the upcoming Navruz holiday in Bartang ....................................................24
**Abdulloev A.** Contemporary state of the basketry craft in Tajikistan ........29

### Social and cultural activities

**Burizoda K.** History and current status of the bibliographic service .........36
**Titova O.** Innovative activity of the national agency of the international organization standard book numbering – book chamber of Tajikistan ........44
**Yazdoni F.** The study of some features Ghurid dinasty architecture .........52
**Mulloahmad M.** Manuscript heritage and their study and safeguarding.....60

### Art studies

**Davlatov F.**, **Radjabov A.** A view to history of Tajik circus and its contemporary situation .......................................................66
**Nekqadamov T.** The role Bakhtuljamol Karamkhudoev in the development of the Tajik theater ........................................................75

### Mass Media and publishing issues

**Murodov M.** Some thoughts on current state of the local press and its perspectives ..............................................................86
**Jumaev M**. Some thoughts about the publication "Kulyabskaya pravda" ("Kulob truth») ..........................................................97

### Review and critiques

**Murodov M., Aminov A.** A useful guide.....................................109
**Jumaev M**. A stady on local press features.....................................112
**Rahimov I.** A useful study on Navruz and other national holidays ............118
**Authors** ......................................................................121

## Ба таваҷҷуҳи муаллифон

Дар маҷаллаи «Паёмномаи фарҳанг», асосан, мақолаҳои фарогирандаи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба соҳаҳои фарҳанг, санъат, китобдорӣ, ахбори омма ва табъу нашр, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра, ки дар худ навгонӣ доранд, чоп карда мешаванд.

Ҳангоми ирсоли мақолаҳо муаллифон бояд қоидаҳои зеринро ҷиддан риоя намоянд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни анотатсия бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ набояд аз 10 саҳифаи чопи компютерӣ зиёд бошад;

2. Мақола бояд дар системаи Microsoft Word тайёр карда шавад. Дар баробари нусхаи чопии мақола бо файли зарурӣ, нусхаи электронии он низ пешниҳод карда мешавад. Дастнавис бояд дар компютер (тариқи Times New Roman Tj) бо риояи ҳарфҳои андозаи 14, формати А 4, фосилаи байни сатрҳо 1,5 см., ҳошияҳо: боло - 3 см., поён -2,5 см., чап – 3 см., рост- 2 см; дар як саҳифа 30 сатр ва дар як сатр 60 аломат ҳуруфчинӣ шуда бошад. Ҳамаи саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд;

3. Ҷадвалҳои ба мақола алоқаманд, бояд дар матн бо рақамҳои лотинӣ зикр шаванд, номи ҷадвал баъд аз рақами гузошта оварда шавад;

4. Дар тарафи рости болои саҳифаи якуми мақола соҳаи илме, ки дар он мақола нашон дода мешавад, як сатр поён дар қисми чапи саҳифа ТДУ, дар сатри дигар насаб ва номи муаллиф бо зикри номи муассисаи пажӯҳишӣ ва ё таълимӣ, суроға e-mail ва рақами телефонҳо ва пас аз он дар маркази саҳифа унвони мақола ҷой дода мешавад. Баъд аз як фосила фишурдаи мақола бо забони асл ва калидвожаҳо, баъдан матни пурра, адабиёт ва пасон фишурдаҳо бо забонҳои русӣ (агар мақола русӣ бошад, ба забони тоҷикӣ) ва англисӣ бо калидвожаҳо (8-10 калима) оварда мешавад;

5. Рӯйхати адабиёт баъд аз матни мақола бо тартиби умумӣ зикр мешавад. Он бояд на камтар аз 6-8 номгӯи адабиёти асосиро дар бар гирад. Қоидаи тартиб додани рӯйхати адабиёт дар шакли насабу номи муаллиф, унвони асар, маҳалли нашр, нашриёт, соли нашр, ҷилд ва ё шумора, теъдоди умумии саҳифаҳо ва ё саҳифаҳои мақола бояд риоя шавад. Иқтибосҳо дар матн бо ишораи қафсайни росткунҷа ба таври мисол [1] [1, 3] нишон дода шаванд. Пеш аз маҳалли нашр аломати нуқта тире (. –), байни маҳалли нашр ва нашриёт аломати баён (:), пеш аз соли нашр вергул (,) ва пеш аз саҳифаи умумӣ (. –) гузошта мешавад. Иқтибос аз корҳои интишорнаёфта иҷозат дода намешавад.

6. Мақолаҳои илмие, ки ба идораи нашрия ворид мешаванд, бояд хулосаи коршиносон ва ё тақризи мутахассисони соҳаро доир ба зарурати нашри он дошта бошанд;

7. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақолаҳои илмиро таҳрир ва ихтисор кунад ва ё онро дар бойгонии худ нигоҳ дорад. Дар ҳолати ба муаллиф баргардонидани мақола барои такмил таърихи қабули он ва рӯзи пешниҳоди матни ниҳоии мақола муайян мегардад. Мақолаҳое, ки ба талаботи зикршуда мувофиқ нестанд, ҳайати таҳририя намепазирад;

8. Дар мавриди аз ҷониби ҳайати таҳририя ба муаллиф баргардонидани мақола, танҳо як нусхаи он дода шуда, нашрия зарур намедонад, ки доир ба сабабҳои баргардонидани он бо муаллиф баҳс намояд. Матни мақолаи фиристонидашуда боядислоҳи ниҳоӣ дошта, ҷиддан таҳия ва бо имзои муаллиф (-он) супорида шавад. Дар мақолаи муштарак бояд имзои ҳамаи муаллифон бошад.

*Суроғаи мо: Душанбе, хиёбони Н. Қаробоев, 17 (ошёнаи 2), ПИТФИ, шуъбаи ахбори омма. Тел.: (+992 37) 233–84–58; email: murodi@mail.ru*

# К сведению авторов

В научном журнале «Вестник культуры» печатаются статьи содержащие результаты научных исследований по гуманитарним наукам: культуре, искусству, билиотековедению, СМИ и печатные издания, народные ремесла и другие, имеющие новизну.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Объём статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотации на таджикском, русском и английском языках;

2. Статья должна быть подготовленна в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компютере (гарнитура Times New Roman Tj, шрифт14, формат А 4, интервал 1,5, поля: верхнее-3 см., нижнее-2,5 см., левое-3 см., правое-2см; на одном листе 30 строк, в одной строке 60 знаков), все листы статьи должны быть пронумерованы;

3. Таблицы в статье должны быть указаны латинскими цифрами, вначале цифра таблицы, затем ее наименование;

4. Справа сверху 1-ой страницы указывается отрасль науки, ниже имя и фамилия автора, затем название организации, адрес, e-mail, номер телефона, затем по центру страницы указывается наименование статьи. Далее через пустую строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языке и ключевые слова (8-10 слов);

5. Список литературы указывается в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать не менее 6-8 наименованний литературы. Правила составления списка литературы в следующей форме: фамилия, имя, название, место издания: издательство, год издания, том или номер, общее колличество страниц или страницы статьи. Сноски показывать в квадратных скобках по примеру [1] [1, 3]. Перед местом издательства ставится точка тире (. –), местом издательства ставится двоеточие (:), перед годом издания ставится запятая (,) и перед общем колличеством страниц ставится (. –).

6. Научные статьи, представленые в редакцию журнала, должны имеет экспертное заключение и отзыв специалистов о публикации;

7. Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи;

8. В случае возвращения редколлегией публикации автору статьи для доработки, автор редактирует и вносит изменения в текст статьи. Окончательный вариант статьи должен быть подписан автором или соавторами. Статьи, не отвечающим правилам, редколлегией не принимаются.

*Наш адрес: Душанбе, проспект Н. Каробаева, 17 (2 этаж), НИИКИ, отдел средств массовой информации. Тел.: (+992 37) 233–84–58; email: murodi@mail.ru*

**ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ**

***Нашрияи илмию таҳлилӣ***
**2019, № 1 (45)**

**ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ**

***Научно - аналитическое издание***
**2019, № 1 (45)**

**HERALD OF CULTURE**

***Scientific and analytical edition***
**2019, № 1 (45)**

Сармуҳаррир
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
**Шариф Комилзода**

Муҳаррири масъул
доктори илмҳои филологӣ, профессор
**Муродов Мурод**

Муҳаррири техникӣ
**Ҷумъабой Қузиев**

Ба чоп 25.06.2019 имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/8.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 16.
Адади нашр 200 нусха. Супориши № 05/19

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ – 21